**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**

ТДУ: 81. тоҷик-4+809.155.0+03 тоҷик
ТБК: 81.2 тоҷик-4+92я2+83.3 (2 тоҷик)
К-32

**КАРИМОВА ГУЛЗИРА НУРУЛЛОЕВНА**

# ВОЖАҲОИ МУРАККАБИ СЕҶУЗЪА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502–Забони тоҷикӣ)

**Мушовири илмӣ:**
номзади илми филология,
**Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович**

**Душанбе-2023**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима.....5-17**

**Боби I.Нақши вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар такмили таркиби захираи луғавии забони тоҷикӣ.....18**

**1.1**. Маълумоти муқаддимотӣ.....18-25

1.2. Вожаҳои мураккаби сеҷузъа бо лексемаи “***хона***” .....25-36

1.3. Вожаҳои мураккаби сеҷузъа бо лексемаи “сар” ..... 36-40

1.4. Бо пасванди **-ӣ** сохтани калимаҳои мураккаби сеҷузъа.....40-57

А) сохтани калимаҳои сеҷузъа аз исмҳои мураккаб ва асоси замони ҳозираи феъл.....57-58

Б) сохтани калимаҳои сеҷузъа аз ибораҳои изофӣ ва асоси замони ҳозираи феъл.....58-61

1.5. Бо пасванди **- ак** сохтани вожаҳои мураккаби сеҷузъа .....61-67

1.6. Бо пасванди **-он** сохтани вожаҳои мураккаби сеҷузъа .....67-75

Натиҷагирии боби I.....76-77

**Боби II.Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти мураккаби сеҷузъаи марбут ба бонку бонкдорӣ ва соҳаҳои ҳаёт.....78**

**2.1.** Маълумоти муқаддимавӣ.....78-84

***2.2.***Таҳлили сохториву этимологии вожаҳои мураккаб бо лексемаи бонк.....84

**2.2.1.** Агроинвестбонк.....84-88

**2.2.2.** Тоҷиксодиротбонк.....88-90

**2.2.3.** Тоҷпромбонк.....90-91

**2.2.4.** Соҳибкорбонк.....91-94

**3.**Таҳқиқи сохториву маъноии номвожаҳои ҷуғрофии мураккаби сеҷузъа .....94-103

**4.** Таҳлили вожаҳои марбут ба асбобҳои рӯзгор .....103-107

**5.** Вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманданд .....108-110

**6.** Пажуҳиши бархе аз вожаҳо, ки ба соҳаи чорводорӣ робита доранд .....110-117
**7.** Вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки мафҳуми вақтро ифода мекунанд .....117-119
8. Таҳлили вожаҳои мураккаби соҳаҳои гуногун.....119-131
Натиҷагирии боби II.....132-133
Хулоса.....134-137
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ.....137-138
Рӯйхати адабиёт .....139-152
Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.....152-153
Замима.....154-159

**Номгӯи ихтисораҳо:**

КОА – комиссияи олии аттестатсионӣ

АМИТ– Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ФР – Федератсияи Россия

С. – саҳифаҳо (пеш аз тартиби саҳифаҳои фарогири мақола дар маҷмӯа ё маҷалла)

с. – саҳифа (барои нишон додани ҳаҷми умумии китоб, асар)

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФГҶЗТ – Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиш ва баррасии вожаву истилоҳоти мураккаби сеҷузъа на танҳо дар ташхиси вожаҳои муайяни забон, балки барои ошкор сохтани баъзе масъалаҳои этнолингвистӣ низ муфид арзёбӣ мешавад. Аз ин ҷиҳат, дар диссертатсия ба бархе аз вожаҳои мураккаби сеҷузъаи этнолингвистӣ, мардумшиносӣ, ки то ба ҳол мавриди таҳқиқоти густурда ва вижаи илмӣ қарор нагирифта таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Интихоби мавзуи пажуҳиш ба ҳайси диссертатсияи ҷудогона, пеш аз ҳама, ба мавриди омӯзиш қарор нагирифтани ин мавзуъ робита дорад. Ҳол он ки пажуҳиши вожаву истилоҳоти мураккаби сеҷузъаи забони тоҷикӣ аз нигоҳи вазъи кунунии он яке аз масъалаҳои мубраму актуалӣ дар соҳаи забоншиносӣ ба шумор меравад.

Инчунин баррасии ин мавзуъ барои омӯзиши суннатҳои гузашта ва имрӯзаи мардуми он ва дигар мардумони эронитабор низ дорои арзиши вижаро дорад. Пажуҳиши вижагиҳои луғоти мураккаби сеҷузъа таҳаввул ва ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ, махсусан дар муқоиса ба маводи осори шоирону нависандагони адабиёти классикиро, тайи беш аз ҳазор сол ошкор месозад.

Лозим ба зикр аст, ки иддае луғоти мураккабсохти таърихи забон имкони ба вожаҳои дигари муодил табдил гардиданро доштааст. Ин раванд дар забон баъдан иллати аз байн рафтани бархе аз вожаҳои мураккаби куҳна ва истилоҳоти дигари суннатӣ гардидааст. Забони тоҷикӣ низ мисли ҳар забони дигар дар тайи мавҷудияти худ ба дигаргуниҳои назаррас дучор омадааст. Бинобар ин, ҷамъоварӣ ва таснифу ташреҳи вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъаи забони тоҷикӣ ва омӯзиши ташаккулу таҳаввули таърихии онҳо низ барои ҳифозати ин навъи луғоти забон ва ҳам барои пажуҳишҳои минбаъдаи экстролингвистӣ кори судманде хоҳад буд.

Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки имрӯз забон дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ин ба рушду густариши забон вусъату суръати тоза мебахшад, захираи луғавиаш аз ҳисоби калимаҳои нав меафзояд.

Калимасозӣ яке аз масъалаҳои бисёр муҳимми забон буда, он ҳам ба таркиби луғавии забон ва ҳам ба сохти грамматикии он алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди он ки дар соҳаи калимасозии забони тоҷикӣ бисёр корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом расида бошанд ҳам, вале дар масъалаи вожасозии калимаҳои мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъа асари ҷудогонаи мукаммале ба вуҷуд наомадааст. Ё ин ки хусусиятҳои вожасозӣ дар як давраи алоҳида аз рӯйи ягон асари ҷудогона таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин ҳадафи дар назди худ гузоштаи мо аз он иборат аст, ки ҳамин роҳи вожасозиро аз рӯйи имкон мавриди баррасӣ қарор диҳем. Маводи диссертатсия асосан аз асарҳои насрии С.Айнӣ, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, Ҷ.Икромӣ ва калимаву истилоҳоти дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷудомада ҷамъоварӣ ва таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Ҳамчунин аз мутолиаи осори адибони классикӣ маълум мегардад, ки онҳо низ аз калимаҳои мураккаби сеҷузъа ба таври фаровон истифода кардаанд ва як бахши бисёр муҳимми осори онҳоро ин навъи калимаҳо ташкил додаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар забони тоҷикӣ воситаи пурмаҳсултарини вожасозӣ- ин воситаи калимасозии мураккаб маҳсуб меёбад. Калимаҳои мураккаб дар навбати худ аз ҷиҳати сохт ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд: дуҷузъа, сеҷузъа, чорҷузъа, мураккаби омехта ва ғайра.

Дар осори забони адабиёти классикӣ калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа мақоми хоса дошта, аз ғановатмандии захираи луғавии забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳанд. Бинобар ҳамин ҳангоми мутолиаи осори адибони адабиёти классикӣ хонанда ба вожаҳое рӯ ба рӯ мегардад, ки назири онҳоро дар осори шоирону нависандагони имрӯза

камтар метавон дид. Корбурди вожаҳои мураккаби бисёрҷузъа, яъне калимаҳое, ки аз се ё чор ҷузъи мустақилмаъно иборат аст, аз ҷумлаи чунин падидаҳо мебошад. Қобили зикр аст, ки ин хели калимаҳо дар маснавиҳои Абдулқодири Бедил, достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, осори Сайидо ва дигарон ба мушоҳида мерасанд, ки дар яке бештар ва дар дигаре камтар ба кор рафтаанд. Калимаҳои мураккаби сеҷузъа ва ё бисёрҷузъа дар забони тоҷикӣ (койнеи тоҷикӣ) ва ё шеваҳои дигари забони нави ғарбӣ (койнеи классикӣ, койнеи форсӣ, койнеи дарӣ) таърихи дуру дарозро тай намуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин он қадар, чунонки мебояд, маъмул нагаштаанд. Калимаҳои мураккаби сеҷузъа дар оғоз ва инкишофи забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ ҳам мавҷуд буданд, ки бархе аз шоирони адабиёти классикӣ ба кор бурдаанд. Масалан, дар Фирдавсӣ: «Сухан гуфтани паҳлави-ш ҳаст, Рӯдакӣ навгӯвожа», ки дар ин ҷо ***навгӯвожа*** аз се ҷузъ: ***нав+гӯ+вожа*** сохта шуда, аз рӯйи баромад ҳамаи бахшҳои калима тоҷикианд ва аз сифат, асоси замони ҳозираи феъл, исм таркиб ёфтааст. Ё ин ки дар асрҳои миёна дар осори Сайидои Насафӣ мебинем: **сафарнокардамардумдидае:** сафар (исм)+но (пасванди инкорӣ)+кард (асоси замони ҳозираи феъл)+а (пасванд)+мардум (исм)+дида (исм)+е (артикли номуайянӣ) ***сафар + но + карда + мардум + дида+е.*** Бархе аз донишмандон бар он андешаанд, ки гӯё ин гуна калимаҳоро Сайидо кашф ва ё сохта бошад, ҳол он ки пеш аз ӯ чунин навъи вожаҳоро адибони дигар низ сохтаанд. Чунончи, Низомӣ ***Юсу ошиқзулайхо*** гуфтааст, ки ба андешаи мо, аз ибораи ***Юсуф ошиқи Зулайхо*** ҳосил гардидааст. Ҳамин гуна калимасозиҳо боис шудаанд, ки баъзе шоирону нависандагони давраи нав аз чунин қолаби калимасозӣ ба кор баранд. Масалан, М.Турсунзода ҳам дар ҳамин қолаб вожаи ***«мушкилосонкасон»***-ро сохтааст. Дар ҳоле ки шоир метавонист, ин калимаро ба шакли маъмули классикӣ чунин баён кунад: ***«Ҳар ку кард осон мушкил онро гум макун».***

Ба ҳамин минвол, чунин калимаҳои сеҷузъа ё бисёрҷузъа каму беш дар масири таъриху фарҳанги мо ба вуҷуд омадаанд ва минбаъд ҳам пайдо мешаванд, вале бархе аз онҳо на ҳамеша аз ҷониби ҷомеаи бофарҳанг, донишмандони соҳибзавқу хушсалиқа ва муҳаққиқони забон пазируфта мешаванд. Ин навъи калимаҳои мураккаби сеҷузъа ё бисёрҷузъа умри кӯтоҳ доранд ва дар ҳамон мисраъҳои шеърӣ ва осори насрӣ ё назмӣ боқӣ мемонанд.

***Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.*** Вожасозӣ яке аз воситаҳои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон буда, усулу роҳҳо ва қолабҳои зиёд дорад, ки мунтазам густариш меёбад. Аз ин ҷиҳат, дар соҳаи калмасозӣ донишмандони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ корҳои илмии боарзишу судманде ба анҷом расонидаанд, ки дар онҳо вижагиҳои қолабҳои вожасозӣ нишон дода шудаанд. Вожасозии исм яке аз масъалаҳои муҳим буда, он дар забоншиносии тоҷик ба таври мукаммал мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, ки таваҷҷуҳи донишмандонро ҷиҳати сохтории исм ба худ ҷалб намудааст. Роҷеъ ба ин масъала асосан Ш.Рустамов дар пажуҳишҳои худ “Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик” (1972), “Исм” (1981) андешаҳои хешро ба таври муфассал баён намудааст.

Инчунин ин масъала дар вақти таҳлилу таҳқиқи забон ва услуби осори шоирону нависандагони форсу тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон Н. Маъсумӣ (1959), Р. Ғаффоров (1966), Б. Камолиддинов (1967), Х. Ҳусейнов (1973), Д. Карамшоев (1973), С.Ҳалимов (1975), С. Низомова (2002), А. Байзоев (2016), Р. Султонов (1949), Ф. Амонова (1982), О. Қосимов (2006), Ж. Гулназарова (2011), С. Назарзода, С. Раҳматуллозода (2019), С. Мирзоев (2018) ва дигарон баррасӣ шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки ҳанӯз дар асри XIX шарқшиноси рус А. Берёзин дар китоби худ “Грамматика персидского языка” (1853) роҳҳои вожасозии забони форсиро хеле хуб нишон додааст ва ӯ бештар ба масъалаи аз кадом ҳиссаҳои нутқ ташкил ёфтани исму сифат

таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. В.П. Наливкин роҳҳои бо пешванду пасвандҳо сохта шудани исму сифат ва феълро ба таври мухтасар шарҳ дода, воситаи мураккаби сохтани вожаҳоро низ баён кардааст [1]

Баъдан дар замони Шуравӣ ин анъана идома ёфт ва асару мақолаҳое аз ҷониби муҳаққиқони рус ба таҳқиқ расид, ки маҳз ба ин масъала бахшида шудаанд. Аз ҷумла, Р. Галуков дар асари илмии хеш, ки бо номи “Краткая грамматика персидского языка” (1922) маъруфият дорад, дар он нахуст ба воситаи пасвандҳо (суффиксҳо) сохта шудани вожаҳоро нишон медиҳад ва усули мураккаби калимасозии ҳиссаҳои нутқро “словосоставление” номидааст.

Дар “Грамматикаи забони форсӣ” (1926), ки муаллифи он Е.Э. Бертельс мебошад, қудрати вожасозӣ доштани забони форсӣ (тоҷикӣ)-ро таъкид кардааст. Ӯ дар ин асар ду роҳи вожасозиро нишон додааст: а) усули мураккаб; б) тавассути аффиксҳо сохта шудани исму сифат. Ин донишманд роҳи якумро “словосочетание” ва усули дуюмро “словопроизводство” номидааст.

Л.И. Жирков– муаллифи дигари грамматикаи забони форсӣ “Персидский язык (элементарная грамматика)”– (1927) низ ду роҳи вожасозиро сабт намуда ва дар бораи калимасозии исму сифат маълумоти иҷмолӣ додааст.

Дар бораи калимасозии исм дар забони тоҷикӣ дар грамматикаҳои мактабӣ, академикӣ ва бархе аз пажуҳишгарони забоншинос маълумот ироа гардидааст. Масалан, Ш.Ниёзӣ дар асари илмии хеш “Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ” (1954) дар бораи вожасозии исм таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Ӯ дар ин асар роҳҳои сохта шудани исмҳо ва чӣ гуна сохтани онҳоро бо мисолҳои мушаххас шарҳу эзоҳ додааст.

[1] Mahshid Mohiri. Persian Dictionary Abphabetical – analojical–Tehran: Soroush Press 1900.–1190 pp.

Дар “Очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ” (1954), ки бо забони русӣ таълиф ёфта ва муаллифи он В.С. Расторгуева мебошад, дар он вожасозии исму сифат дар забони тоҷикӣ бо мисолҳои дақиқ баррасӣ шудааст. Инчунин ин масъала дар “Грамматикаи забони тоҷикӣ” (1956) маълумоти бештаре ба мушоҳида мерасад ва дар ин китоби таълимӣ, асосан, ба таркиби морфологии вожаҳои мураккаб таваҷҷуҳ гардидааст.

Дар асарҳои минбаъдаи забоншиносӣ низ, аз ҷумла “Забони адабии ҳозираи тоҷик” (1973), “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (1985) ва монанди инҳо дар бораи вижагиҳои калимаву истилоҳоти мураккаби сеҷузъа таҳқиқоти махсусе, ки ҷанбаҳои калимасозии ин гуна истилоҳотро ҳамаҷониба фаро гирифта бошад, ба вуҷуд наомадааст. Танҳо дар бархе аз пажуҳишҳо ва китобҳои грамматикии академӣ ва мактабҳои олӣ роҷеъ ба чанд калимаи мураккаби сеҷузъа ба таври умумӣ ва ё мухтасар андешаҳо баён гардидааст, ки танҳо номбар шудаанд ва ё хусусияти лексикографӣ доранд, на таҳқиқотӣ.

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва пажуҳиши бахшҳои забон–чи фонетика, чи грамматикаю морфология, асосан, аз солҳои 30-юм ва 40-уми асри гузашта оғоз гардидааст.

Пажуҳиши калимаҳои мураккаб, бавижа калимаҳои мураккаби сеҷузъа, дар забони тоҷикӣ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст, бо вуҷуди он ки чунин навъи вожаҳои мураккаб дар осори шоирону нависандагони адабиёти классикӣ ва нав ба мушоҳида мерасанд. Роҷеъ ба ин масъала корҳои иҷмолӣ дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (1985), “Забони адабии ҳозираи тоҷик” (1973, қ.1), асарҳову мақолаҳои Ш. Рустамов, С. Раҳматуллозода (2019), С. Мирзоев (2018) ба анҷом расидааст, ки ҳамаи паҳлуҳои ин навъи калимасозиро фаро гирифта наметавонанд.

Дар робита ба ин масъала донишмандони тоҷик, Ш.Ниёзӣ, М.Турсунов, М.Муҳаммадиев, Қ.Тоҳирова, М.Шукуров, Н.Шарофов, А.Халилов, С.В.Хушенова ба таҳқиқи калимасозӣ, аз ҷумла баррасии исмҳои мураккаб, машғул шуда, кӯшиш кардаанд, ки замина ва қолабҳои онҳоро нишон диҳанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишуда, бо барномаҳои мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ алоқаи мустаҳкам дошта, он дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ анҷом ёфтааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқ**

***Мақсади таҳқиқ.*** Зарурати интихоби мавзуи номбурдаро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи диссертатсия нисбат ба таърихи пайдоиш ва рушду густариши вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва ё аз истифода баромадани бархе аз онҳо ва кам омӯхта шудани онҳо аз нуқтаи назари таърихиву забоншиносӣ ба миён овард.

***Вазифаҳои таҳқиқ*** пеш аз ҳама, муайян ва муқаррар намудани қонуниятҳои асосии сохтории вожаҳои мураккаби сеҷузъа, таъйин ва мушаххас кардани баъзе вижагиҳои онҳо, ҳудуди интишор ва роҳҳои сохта шуданашон мебошад. Инчунин қолабҳои сохтории вожаҳои мураккаби сеҷузъа муайян гардида, хусусиятҳои рушду такомули онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин ҷиҳатҳои мухталифи этимологии бархе аз решаи калимаҳои мураккаб дар муқоиса ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба риштаи пажуҳиш кашида мешавад.

Мақсади пажуҳиш дар чунин нуктаҳои омӯзиш муайян гардидаанд:

– таъйин ва муқаррар кардани қонунияти сохтории вожаҳои мураккаби сеҷузъа;

– нишон додани бархе аз вижагиҳои умумии ин навъи калимаҳо дар муқоиса бо баъзе шеваҳо, давраҳои то истиқлол ва пас аз истиқлол;

– муқаррар намудани доираи густариши вожаҳои мураккаби сеҷузъа;

– муайян сохтани қолабҳои грамматикии вожаҳои мураккаб ва баррасии вижагиҳои ташаккул ва таҳаввули онҳо.

Вазифаҳои асосии пажуҳиши диссертатсияро муаллиф ба чунин ҷанбаҳои таҳқиқотӣ алоқаманд мешуморад:

1. Ҷамъ овардани маводи вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъа аз сарчашмаҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ, номи бархе аз корхонаву муассисаҳои давлатӣ ва лавҳаву овезаҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар.

2. Таснифу таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва ҷо-ҷо решашиносии маводи гирдовардаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа.

3. Таъйин намудани мавқеи асосии ташаккули вожаҳои мавриди пажуҳиш.

4. То ҷойи имкон муайян кардани замону макони пайдоиш ва рушду инкишофи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа.

Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз рӯйи имкон дар шарҳу маънидоди муҳтавои вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва вазифаҳои пешбинишуда дар низоми таърихи забонҳои эронӣ ва то ҷое забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва таърихи густариши маводи мавриди назар саҳме дошта бошад.

Ҳаллу фасли чунин, масъалаҳои зерин иҷрои ин гуна талаботро тақозо мекунад:

- пажуҳиши ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқшаванда;

- тасниф, таҳлилу ташреҳи лингвистии вожаҳои мураккаби сеҷузъа;

- баррасиии усулҳои нави таҳқиқи этнолингвистӣ маводи гирдомада.

***Объекти таҳқиқ:*** Объекти тадқиқ вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад.

***Предмети таҳқиқ.*** Таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва роҳҳои калимасозӣ дар вожаҳои мураккаби сеҷузъа.

Ҳангоми шарҳу тавзеҳи этимологии решаи вожаҳои мураккаб маводи гурӯҳи забонҳои эронӣ ва хонаводаи забонҳои хеш, махсусан ҳиндуаврупоӣ, истифода шудааст.

***Асосҳои назарии таҳқиқ.*** Осори донишмандони ватаниву хориҷӣ барои заминаи асосҳои назариявии таҳқиқот нақши муҳимро иҷро намудаанд, ки бархе аз онҳоро метавон номбар кард: А.Л. Хромов, В.А. Лившитс, В.С. Расторгуева, Н.М. Оранский, Л.С.Пейсиков, А.З. Розенфелд, Ю.А. Рубинчик, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, С. Ализода, Р. Ғаффоров, Ф. Зикриёев, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, М. Султонов, О. Маҳмадҷонов, З. Мухторов ва дигарон.

Барои пажуҳиши ҳамаҷонибаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа аз методҳои таҷзияву таҳлил ва усулҳои синхронӣ ва диахронӣ, ки, асосан, аз таҳлилу баррасии сохторӣ иборат мебошанд, истифода шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи лингвистии вожаҳои мураккаби сеҷузъа мо аз рӯйи имкон сарчашмаҳои адабиёти классикӣ, адабиёти давраи нав, замони истиқлолро мавриди баҳрабардорӣ қарор додем.

Аз нигоҳи назариявӣ муаллифи диссертатсия, асосан, ба пажуҳишҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, Ф. Амонова, Д. Саймиддинов, М. Муҳаммадиев, С. Назарзода, Н. Шаропов, С. Ҳалимов, Г. Мирзоев, М. Н. Қосимова, О. Қосимов, М. Ҳ. Султон, С. Раҳматуллозода, Ж. Гулназарова, С. Мирзоев, С. Низомова, Т. А. Чавчавадзе, Д. Т.

Чхеидзе, В. Н. Хохлачева, Н.М.Шанский, Л. С. Пейсиков, О. Д. Мешков ва дигарон такя намудааст.

***Асосҳои методологии таҳқиқ***. Дар рафти баррасии масъалаҳои дар пеш гузошташуда усулҳои гуногуни забоншиносии муосир, аз ҷумла усулҳои сохторӣ, муқоисавии диахрониву синхронӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва этнолингвистика мавриди истифода қарор гирифтааст.

Методи таҳқиқи диссертатсияи моро, асосан, методҳои синхронӣ, диахронӣ, таҳлили луғавӣ-маъноӣ, сохториву грамматикӣ ва этимологӣ ташкил медиҳад. Инчунин яке аз воситаҳои асосии таҳқиқ методи тавсифӣ буда, ҳангоми ҷамъоварӣ, тавсиф, таҳлили калимаҳои мураккаби сеҷузъа ва шарҳу эзоҳи ҳар як ҷузъи калима аз ин усул истифода гардидааст.

***Сарчашмаҳои таҳқиқ.*** Маводи таҳқиқ дар бораи вожаву истилоҳоти мураккаби сеҷузъа, асосан, дар заминаи маводи бархе аз осори шоирону нависандагони тоҷики адабиёти классикӣ ва давраи нав дар мисоли А. Ҷомӣ, А. Бедил, С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р.Ҷалил ва китобҳову монографияҳо, аз ҷумла “Забони адабии ҳозираи тоҷик” (Душанбе, 1973, 451 с.), “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (Душанбе, 1985), Ш. Рустамов “Исм” (Душанбе, 1981, 218 с.), инчунин аз маводи овезаҳо ва номҳои баъзе бонкҳо, ошхонаву тарабхонаҳо, номи шуморе аз ташкилоту муассисаҳо ва амсоли онҳо мураттаб гардидааст.

***Навгонии илмии тадқиқ.*** Навоварии бахшҳои мавзуъ иборат аз он аст, ки бештари масоили мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷик бори нахуст баррасӣ мегардад. Масъалаҳои ба нақшаи таҳқиқ воридшуда дар забоншиносии тоҷик ба шакли диссертатсияи ҷудогона аввалин бор ба риштаи таҳқиқ даромадааст. Таҳқиқоти ба анҷомрасида дар бахши лексика, махсусан вожасозии калимаҳои мураккаби сеҷузъа, дар асоси маводи осори бархе аз нависандагони

тоҷик ва давраи Истиқлол ба дастомада ҷамъбаст гардид. Таҳқиқоти амалишудаи вожаҳои мураккаби сеҷузъа имкон фароҳам меорад, ки омӯзиши нисбатан амиқи таркиби луғавӣ амалӣ гардад, вожаҳои мавҷуднабудаи мураккаб ба таркиби луғавии забон ба таври асоснок ворид гарданд, барои такмили луғоти мавҷудбуда ва омодакунии луғатҳои мукаммали забони тоҷикӣ дар оянда замина мегузорад.

***Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда***

1. Барои таҳқиқи рушду густариши таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва таҳияву такмили фарҳангҳои тафсирӣ мусоидат мекунад.

2. Воҳидҳои луғавии калимаҳои мураккаби сеҷузъа, асосан, аз ҳисоби вожаҳои решагии тоҷикӣ, аврупоӣ, арабӣ, туркӣ ва ибораҳои изофӣ ба вуҷуд омада, ба қолаби калимасозии забони тоҷикӣ даромадаанд.

3. Аз баррасии вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории калимаҳои мураккаби сеҷузъа муайян карда шуд, ки роҷеъ ба ин масъала исмҳои макон, пеша ва ё касбу ҳунар, номи дастгоҳҳо, номвожаҳои ҷуғрофӣ, вожаҳои суннатии маросимӣ ва мавсимӣ, истилоҳоти кишоварзиву чорводорӣ, тиббӣ, дипломатӣ, бонкдорӣ, бархе корхонаву муассисаҳо ва ғайраҳо ба вуҷуд омадаанд.

4. Таҳлил ва таҳқиқи хусусиятҳои маъноиву сохтории истилоҳоти мавриди назар, асосан, бо ҷузъҳои “сар”, “хона”, “мӯй”, тоҷик” ва алоқамандӣ бо пасвандҳои “-ӣ, -он”, ки мутобиқи суннати калимасозии забони тоҷикӣ мебошанд, сурат гирифтааст.

5. Нишон додани мансубияти ҳиссаи нутқии ҷузъҳои таркибии калимаҳои мураккаб.

6. Баъзе қонуниятҳои пайдоиш, ташаккулу таҳаввули таърихии калимаҳои мураккаб муқаррар карда шудаанд.

***Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.*** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки дар диссертатсия тарзу усул ва мавриди корбаст гардидани калимаҳои мураккаби сеҷузъа муқаррар

гардидааст. Арзиши назариявии дисертатсия ва арзёбии масъалаҳои пажуҳиш инчунин дар он ифода мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои маъноии калимаҳои мураккаби сеҷузъа, роҳу воситаҳои пайдоиши онҳо нишон дода шудааст.

Аҳаммияти амалии пажуҳиш аз он иборат аст, ки натиҷагириҳои диссертатсия метавонад, дар шаклгирии корҳои илмии таҳқиқотии марбут ба калимасозӣ ва луғатшиносӣ истифода гарданд. Бо ҳамин мақсад ҷанбаҳои вижаи таҳлили ин пажуҳишро дар самтҳои зерин метавон ба кор бурд:

– барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои забоншиносӣ, лексикология, маъношиносӣ, луғатсозӣ;

– барои такмили фарҳангҳои тавсирии забони тоҷикӣ.

***Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи илмӣ.*** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат дорад.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.*** Муаллифи диссертатсия маводи таҳқиқро аз осори бархе аз адибони адабиёти классикӣ, нав, лавҳаву овезаҳо, номи баъзе корхонаву муассисаҳои давлатӣ, ошхонаву тарабхонаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар шакли картотека, ки беш аз 116 вожаи мураккаби сеҷузъаро фаро мегирад, ҷамъоварӣ намуда, аз ҷиҳати роҳҳои калимасозӣ ва грамматикӣ мавриди пажуҳиши сохторӣ, луғавӣ-маъноӣ ва этимологӣ қарор додааст. Дар заминаи кори диссертатсионӣ ҳамчун маводи боарзишу судманд барои омӯзиши таърихи забон, лексикология ҷой дода шудааст. Пажуҳиши мазкур заҳмати чандинсолаи муҳаққиқ ба ҳисоб рафта, ба сурати диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

***Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.*** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

ба иҷро расида дар ҷаласаи шуъбаи номбурда (қарори № 2 аз 22 феврали соли 2022) муҳокима шудааст.

Аз рӯйи мавзуъ 11 мақолаи илмӣ, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидааст. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсия дар семинар ва конференсияҳои ҷумҳуриявии шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии АМИТ (2017, 2019), конференсияи байналмилалии “Роҳи Абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё”-и Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (2018) муҳокима ва ироа гардидаанд.

***Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.*** Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои пешбинишуда диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 14 фасл, 6 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзӯи диссертатсия ва замима иборат буда, мазмуни пажуҳиш дар 159 саҳифаи чопи компютерӣ манзур мегардад.

# Боби I.

## Нақши вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар такмили таркиби захираи луғавии забони тоҷикӣ

### 1.1. Маълумоти муқаддимотӣ

Яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳимми илми забоншиносӣ ин сохтани калимаҳои бисёрҷузъа, бавижа вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ба шумор меравад, ки дар давраи Истиқлол нақши муҳим пайдо кардаанд.

Ба ин мавзуъ муҳаққиқони қаблӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ин рӯ, то имрӯз ба ин масъала ба истиснои баъзе ишораҳои иҷмолӣ ягон асари илмии ҷудогона рӯйи кор наомадааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе асарҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ дар бораи вожаҳои мураккаби сеҷузъа андешаҳои умумӣ ироа шудааст. Масалан, дар китобҳои “Забони адабии ҳозираи тоҷик” [23, с. 175-177], “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” [17, с. 125-126], монографияи Ш.Рустамов [80, с.163], ки бо номи “Исм” маъруф аст, каму беш маълумот дода шудааст. Роҷеъ ба ин масъала забоншинос С. Хоркашев (ҳоло Раҳматуллозода С.) низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар диссертатсияи илмии худ чанд калимаи мураккаби сеҷузъаи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро ба мушоҳида гирифта, мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки истифодаи он аз манфиат холӣ нест ва метавон онро ҳамчун сарчашмаи илмӣ ба кор бурд [97, с. 56-57; 97, с. 53] (Хоркашев, 95, 56-57; 97, 47), Раҳматуллозода [79, с. 180-183].

Инчунин муҳаққиқ С. Мирзоев як мақолае ба нашр расонидааст, ки бевосита ба ҳамин масъала робита дорад. Мақолаи номбурда таҳлил ва таҳқиқи чанд калимаи мураккаби сеҷузъаро, ки ба соҳаи бонку бонкдорӣ алоқаманданд, фаро гирифта, маҳсули давраи Истиқлол мебошад. Пажуҳишгар дар ин мақола истилоҳоти “Агроинвестбонк”, “Соҳибкорбонк”, “Тоҷиксодиротбонк”, “Тоҷпромбонк”-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст [45, с. 76-85].

Аз мутолиаи осори адибони классик, асарҳои шоирону нависандагони адабиёти муосир ва мушоҳидаҳои шахсӣ, аз лавҳа, овезаҳои кӯчаву хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва номи муассисаву ташкилотҳои дар давраи истиқлол бавуҷудомада маълум мегардад, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳоти мураккаби сеҷузъа ва бисёрҷузъа корбаст гардидаанд ва имрӯз доираи васеи истифода қарор доранд:

Махсусан, дар калимасозии вожаҳои бисёрҷузъа Бедил маҳорати вижа дорад ва теъдоди ин навъи калимаҳо дар осори ӯ беш аз панҷсадто мебошад, ки ҳамчун намуна метавон аз чандтои он ёдовар шуд: ***бӯигулмаҳмил, чамангулдастасоз, биёбонмаргном, симузархез, тӯфонбаоламфикан, оташдарҷигаррез*** ва монанди инҳо:

Гар-аз ин кӯҳсори ***симузархез***,
Ҷаҳонерост ***оташдарҷигаррез***. [146, с.626]

Дар ин мисраъҳои шеърӣ ду вожаи мураккаби бисёрҷузъа– ***симузархез*** ва ***оташдарҷигаррез*** мавҷуд аст, ки яке аз исм, миёнванди -у-, исм ва асоси замони ҳозираи феъл ва дигаре аз исм, пешоянди дар, исм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Бедил дар сохтани вожаҳои мураккаби бисёрҷузъа маҳорати махсус ва фавқулода доштааст. Бархе аз вожаҳои мураккаби сохтаи ӯ агар аз ибораҳо сурат гирифта бошанд, баъзе аз онҳо як ҷумлаи томро ифода карда метавонанд. Ҷоиз ба зикр аст, ки аз ҷумлаи сода сохта шудани калимаҳоро бори аввал дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқ С.Раҳматуллозода дар асоси маводи фаровони шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ асоснок кардааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ, ташаккули ягонаи овозӣ доштани як зада ва як маъноро ифода карда, ба як ҳиссаи нутқ мансубият пайдо кардани

ҷумлаҳои сода боиси ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб гардидааст (Раҳматуллозода, 2019, с.157-166). Ин ҳолатро дар калимаҳои таҳлилшудаи мазкур дидан мумкин аст. Масалан, вожаҳои ***оташдарҷигаррез*** ва ***тӯфонбаоламфикан*** аз ҷумлаи чунин калимаҳое мебошанд, ки метавон аз онҳо ҷумлаҳои зайлро сохт: ***Оташ дар ҷигар рез; Тӯфон ба олам фикан.*** Ин ҷумлаҳо ҷумлаҳои содаи дутаркиба буда, дар онҳо ҳам мубтадо ва ҳам хабар истифода шудааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ суннати истифода ва сохтани вожаҳои мураккаби бисёрҷузъаро дар достонҳои худ ба қадри имкон ба кор бурдааст, ки шуморе аз онҳо дар достони “Юсуф ва Зулайхо” ба мушоҳида мерасанд. Масалан, яке аз чунин вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар мисраъҳои шеърии Ҷомӣ ба шакли зерин омадааст:

Чу бар нозук танаш шуд пироҳан рост,
Ба ***заркашдебаи*** Чинаш биёрост.
[148, с.127]

Ин ҷо вожаи ***заркашдеба*** мураккаби сеҷузъа буда, аз ***зар, каш, деба*** (исм+асоси замони ҳозираи феъл+исм) таркиб ёфта, ҳамаи ҷузъҳо аз ҷиҳати баромад бунёди тоҷикӣ доранд, ки ду ҷузъи аввал, яъне ***зар*** ва ***каш*** маънои онҳо дар забони тоҷикӣ маъмул аст ва шарҳу эзоҳи зиёдатиро талаб намекунанд. Вале вожаи ***деба*** барои хонандаи тоҷик шарҳталаб мебошад, чунки ин калима дар чунин шакл дар забони тоҷикӣ ба кор намеравад. Бинобар ҳамин шарҳи он барои хонанда аз манфиат холӣ нест.

Вожаи ***деба*** ё гунаҳои дигари он ***дебо, дебоҳ*** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” сабт гардида чунин маънидод шудааст: “Порчаи нафиси абрешими қиматбаҳо, ҳарир” ва аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Хоҷу, Саъдӣ, Шоҳин ба таври намуна шоҳид оварда шудааст [125, с.360].

Аммо дар маҷмуъ калимаи ***заркашдеба*** дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ аз назари мураттибон пинҳон мондааст.

Дар “Фарҳанги осори Ҷомӣ” низ калимаи мавриди пажуҳиш яъне ***заркашдеба***, ки мураттиби он А. Нуров мебошад, ба қайд гирифта нашудааст.

Ҳамин тавр, маънои вожаи ***“заркашдеба”***–ро метавон чунин шарҳ дод: “либосе мебошад, ки он аз зар духташуда, либоси зардӯхт”.

Калимаҳои мураккаби сеҷузъа, асосан, аз ибораҳо ва ҳатто аз ҷумлаҳои сода таркиб ёфтаанд, ки мисоли равшани он “заркашдеба” мебошад. Аз ин вожаи мураккаб чунин ибораҳои изофӣ ва пешояндӣ сохтан мумкин: дебои зардӯхт; дебои аз зар дӯхташуда; дебои зариндӯхт, дебои зардӯзишуда ва ғайра.

Вожаи дигари мураккаби сеҷузъа, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар маснавии “Юсуф ва Зулайхо” мавриди истифода қарор додааст, ин ***“аторудҳашмат”*** мебошад:

Даромад ногаҳон аз дар чу моҳе,
***Аторудҳашмате,*** хуршедҷоҳе.
[148, с.127].

Вожаи ***аторудҳашмат*** низ аз се ҷузъи мустақилмаъно ***ато+руд+ҳашмат*** (исм+исм+исм) таркиб ёфтааст. Аз ҷиҳати баромад калимаҳои ***“ато” ва “ҳашмат”*** арабӣ буда, ***“руд”*** тоҷикист.

***Ато*** маънои “бахшиш, инъом”-ро дошта, “руд” яке аз асбобҳои тордори мусиқӣ мебошад ва ***“ҳашмат”*** аз ***“ҳашам”*** буда, маъноях ***хизматгорон, навкарон, човкарони подшоҳӣ, давлатмандон, хоҷагон*** аст, яъне шакли ҷамъ дорад [125, с., 97; 126 с., 739].

Калимаи ***“аторудҳашмат”*** ҳам дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва ҳатто дар фарҳанги осори Ҷомӣ, ки махсус ба шарҳу эзоҳи вожаҳои осори шоир бахшида шудааст, аз нигоҳи мураттибон дур мондааст.

Чунонки ишора кардем, ин хели калимаҳо аз ибораву ҷумлаҳо сохта шуда, шоирону нависандагон барои муъҷазу образнок баромадани сухани худ аз кӯтоҳбаёнӣ ва ё вазну қофияи шеър истифода мекунанд.

Вожаи ***"зарринкашҳулла"*** ба истилоҳоти сару либос алоқаманд буда, аз ***заррин+каш+ҳулла*** (сифат+асоси замони ҳозираи феъл+исм) ташкил ёфтааст. Қайд кардан лозим аст, ки вожаи ***заррин*** аз исми ***зар*** ба воситаи пасванди ***-ин*** сифат сохтааст, муродифи он, ки бо пасванди ***–гин*** сохта шудааст, вожаи ***тиллогин*** мебошад.

Ҷомӣ дар яке аз мисраъҳои шеърии худ ин калимаро чунин ба назм даровардааст:

Тани симинаш аз пашмина мафарсой,
Ба ***зарринкашҳулла*** сарвашро биёрой.
[148, с.158].

Вожаҳои ***"заррин"*** ва феъли ***"каш"*** шарҳу эзоҳ намехоҳанд ва ҷузъи сеюм "ҳулла"-ро бояд шарҳ дод, зеро дар забони тоҷикӣ дар шакли алоҳида ба кор намеравад.

"Ҳулла", ки сурати дигари он "ҳуллат" мебошад, аз ҷиҳати баромад арабӣ буда, дорои маънои "либос, ҷома, куртаву эзор, либоси нав" будааст [126, с.757].

Калимаи ***зарринкашҳулла*** низ мисли вожаҳои мураккаби сеҷузъаи дигар дар фарҳангҳо ба қайд гирифта нашудааст.

Ҳамин тавр, дар пажуҳишҳои забоншиносӣ то ҳол дар бораи калимаҳои мураккаби сеҷузъа ё бисёрҷузъаи осори Ҷомӣ таҳқиқоти ҷудогонае рӯйи кор наомадааст. Бо вуҷуди ин дар бораи бархе аз вижагиҳои забони осори шоир мақолаву таҳқиқотҳои илмии судманде ба анҷом расидаанд, ки зикри онҳо аз манфиат холӣ нест. Роҷеъ ба осори забони осори Ҷомӣ мақолаи Д.Карамшоев (1973, 127-143),

пажуҳишҳо ва мақолаҳои Ж.Гулназарова (2011) ба нашр расидаанд, ки истифодаи инҳо судманд ва мувофиқи матлаб аст.

Омӯзиш ва пажӯҳиши вижагиҳои забони осори шоирон ва нависандагони адабиёти классикӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва самарабахш барои такмили фарҳангҳои минбаъдаи тоҷикӣ мебошад. Чунки яке аз сарчашмаҳои ғановатманд гардидани забони тоҷикӣ (чи аз нигоҳи таркиби луғавӣ ва чи аз ҷиҳати сохти грамматикӣ) гӯйишҳои забони тоҷикӣ бошанд, манбаи дигар ин осори шоирону нависандагони адабиёти классикӣ, аз ҷумла А. Ҷомӣ, А. Бедил, С.Насафӣ, Н.Хусрав ва дигарон маҳсуб меёбад. Дар сохтани калимаҳо шоирон ва нависандагон ба воситаи пайвасткунӣ ба миён овардани вожаҳоеро, ки тавассути пешванду пасвандҳо офаридани калимаҳоро бештар истифода бурда бошанд ҳам, бо вожаҳои мураккаб сохтани калимаҳои нав низ дар осори онҳо ба мушоҳида мерасанд. Албатта бо чунин усули калимасозӣ вожаҳои мураккаби сеҷузъаи бисёр шевову зебо истисно нест. Масалан, калимаи ***гулгунхатафган***, ки аз вожаҳои ***гул, хат, афган*** сохта шудааст:

Шуд аз нохун ба рух ***гулгунхатафган,***
Чу ирқи нохуна дар чашми равшан.
[148, с.210].

***Гулгун*** маънои “мислу монанди гул, гулранг, сурхранг”-ро дошта, ***хат*** шарҳ намехоҳад, аммо маъноҳои маҷозии зиёде дорад, ки дар фарҳангҳо мавҷуд аст; ***афган*** асоси замони ҳозираи феъли ***афгандан // афкандан*** буда, ин феъл дорои маъниҳои “партофтан; сарозер партофтан; дур сохтан; густурдан” ва ғайра [63, с.53; 128, с. 93] мебошад.

Маънои пурраи калимаи ***гулгунхатафган*** “рухсораи бо нохун харошидашудаи хунолуд” мебошад, ки мансуб ба бону Зулайхост.

Ба ҳамин минвол забон дар ҳамаи даврахои рушду густариши ҷамъият ҳамчун воситаи робита хизмат намуда, унсурҳои вижаеро

фаро мегирад, ки байни худ алоқаманд мебошанд. Ин унсурҳо аз овозҳо, ҳиссаҳои маънодори вожа, ибораву ҷумлаҳо иборатанд. Ин унсурҳои забон аз ҳамдигар ҷудо набуда, онҳо воҳиди ягонаи органикиро ташкил медиҳанд ва танҳо дар раванди мушоҳидаву таҳлил ва пажуҳишҳои махсус ҷудо карда мешаванд.

Вожасозӣ дар забон нақши бисёр муҳим дошта, таркиби луғавии забонро бо калимаву истилоҳоти нав, ки дар раванди таърихӣ ва рӯзмарраи рушду густариши ҷамъият ба вуҷуд меоянд, ғанӣ месозад.

Зери мафҳуми вожасозӣ тарз ё роҳҳое фаҳмида мешавад, ки бо ёрии онҳо калимаҳои нав сохта шудааст. Масалан, вожаҳои мураккаб, аффиксатсия (= бо пасванду пешвандҳо) сохтани калимаҳо. Вожаи мураккаби **гулоб** бо роҳи пайвастани калима бо калима аз **гул** ва **об** таркиб ёфтааст; **алафзор** бо роҳи пасвандӣ (суффиксатсия) аз **алаф** (исм) ва пасванди маконсози **-зор** сохта шудааст.

Дар забонҳои дунё, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ низ, роҳҳои муайян ва гуногуни вожасозӣ мавҷуд аст, ки байни онҳо ҳам воситаҳои пурмаҳсули инкишофёбанда ва ҳам каммаҳсули азбайнраванда ба мушоҳида мерасад.

Воситаҳои калимасози забон мувофиқи талаботу шароиташон, ки метавонанд бо роҳҳои ифоданокӣ тобишҳои гуногуни андеша пайдо кунанд ва бо худи ҳамин талабот робитаи одамонро қонеъ гардонанд, инкишоф меёбанд.

Бояд зикр кард, ки вожасозӣ ба ташаккул ва таҳаввули таърихии забон низ робитаи қавӣ дорад. Фаҳмидани қонунҳои дохилӣ, роҳҳои рушду инкишоф ва ташаккули сохти вожасозӣ бе далелҳои таърихӣ имконнопазир мебошад.

Аз ин ҷиҳат, омӯзиш ва пажуҳиши роҳҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ аз рӯйи назму насри бадеии адабиёти классикӣ ва давраи нав барои грамматикаи забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд.

Исмҳои мураккаби сеҷузъа аз ҳиссаҳои гуногуни мустақилмаънои нутқ бо роҳҳои гуногун сохта шудаанд ва зинаҳои мухталифи калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Аз рӯйи сохт ва зинаи тайкардаи онҳо метавон муайян кард, ки ин гурӯҳи вожаҳо аз ибораҳо сохта мешаванд ва пасвандҳо дар баъзе мавридҳо чун воситаи грамматикӣ ба кор мераванд.

Мо дар ин боби диссертатсия вожаҳои мураккаби сеҷузъаеро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор медиҳем, ки як қисми онҳо дар давраи Истиқлол ба вуҷуд омадаанд ва бахши дигар маҳсули давраи қабл аз истиқлол мебошанд.

Яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар замони Истиқлол ин матни овеза ва лавҳаҳои кӯчаву хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои кишварамон маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ошхонаву тарабхонаҳо, мағозаҳои гуногун, бонкҳои мухталиф, бозорҳо ва муассисаҳои хурду миёна, донишкадаву донишгоҳҳо ва ғайра калимаву истилоҳоти зиёди нав ба вуҷуд омада истодаанд, ки аксарияти онҳо дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ сабт нагардидаанд. Албатта, бархе аз ин навъи вожаҳо ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқат накунанд ҳам, қисме аз онҳо мувофиқи матлаб арзёбӣ хоҳад шуд, ки онҳоро метавон дар фарҳангҳои минбаъда дохил кард.

### 1.2. Вожаҳои мураккаби сеҷузъа бо лексемаи “хона”

Исмҳои макон аз се ҷузъ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, дар чунин навъи вожаҳо ҷузъи асосӣ ***хона*** буда, бештар дар охири калима меояд. Ҷузъи аввал исм ва ҷузъи дуюм асоси замони ҳозираи феъл мебошад. Онҳо дар якҷоягӣ ҳамчун вожаи мураккаби ифодакунандаи шахс аз рӯйи касбу кор, пеша ба чашм мерасанд: ***ҷомашӯй, сартарош, аробакаш, шиннипаз, ошпаз, қиморбоз*** ва монанди инҳо, ки вожаҳои мураккаби дуҷузъа буда, пешаи шахсро нишон медиҳанд. Бо илова гардидани ҷузъи сеюм, яъне ***хона,*** дар зинаи дуюми калимасозӣ

маънои калимаҳо дигар мешаванд ва мафҳуми маконӣ мегиранд: ***ҷомашӯйхона, сартарошхона, аробакашхона, шиннипазхона, ошпазхона, қиморбозхона.***

Вожаҳое низ мавҷуд аст, ки аз исм, зарфи замон таркиб ёфтаанд: ***миршаб*** бо пайвастани вожаи хона номи маконро соҳиб гаштааст: ***миршабхона.***

Ин вожаҳо вазифаҳои худро дар як давраи муайяни таърихӣ ба ҷо оварда, баробари иваз шудани сохтори давлатдорӣ онҳо низ тағйири ном кардаанд ва ба қисмати вожаҳои таърихӣ ворид гардидаанд. ***Миршаб*** дар замони гузашта мансаби ҳарбиву сиёсӣ ва маъмуриро ифода мекард. Соҳиби ин мансаб дар шаҳру ноҳияҳои Осиёи Миёна риояи тартиботи муқарраркардаи аморатро назорат менамуд, ё ба таври дигар гӯем, сардори милитсияи шабона дар аморати Бухоро маҳсуб меёфт. ***Миршабхона*** бошад, макон ё ҷойи кори миршаб; бошишгоҳи шабгардҳо; ба истилоҳи имрӯза милисахонаро ифода мекунад.

Чунин навъи калимаҳои таърихӣ дар осори нависандагони адабиёти нав дар мисоли Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил ва дигарон ба мушоҳида мерасанд.

Шуморе аз ин хели калимаҳоро вожаҳои мураккаби сеҷузъа ташкил мекунанд, ки бештари онҳо ба номи ғизоҳои миллӣ робита дошта, ба макони ҷойгиршавиашон алоқаманд мебошанд. Ин роҳи калимасозӣ дар забони тоҷикӣ маъмул буда, вожаву истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки бештари онҳоро калимаҳои мураккаби дуҷузъа ташкил дода бошанд ҳам, бархе аз онҳо калимаҳои мураккаби сеҷузъа мебошанд. Ба таври намуна мо дар ин қисмати диссертатсия шуморе аз калимаҳои мураккаби сеҷузъаи бо ҷузъи ***хона*** сохташударо мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод, ки бештари онҳо маҳсули давраи Истиқлол ба ҳисоб мераванд.

***Сартарошхона***. Вожаи ***сартарошхона*** аз се ҷузъи мустақилмаъно таркиб ёфта, аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ мебошанд. Вожаи ***сар*** ҷузъи аввал буда, ифодакунандаи бадан алоқаманд аст ва тавассути пайваст шудани ҷузъи дуюм ба он, яъне асоси замони ҳозираи феъли ***тарош*** маънои калимаро дигар карда, мафҳуми "пеша, касбу ҳунар"-ро ба худ касб намуда ва бо илова гардидани ҷузъи сеюм ***хона*** маънои "макон, ҷой"-ро гирифтааст. Бо ин ҳол метавон гуфт, ки калимаи ***сартарошхона*** ду зинаи калимасозиро тай кардааст. Дар зинаи якум аз исми ***сар*** ва асоси замони ҳозираи феъли ***тарош*** калимаи ***сартарош*** ва дар зинаи дуюм аз асоси ***сартарош*** ва исми ***хона***, ки ҷузъи асосӣ аст, вожаи мураккаби типпи детерминативии ***сартарошхона*** ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тавр, ***сартарошхона*** ҷоест, ки дар он мавзеъ сар тарошанд, яъне мафҳуми маконро ифода мекунад.

Ин калима аз рӯйи сохт вожаи мураккаби сеҷузъа буда, аз исм, асоси замони ҳозираи феъл ва исм сохта шудааст.

Вожаи ***сартарошхона*** дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ"-и соли 1969 банашррасида сабт нагардидааст, вале дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ"-и дар давраи Истиқлол чопшуда сабт гардидааст [128, 218 с.].

Бинобар ин, аз ин ҷо маълум мегардад, ки, эҳтимол, калимаи номбурда дар чунин шакл дар асрҳои гузашта маъмул набудааст ва баъдан дар давраи ташаккули нави забони тоҷикӣ маъруфият пайдо кардааст.

***Қурутобхона.*** Ин вожа низ аз се ҷузъ иборат буда, ҳамаи ҷузъҳои он исм мебошанд. Аз ҷиҳати баромад ҷузъи аввали вожаи мавриди назар ***қурут*** туркӣ аст ва яке аз навъҳои муҳимми маҳсулоти ширӣ буда, муодили тоҷикии он бо номи ***кашк*** маъмул аст.

***Қурут*** навъи ғизои маҳсулоти ширӣ буда, тарзи тайёр кардани он чунин аст:

Дӯғ ё ҷурғотро дар халтаи махсус, ки бо номҳои чаккадон, дӯғхалта, халтаи дӯғ маъмул аст, андохта, муддати муайян дар ҷое овехта нигоҳ медоранд, то обаш чакида сахт шавад. Сипас, онро гирифта кулӯла (дар шаклҳои гуногун- калон, хурд) намуда, дар офтоб хушк мекунанд, ки он кулӯлаву лундачаҳои чакка бо номи ***қурут*** дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он маъмул гаштааст. Ба ҳамин восита вожаи туркии ***қурут*** доираи истифодаи калимаи бунёдии “кашк”-ро танг карда, оҳиста-оҳиста онро ба ёди фаромӯшӣ бурдааст.

Ҷузъҳои дигари вожаи мавриди назар тоҷикӣ мебошанд, ки ҳоҷат ба шарҳу эзоҳи онҳо нест.

Вожаи ***қурутобхона*** ҳам мисли бархе аз калимаҳои нав солҳои охир ба миён омада, ҷой ва ё маконеро ифода мекунад, ки он ҷойи ғизои миллии ***қурутоб*** мебошад.

Чун вожаи ***қурутобхона*** калимаи нав аст, бинобар ҳамин ҳоло дар бархе аз фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ ва луғатҳои лаҳҷашиносӣ роҳ наёфтааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ин вожа бори нахуст аз ҷониби нигорандаи ин сатрҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Шуморе аз калимаҳои мураккаби сеҷузъа, ки бо вожаи ***хона*** анҷом меёбанд, номи ҷой ва ё маконеро ифода мекунанд, ки он ҷо навъи ғизоҳои мушаххасе омода мешавад: ***қурутобхона, ошпазхона, шиннипазхона*** ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки бо ҷузъи ***хона*** калимаҳои зиёде сохта шудааст, ки бархе аз онҳо мавқеи худро аз даст дода, аз эътибор соқит шудаанд ва шумори дигар мавқеи худро дар гуфтори мардум мустаҳкам карда истодаанд.

Вожаҳои мавриди пажуҳиш қарорёфта ба макон ва ҷойгиршавии онҳо марбут аст. Масалан ***сартарошхона*** ва ***қурутобхона,*** ки ҷузъи сеюми онҳо ***хона*** аст, ҷой ва макони ҷойгиршавии онҳоро нишон медиҳад. Ин калимаҳоро дар нақша метавон чунин тасвир кард:




Тавре дида мешавад, ин вожаҳо дар зинаи дуюми калимасозӣ бо лексемаи **хона** сохта шудаанд.

Ҳамин тавр, замони пайдоиши бархе аз ин навъи вожаҳоро метавон ба давраи нав, замони Истиқлол мансуб донист, ки бо таъсиси ошхонаҳои гуногуни миллӣ ва навъҳои мухталифи ғизоҳои миллии маҳаллӣ ва ҷойҳои дигар ба вуҷуд омадаанд.

***Соҳибхоназан***. Дар бештари вожаҳои мураккаби дуҷузъа ва сеҷузъа калимаи ***хона*** дар охир меояд. Вале дар бархе аз калимаҳо дар байн низ омаданаш аз эҳтимол дур нест. Барои таҳвияти андешаҳои худ метавон вожаи ***соҳибхоназан***ро мисол овард ки ин калима дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-и соли 1969 ба нашррасида ба қайд гирифта нашудааст. ***Соҳибхоназан*** ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст: дар зинаи якум калимаи мураккаби ***соҳибхона*** аз ду исм (соҳиб+хона) ба вуҷуд омада, дар зинаи дуюм ба он вожаи ***зан*** илҳоқ гашта шакли мураккаби тобеи ***“соҳибхоназан”***-ро мегирад. Ин калима маънои соҳибиятро дошта, ибораи ***зани соҳибхона*** “зане, ки соҳиби хона аст” муродифи наҳвии он мебошад.

***Соҳибхоназан*** ба бахши сотсиологии (иҷтимоии) забон марбут буда, муодили дигари он ***хонашин*** аст. Сарчашмаи пайдоиши сотсиологии (иҷтимоии) вожаи номбурда калимаи русии ***домохозяйка,*** ки худ шакли тарҷумавии мутобиқшудаи вожаи олмонии hausfrau мебошад, ба шумор меравад.

***Соҳибхоназан*** муодили вожаи русии домохозяйка буда, дар луғати С.И.Ожегов чунин шарҳ дода шудааст: ***домохозяйка*** женщина ведущая домашнее хозяйство своей семье и не занятая работой по найму [121, с.150]. Аз ин маълум мешавад, ки соҳибхоназан касест, ки соҳиби хона аст, на он ки бо кироя кор мекунад.

Дар форсии миёна ***соҳибхоназан*** ба сурати ***kaādbanu*** ба кор мерафтааст, ки ифодагари мартабаи иҷтимоии зан; зане, ки шавҳар ва моликият дорад, мебошад. Дар забони дарии тоҷикӣ низ муродифи *соҳибхоназан*– вожаи *кадбону* роиҷ аст. Дар забони суғдӣ низ Ḱtbānü аст, яъне вожаи ***кадбону*** вожаи сирф умумиэронӣ буда, соҳибхоназан бошад, вожаи мураккаби нави омехтаи сеҷузъа аст, ки аз ҷузъҳои арабии “соҳиб” ва ду ҷузъи тоҷикии “хона” ва “зан” таркиб ёфтааст. Аммо дар контексти (матнҳои) аврупоӣ вожаи мавриди пажуҳиш тобиши маънои фаъолияти иҷтимоии занро ифода мекунад, яъне зане, ки ба кори бемузд машғул аст.

Ҷузъҳои вожаи мазкур аз ҷиҳати баромад ба забонҳои гуногун хос мебошанд. Ҷузъи аввал– вожаи ***соҳиб*** мутааллиқ ба забони арабӣ буда, ҷузъи дуюм –***хона*** хоси забони тоҷикист ва ҷузъи сеюм вожаи– ***зан*** ба яке аз забонҳои эронии миёна марбут буда, аз забони паҳлавӣ маншаъ гирифтааст, ки дар забони тоҷикӣ низ маъмул аст.

Вожаи ***зан*** аз ҷиҳати маънои луғавӣ дорои мафҳумҳои гуногун мебошад, ки дар фарҳанги форсӣ ба таври зайл тавзеҳ ва шарҳу эзоҳ ёфтааст: 1.***зан*** (паҳл.) инсони мода, мавҷуди инсон, ки табиатан метавонад, фарзанд бизояд; 2. зане, ки ба акди марде даромада ва

ҳамсари ӯст; 3.инсони муаннас, ки издивоҷ кардааст, мутазоди духтар [122, с.544].

Истилоҳи ***соҳибхона*** аз ибораи изофӣ ва исмии “соҳиби хона” сохта шуда, дорои мафҳуми умумии соҳибият мебошад ва зимни пайваст гардидани вожаи ***зан*** ба он ***(соҳибхона)*** маънои мушаххастарро ба худ касб кардааст. Дар ин маврид ба таври аниқ муайян шудани соҳиби хона бараъло маълум мегардад, яъне кӣ будани соҳибхона аён мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки соҳиби хона зан будааст, на мард ва ё каси дигар.

Ба ҳамин минвол вожаи ***соҳибхоназан*** ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст. Зинаи аввали он аз ибораи изофии ***“соҳиби хона”*** дар заминаи факки изофат вожаи мураккаби тобеъ, ки ҷузъи асосӣ дар мавқеи аввал истодааст, сохта шуда, зинаи дуюм бо пайваст шудани вожаи ***зан*** сурат гирифта, ***“соҳибхоназан”***-ро ба вуҷуд овардааст.

Ин калима дар фарҳанги соли 2008 банашррасида ба қайд гирифта шуда [129, с.265] дар фарҳангҳои дигари то давраи истиқлол сабт нагардидааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шояд ин истилоҳ дар давраи пеш бо сабаби маъмул набудан дар осори адибони давраи адабиёти классикӣ ба кор нарафтааст ва баъдан дар замони нав ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид шуда, дар гуфтори мардум ба расмият даромадааст. Сабаби дигар, эҳтимол, беҳуқуқии занҳо дар он давра мебошад ва чун пас аз соли 1924 оҳиста-оҳиста занҳо низ соҳиби мансабу вазифа шудан гирифтанд ва ҳуқуқи бо мардҳо баробарро гирифтанд, аз ин рӯ вожаи ***соҳибхоназан*** ҳам рӯйи кор омад. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки истифодаи бархе аз вожаҳо ба вазъияти сиёсиву иҷтимоии давру замон низ вобаста мебошад. Чунин ҳолат ба вожаи ***соҳибхоназан*** ҳам хос буда, пайдоиши он ба як давраи муайяни таърихӣ алоқаманд аст.

***Соҳибхоназан*** вожаи мураккаби сеҷузъаест, ки ҳамаи ҷузъҳои он аз як ҳиссаи нутқ, яъне аз исмҳои гуногуни шахсу макон таркиб ёфта, дар маҷмуъ мафҳуми шахсро ифода мекунад.

***Суратгирхона.*** Як қисмати вожаҳои мураккабро истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки ба номи ҷою макон алоқаманд мебошанд ва бештари онҳо бо исми ***хона*** анҷом меёбад. Бештари чунин навъи вожаҳо дуҷузъа буда, дар радифи онҳо як миқдор аз калимаҳои мустақилмаънои сеҷузъа ҳам ба вуҷуд меоянд. Яке аз ин вожаҳо бо номи ***суратгирхона*** маъмул аст, ки ҷой ва ё маконеро ифода мекунанд, ки он ҷо сурат мегиранд.

Вожаи ***суртгирхона*** аз се ҷузъ ***сурат+гир+хона*** таркиб ёфта, як мафҳуми умумро ифода мекунад. Ҷузъҳои вожаи мавриди пажуҳиш аз ду ҳиссаи мустақилмаънои нутқ, яъне аз исм, асоси замони ҳозираи феъли гирифтан ***-гир*** ва исм сохта шудааст.

Аз ҷиҳати баромад решаҳои калима аз забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ сарчашма гирифтааст. Ҷузъи аввали вожа ***сурат*** арабӣ буда, маънои “шакл, намуд; намуди зоҳирӣ, қиёфа”-ро дорад [129, с. 272]. Ин калима дар забони тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар забонамон чунон ҳазм шудааст, ки аз арабӣ будани он касе пай намебарад.

Ҷузъи сеюми калима ***хона*** низ тоҷикӣ аст ва мафҳуми исми маконро ифода мекунад.

Дар робита роҷеъ ба ин масъала бояд гуфт, ки ҷузъи аввал ***сурат*** ба қисме аз узвҳои бадан алоқаманд аст. Тавассути пайваст гардидани ҷузъи дуюм ба он, яъне асоси замони ҳозираи феъли ***гир*** ба шакли ***суратгир*** даромада, маънои калимаро тағйир додааст, яъне аз намуд маънои дигар “касбу ҳунар, пеша”-ро гиритааст. Бо илова шудани ҷузъи сеюм ***хона*** маънои калима дигар шуда, ба гунаи ***суратгирхона*** берун омадааст ва аз мафҳуми “пеша, касб” маънои нав “макон, ҷой”-ро ба вуҷуд овардааст.

Ҳамин тавр, ***суратгирхона*** “ҷой, макон, манзилест”, ки дар он ҷо суратҳои гуногун гиранд. Бо ин вожа имрӯз мо бештар дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳо рӯ ба рӯ мешавем. Аз ин ҷиҳат вожаи мавриди андеша доираи истифодаи худро хеле васеъ намуда, дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он мустаъмал гаштааст.

***Аробакашхона.*** Ин калима аз ҳиссаҳои гуногуни мустақилмаънои нутқ таркиб ёфта, ҳамаи ҷузъҳои он аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ мебошанд ва маънои маконро ифода менамояд. Ҷузъи аввал ва сеюм исм буда, ҷузъи дуюм асоси замони ҳозираи феъли ***каш*** (кашидан) мебошад.

Дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ вожаи мураккаби сеҷузъаи ***аробакашхона*** ба мушоҳида нарасад ҳам, бо вуҷуди ин онро Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо”-и худ (саҳифаи 503) ба кор бурдааст, ки маънои “сарой, ҷойи гузоштани ароба”-ро ифода мекунад. Вожаи мавриди назар пас аз омадани техникаҳои нав дар мисоли мошин мақоми худро аз даст дода, ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ гузаштааст ва имрӯз дар чунин шакл истифода намешавад ва метавон гуфт, ки ба ҷойи он вожаи русии “гараж” дар гуфтори мардум маъруфият пайдо кардааст. Чунки дар замони пеш нақши боркашӣ ва саворирo аспу хар ва шутур ба ҷо меовард. Бо пешрафти техникаҳои нав, ба вижа мошинҳои мухталиф нақлиёти чорпо ҷойи худро ба техникаҳои ҳозиразамон дод, ки ин тибқи талаботи замон мебошад. Аз ин рӯ, номи макону ҷойҳо низ дар шакли нав ба вуҷуд омадаанд ва ***аробакашхона*** ҳам оҳиста-оҳиста аз байн рафта, бар ивази он дар гуфтори мардум вожаи иқтибосии аз русӣ ***гараж*** ба миён омад. Бо вуҷуди ин дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба ҷойи вожаи ***аробакашхона*** муодили он ***аробахона*** ба назар мерасад, ки он ҳам дорои ҳамин маъно аст ва ин калима мураккаби дуҷузъа буда, феъли “каш” ихтисор шудааст.

Бинобар ҳамин мо метавонем аз “Ёддоштҳо”-и Айнӣ ҳамчун намуна шоҳиде бо вожаи ***аробакашхона*** биоварем: “Ба болои ин аробакашони ***аробакашхонаи*** Файзобод дар ҷасорат, дар гапнабардорӣ, дар озодагардӣ ва ҷангарагӣ шӯҳрат доштанд” [154, с. 503].

Дар ҳамин қолаби калимасозӣ, яъне аз исм, асоси замони ҳозираи феъл ва исм дар “Куллиёти”-и Айнӣ ва осори Ҷалол Икромӣ калимаҳои дигар низ, ба монанди ***шиннипазхона, қиморбозхона, ҷомашӯйхона*** ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро метавон дар ҷадвал чунин тасвир кард:

**қимор---- боз** ↘
**шиннӣ----паз** → **хона**
**ҷома-----шӯй** ↗

Калимаҳои номбурда аз нигоҳи пайдоиш ва истифода дорои давраи муайяни таърихӣ буда, шуморе аз онҳо мақоми худро пурра аз даст дода, имрӯз истифода намешаванд. Бо тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ба ҷойи вожаҳои зикршуда калимаҳои нав ба вуҷуд омада, доираи истеъмоли онҳоро танг кард. Аз ин рӯ, мо ин навъи калимаҳоро танҳо дар асарҳои нависандагони ҳамон давра дида метавонем. Ба таври дигар, гӯем ин калимаҳо аз ривоҷ афтода, ба бахши калимаҳои куҳнашуда дохил гардидаанд.

Бо вуҷуди ин бархе аз ин калимаҳо дар лаҳҷаҳои Самарқанду Бухоро истифода мешаванд, чунки баъзеи онҳо маҳсули ҳамин шаҳрҳои қадимаи тоҷикнишин мебошанд. Масалан, вожаи ***шиннипазхона,*** ки ҷузъи аввали он ***шиннӣ*** ба маънои ширинӣ дар шеваҳои тоҷикони Самарқанду Бухоро маъмул аст. Ҷузъи аввал хусусияти лаҳҷавӣ дошта, ҷузъҳои дуюму сеюм калимаҳои умумитоҷикианд.

Калимаҳои ***ҷомашӯйхона, шиннипазхона, амлокдорхона, қиморбоз-хона*** дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ истифода гардиданд, ки метавон бо чанд мисоле аз ин асар ёдовар шуд: “... ман ӯро ду сол пеш аз он мулоқот дар деҳаи Регзор, дар ***шиннипазхона*** дида будам. Аз пеши ***амлокдорхонаи*** пештараи Ғиждувон ҷавонони милтиқдор... аспҳошонро ба даст нигоҳ дошта пиёда, қатор меистоданд” [154, с. 407].

Инчунин дар романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ низ мисли асарҳои С.Айнӣ калимаҳои мураккаби сеҷузъаи ***қиморбозхона, миршабхона*** ба кор рафтаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар он замон калимаҳои номбурда дар гуфтори мардуми ҳамон давр маълум буда, истеъмоли фаровон доштаанд: “Дар ***қиморбозхона***, гуфт Ҳайдарқул. Хайрият, ки дар вақташ қиморбозӣ карда будем [147, с. 165]; ***Миршабхонаи*** Бухоро дар гузари Арабон буд [147, с. 154].

Таҳқиқ ва таҳлили вожаҳои мураккаб, бавижа мураккаби сеҷузъа яке аз масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ ба шумор меравад, ки ин навъи калимаҳо ба таври умум матлаби суннатҳои гузаштаву имрӯзаи мардуми тоҷикро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, маҳз тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи лексика метавон дар мавриди вижагиҳои луғавии ин забон маълумоти пурратар фароҳам овард. Ғайр аз ин чунин роҳи таҳқиқот метавонад, бисёр масъалаҳои этнолингвистӣ, сотсиолингвистӣ, гендерӣ ва таърихи забонро ошкор созад.

Сохтори бахшҳои мавзуъ ва гурӯҳбандии он бар пояи сабки муосири илми забоншиносӣ таҳия ва танзим гардида, аз сарчашмаҳои илмии мавҷудбуда то ҷойи имкон истифода шудааст.

Масъалаҳои ба риштаи пажуҳишдаромада дар забоншиносии тоҷик бори нахуст дар чунин шакл мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Аз маводи таҳқиқшуда бармеояд, ки гузаштагони мо, махсусан шоирону нависандагон, барои пурғановат гардонидани захираи

луғавии забон роҳҳои гуногуни калимасозиро ба кор бурда, ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Онҳо кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, ки ҳангоми сохтани вожаҳои мураккаб ғановатмандии забони модарӣ ва умумихалқиро ба таври пурра мавриди бахрабардорӣ қарор диҳанд.

### 1.3. Вожаҳои мураккаби сеҷузъа бо лексемаи “сар”

Вожаи ***сар*** низ дар сохтани калимаҳои мураккаб нақши муҳим дошта, хеле сермаҳсул мебошад. Вожаи ***сар*** бештар дар ҷузъҳои аввали калима меояд, ки аксарияти онҳо мураккаби дуҷузъа буда, байни онҳо калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ ба назар мерасад. Дар ин қисмати диссертатсия чунин навъи калимаҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки маҳз ба мавзуи рисолаи мо робита доранд.

***Сармоядор.*** Ин вожаи мураккаби сеҷузъа маънои соҳибиятро дошта, шахсеро ифода мекунад, ки доро, ғанӣ, сарватманд, давлатманд, соҳиби чизу чора ва ё пули зиёд мебошад. Ё ба номи доранда низ маъмул аст.

Вожаи мавриди назар аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл сохта шуда, аз ***сар+моя+дор*** таркиб ёфтааст, ки ҳамаи ин ҷузъҳо дар шаклҳои алоҳида низ ба таври фаровон ба кор мераванд.

Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ буда, дорои маъноҳои мушаххасе мебошанд. Масалан, вожаи ***сар*** ки аз он истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омадааст, хеле маъноҳои зиёд дорад. Як маънои асосии он ба яке аз узвҳои бадани инсон ва ё ҳайвон алоқаманд бошад, маънои дигари он ибтидо, аввал аст. Инчунин маъноҳои болои чизе, рӯйи чизе; нӯги чизе; оғози коре ва ғайраро дорад. Ҷузъи дуюм вожаи ***моя*** ҳам маъноҳои зиёд дорад ва муҳимтарини он асл, бунёд буда, ба маъноҳои маҷоз низ истифода меёбад. Яъне ***моя*** ҳам ба маъноҳои асосӣ ва ҳам маҷозӣ корбурди фаровон дорад. Ҷузъи сеюм ***дор*** низ маънои амалро дошта, асоси замони ҳозираи феъли ***доштан*** мебошад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки вожаи ***сармоядор*** аз ду зинаи калимасозӣ гузаштааст. Дар зинаи аввал аз ***сар*** ва ***моя*** вожаи мураккаби дуҷузъаи ***сармоя*** ба вуҷуд омадааст, ки маънои асос, сарват, пулу мол, дорӣ, давлатро ифода мекунад. Дар зинаи дуюми калимасозӣ ба вожаи ***сармоя*** ҷузъи сеюм ҳамроҳ гардида, маънои калимаро тағйир додааст. Яъне ба ***сармоя*** феъли ***дор*** пайваст шуда, ба маънои сарват ё пулу мол маънои нав, ки шахсро далолат мекунад, зам кардааст. Ҳамин тавр, аз калимаи ***сармоя сармоядор*** рӯйи кор омадааст, ки мафҳуми шахси сарватмандро дорад.

Дар ҳамин қолаб истилоҳи ***сармоягузор*** сохта шудааст, ки ин ҳам дар асл шахсро далолат мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки вожаи ***сармоядор*** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-и соли 1969 банашррасида сабт гардида, вале ***сармоягузор*** ба қайд гирифта нашудааст. Аз ин ҷо метавон ба чунин натиҷа расид, ки калимаи ***сармоядор*** таърихи куҳантаре дошта, ***сармоягузор*** вожаи маҳсули давраи истиқлол мебошад.

Вожаи ***сармоягузор*** шахси ҳуқуқӣ ё ҳақиқӣ мебошад, ки бо мақсади гирифтани даромад ба лоиҳае маблағ мегузорад.

***Сармоядорӣ 1***. пулдорӣ, молдорӣ, дорӣ; 2. олами сармоядорӣ, капитализм.

***Сармоягузорӣ 2.*** маблағгузорӣ, маблаг гузоштан бо мақсади дарёфти даромади изофа.

***Сарнавиштсоз 3***. таъинкунандаи сарнавишт.

Вожаҳое, ки бо ҷузъи ***сар*** сохта шудаанд, онҳоро метавон дар ҷадвал чунин тасвир кард:



Вожаҳои мавриди таҳлилро аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ мешавад ба чунин қисматҳо тақсим кард:

1.Исм+исм+асоси замони ҳозира: сар+моя+гузор; сар+моя+ дор, сар+фармон+деҳ, сар+чашма+шинос.

2.Исм+асоси замони гузашта+асоси замони ҳозира: сар+ навишт +соз.

Вожаҳои мураккаб дар натиҷаи ба ҳам таъсир расонидани маънои лексикии ду ва ё зиёда ҷузъҳо ба вуҷуд меоянд, чунки дар ин маврид танҳо худи ҷузъҳо ба худ маънои калимасозиро иҷро карда наметавонанд. Дар пайдоиш ва ташаккули вожаҳои мураккаб ҳиссаи ҷузъҳои таркибӣ новобаста ба серистеъмол ё камистеъмол буданашон нақши муҳим доранд. Чунончи ***“сар”*** яке аз чунин вожаҳоест, ки дар сохтани калимаҳои гуногун нақши вижа дорад. Истифодаи ин воҳиди луғавӣ дар қолабҳои гуногуни калимаҳои мураккаб, ки дар осори адабиёти классикӣ ва нав ба мушоҳида мерасад, аз ғановатмандии забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Яке аз сабабҳои пурмаҳсул будани ҷузъи ***“сар”*** дар таркиби вожаҳои мураккаб, дар сохтани ибора ва таркибҳои феъливу фразеологӣ шояд сермаъноии худи калимаи номбурда бошад.

Маълум аст, ки ин ё он вожаи мураккаб худ ба худ ба вуҷуд намеояд ва он бегумон натиҷаи ба таври сунъӣ ба калимаҳои дигар пайваст шуданро надорад. Он дар раванди ташаккули худ бо воҳидҳои дигари грамматикӣ робитаи мустаҳкам пайдо мекунад. Масалан, ҷузъҳои таркибии вожаи мураккаби ***“сарфармондеҳ” сар+фармон+деҳ*** байни худ дорои ягон муносибат ва умумият мебошанд, ки дар якҷоягӣ чунин калимаи мураккаби сеҷузъа сохта тавонистаанд. Агар ин се ҷузъ бо ҳам ягон умумияте намедоштанд, ҳеҷ гоҳ чунин вожаи мураккаб пайдо намешуд. Чун ***сар*** яке аз узвҳои бадан буда, аз тамоми узвҳои дигар боло қарор дорад, бинобар ҳамин бо ибораи феъли “***фармон додан”*** ва ё вожаи мураккаби дуҷузъаи “***фармондеҳ***”

мувофиқат мекунанд, яъне ***сарфармондеҳ***. Вожаҳои ***сар, фармон, деҳ (=додан)*** метавон гуфт, ки бо ҳам дорои пайванди ногусастании мантиқӣ мебошанд.

Аз сарчашмаҳои илмӣ ва осори шоирону нависандагони адабиёти классикӣ ва нав маълум аст, ки тавассути вожаи ***сар*** калимаҳои мураккаби зиёде сохта шудааст. Албатта бештари онҳо вожаҳои мураккаби дучузъа мебошанд. Бо вучуди ин дар чунин навъи калимаҳо вожаҳои мураккаби сечузъа низ нақши муҳим доранд, ки дар ин қисмати кор бархе аз онҳо мавриди таҳлил ва пажуҳиш қарор мегиранд. Яке аз чунин истилоҳот вожаи ***сарфармондеҳ*** буда, он аз ***сар+фармон+деҳ,*** яъне аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтааст.

Маънои вожаи ***сарфармондеҳ*** ба шахси алоҳида алоқаманд буда, “фармондеҳи кулли қувваҳои низомӣ” мебошад. Аз ҷиҳати сохт калимаи мураккаби сечузъа аст, ки ҳамаи ҷузъҳо аз нигоҳи баромад бунёди тоҷикӣ доранд.

Дар забони тоҷикӣ бо ***сар*** вожаву истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки дорои мафҳумҳои гуногун мебошанд ва дар навбати худ ба маънохои маҷозӣ низ соҳиб гардидааст. Вожаи ***сар*** яке аз узвҳои бадани инсон, ҳайвон, умуман ҳар як ҷинси ҷондор мебошад ва аз гардан ба боло ҷой гирифта, гӯшу бинӣ, чашму мағз, даҳон ва ғайра ҷой доранд. ***Фармон*** бошад маънои амр ё ҳукмро дорад, ки аз ҷониби идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад.

Вожаи ***сарфармондеҳ*** дар зинаи аввал аз ду ҷузъ, яъне аз ***фармон*** ва ***деҳ*** иборат будааст. Ҷузъи ***сар***-ро ба фармондеҳ ҳамроҳ кардаанд. ***Сарфармондеҳ*** дар фарҳангҳои пешин ба қайд гирифта нашудааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин калима дар чунин шакл маъмул набуда, бештар дар қолаби ***фармондеҳ*** маъруфият доштааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки вожаи мавриди назар дар давраи баъдии ташаккули забони

тоҷикӣ мақоми хоса пайдо карда, дар фарҳангҳои нав сабт гардидааст [129, с. 218].

***Қосимсаркор.*** Ин калима аз номи шахс, яъне ҷузъи аввал ба исми мардона ихтисос дошта, аз ҷиҳати баромад арабӣ мебошад ва маъноаш “тақсимкунанда, бахшкунанда; ҳамчун яке аз номҳои Худо, ки тақсимкунандаи ризқу рӯзӣ маҳсуб меёбад” аст. Ҷузъи дуюм ***сар*** яке аз узвҳои бадани инсон, ҳайвон ва ғайраҳо мебошад, ки вожаи бунёдии тоҷикист ва аз ҳамаи узвҳо боло ҷойгир шудааст. Ҷузъи сеюм ***кор*** низ тоҷикист, ки дар маҷмуъ, ҳамаи ҷузъҳо як ҳиссаи нутқ, яъне аз исм таркиб ёфта, ба кадом касб ё вазифа шуғл доштани шахсро ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани вожаҳои мураккаб бо ҷузъи ***“сар”*** фаровон будани таркибҳо ва ибораҳо мебошад.

### 1.4. Бо пасванди -ӣ сохтани калимаҳои мураккаби сеҷузъа

Пасванди ***-ӣ*** дар забони тоҷикӣ на танҳо дар сохтани вожаҳои сохта, балки дар ташкили калимаҳои мураккаб, бавижа мураккаби сеҷузъа морфемаи пурмаҳсултарин маҳсуб меёбад. Аз маводи дар ихтиёрдошта, маълум мегардад, ки пасванди ***-ӣ*** дар сохтани калимаҳои нав аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ нақши муҳимро иҷро мекардааст.

Пасванди номбурда аз вожаҳое, ки, асосан, шахсро аз рӯйи пешаву машғулият ва касбу корашон мефаҳмонанд, тавассути он бештар исмҳои абстракт сохта мешавад. Чунин калимаву истилоҳот касбу ҳунар ва ё машғулиятро ба таври умумӣ ҷудо аз шахс ифода мекунанд. Асоси ин навъи калимаҳо метавонанд дар шаклҳои сода, сохта ва мураккаб биёянд.

Мо ба калимаҳои сода ва сохта сару кор надорем, чунки мавзуи баҳси мо ба масъалаи омӯзиш ва пажуҳиши вожаҳои мураккаби сеҷузъа алоқаманд аст.

Албатта, исмҳое, ки аз се ҷузъи мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд, дар забони тоҷикӣ кам нестанд ва ба таври фаровон ба кор мераванд ва имрӯз теъдоди онҳо афзоиш меёбад. Чунин навъи вожаҳо бо роҳу қолабҳои ба худ хос ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ таркиб ёфта, захираи луғавии забонро пурғановат мекунанд. Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа, асосан, аз ибораҳои изофӣ ба вуҷуд омадаанд ва пасвандҳо бошанд, воситаҳои асосии грамматикиро адо менамоянд. Чунонки қайд кардем, вожаҳои мураккаби сеҷузъа бештар дорои мафҳумҳои абстрактӣ мебошанд.

Бештари ин навъи калимаҳо аз вожаҳои мураккаб ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфта, касбу кор, пешаро нишон медиҳанд. Чунин вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар қолаби калимаҳои дуҷузъа ба вуҷуд омадаанд. Таркиби морфологии ин навъи калимаҳо аз ҳиссаҳои номии нутқ, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди -ӣ иборат аст: ***навоттайёркунӣ, тахтатайёркунӣ, равганивазкунӣ, пахтатайёркунӣ, шиннитайёркунӣ, нишоллотайёркунӣ*** ва ғайра:

***Чархиосиётарошӣ.*** Калимаи номбурда аз се ҷузъи мустақилмаъно ва пасванди -ӣ ба вуҷуд омада, аз исмҳои ***чарх, осиё*** ва асоси замони ҳозираи феъли ***тарошидан - тарош*** таркиб ёфтааст ва тавассути пасванди -ӣ аз исми шахс исми маънӣ сохтааст. Ҳамаи қисмҳои вожаи ***чархиосиётарошӣ*** аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ мебошанд. Ин вожа дар зинаи аввал аз ибораи изофии ***чархи осиё*** бо илова гардидани феъли ***тарошидан*** номи касбу ҳунарро ба вуҷуд овардааст, ки дар гузашта ин пеша байни мардуми тоҷик мақоми хоса дошт. Бо мурури замон ин вожа оҳиста-оҳиста мақоми худро аз даст дода, ҷойи онро дастгоҳҳои ордкунии барқӣ гирифтааст. Бо вуҷуди он имрӯз дар кӯҳистонҳои дурдаст ин ҳунар ривоҷ дорад ва аз он истифода мебаранд. Калимаи мавриди назарро С.Айнӣ низ дар асарҳои худ ба кор бурдааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар он давра вожаи мавриди пажуҳиш корбурди фаровон дошта, пешаи махсусе будааст:

“Бинобар ин  барои пӯшоки хонаводаи худ бофандагӣ ва барои фурӯш ***чархиосиётарошӣ*** ҳам мекард; Дар аввалҳои хонадориаш, ки фақат ду сар будаанд ва дар деҳаи Маҳаллаи  Болои райони Шофирком–деҳаи тағоиҳоям меистодааст, чунки дар он тарафҳо устоҳои ***чархиосиётарошӣ*** кам буда ин касб фоидаи хуб медодааст…” [142, с. 9].

***Мактабинавкушоӣ.*** Калимаи мазкур мураккаби омехтаи бисёрҷузъа буда, аз се ҷузъи мустақилмаъно, ду ҷузъи ёрирасон иборат мебошад. Аз ҷиҳати баромад ҷузъҳои ин калима арабӣ ва тоҷикӣ мебошанд. Ҷузъи аввал, яъне ***мактаб,*** вожаи арабӣ буда, таърихи пайдоиши беш аз ҳазорсола дорад ва аз забони арабӣ ба тоҷикӣ ба ҷойи калимаи бунёдии ***дабистон*** ва ***дабиристон*** ворид гардидааст. Вожаҳои ***дабистон*** ва ***дабиристон*** дар забони тоҷикӣ имрӯз истифода нашаванд ҳам, дар забони форсии Эрон ба кор мераванд.

Вожаи ***мактабинавкушоӣ,*** асосан, аз *ибораи изофии* ***мактаби нав кушодан*** ба вуҷуд омадааст. Ин калимаро мо дар осори нависандаи шинохтаи тоҷик Сотим Улуғзода пайдо кардем: ***Аз дер кашидани мактабинавкушоӣ дар деҳа Солеҳ низ монанди ман дилтанг ва норозӣ буд*** [153, с. 209].

Имрӯз дар забони тоҷикӣ вожаи мавриди назар дар чунин шакл истифода намешавад.

***Чаҳормагзбозӣ.*** Вожаи ***чаҳормагзбозӣ*** аз се ҷузъи мустақилмаъно ва пасванди -ӣ иборат буда, аз ҷиҳати баромад ҳамаи вожаҳо тоҷикӣ мебошанд ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд омадаанд. Вожаи мавриди назар аз  шумора, исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванд таркиб ёфта, ҷузъи аввал *чаҳор* (чор) шумора буда, бо илова гардидани ***магз*** маънои калима дигар шудааст ва номи як навъи меваеро ифода мекунад, ки дохили он аз чор қисми мағздор иборат мебошад. Бо пайваст шудани феъли ***боз*** ба калимаи *чаҳормагзбоз* (=чормағз) маънои пешаро касб кардааст, ки дар шакли вожаи мураккаби сеҷузъа, яъне ***чаҳормагзбоз*** даромада маъмул шудааст.

***Чаҳормагзбоз*** касест, ки бо ***чормагз*** бозӣ мекунад. Ба ин амал бештар бачаҳо шуғл дошта ва бо ҳам бо ***чормагз*** бозиҳои мухталифро иҷро мекунанд.

Аз мутолиаи баъзе асарҳо маълум мешавад, ки ин калимаро бархе аз нависандагони тоҷик ба кор бурдаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки вожаи мавриди андеша дар гузашта низ байни мардуми тоҷик маъмул будааст. Барои таҚвияти андешаҳои худ метавон мисоле аз романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ овард: “Дар кӯчаҳо бачаҳо ***чаҳормагзбозӣ*** мекарданд [147, с. 279].

Калимаи ***чаҳормагзбозӣ*** ҳоло ҳам дар шакли ***чормагзбозӣ*** байни бачаҳо мустаъмал буда, бо ин мева бозиҳои гуногунро ба ҷо меоваранд.

Вожаи ***чаҳормагзбозӣ*** дар шакли лаҳҷавиаш дар шеваҳои шимолии забони тоҷикӣ ба гунаи “чӯмоқбозӣ” хеле маъмул аст.

Дар ҳамин қолаби калимасозӣ вожаҳои зиёде дар асарҳои нависандагони тоҷик ба мушоҳида мерасанд, ки имрӯз истифодаи бархе аз онҳо коста гардида ва ё аз байн рафтаанд. Ба таври намуна метавон аз истилоҳоти ***зиёратномахонӣ, саломномахонӣ, нахӯдшӯракфурӯшӣ, донашӯракпазӣ, мургбирёнкунӣ, равгандогкунӣ, ширнӯбатравӣ*** ва ғайраҳо ёдовар шуд. Бархе аз ин калимаҳо ҳоло ба шакли ибораҳои феълӣ истифода мешаванд: ***мург бирён кардан, равган дог кардан*** ва монанди инҳо.

Калимаҳои ***зиёратномахонӣ, саломномахонӣ*** аз суннатҳои маросимии мардуми тоҷик ва ӯзбек буда, имрӯз низ байни гурӯҳҳои алоҳидаи одамон дар баъзе ҷойҳо баргузор мегардад.

***Зиёратномахонӣ*** аз чор ҷузъ: ***зиёрат+нома+хон+ӣ*** таркиб ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин калима аз се ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ёрирасон сохта шуда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ иборат мебошад. Масалан, вожаи ***зиёрат*** ва ***нома*** исм буда, ***хон*** асоси замони ҳозираи феъл аст, ки пасванди ***-ӣ*** аз ин ҳиссаҳои нутқ

исми маънӣ сохтааст. Аз ҷиҳати баромад вожаи ***зиёрат*** ба забони арабӣ марбут буда, калимаҳои ***нома*** ва ***хон*** ба забони тоҷикӣ алоқаманданд.

Вожаи мавриди пажуҳиш дар бархе аз асарҳои нависандагони тоҷик ба кор рафтааст: Дар аснои ***зиёратномахонӣ*** вай афту башараи худро каҷу килебкунон мегирист [23, с. 176].

Вожаи дигаре, ки дар ҳамин қолаб сохта шудааст, калимаи ***саломномахонӣ*** мебошад. Ин калима аз чор ҷузъ иборат аст: ***салом+нома+хон+ӣ.***

Ҷузъҳои калимаи мазкур низ аз ҷиҳати баромад ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ марбут буда, ***салом*** бунёди арабӣ дорад, муодили тоҷикии он ***дуруд*** мебошад, ки ҳоло ҳар ду дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд. Бо вуҷуди он ки вожаи ***дуруд*** дар гузашта мавқеи худро аз даст дода, ба фаромӯшӣ рафта буд, хушбахтона, бо шарофати истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав мавқеъ пайдо кард. Аз ин рӯ, вожаҳои ***салом*** ва ***дуруд*** имрӯз метавонанд баробар истифода шаванд.

***Саломномахонӣ*** суннати маросимии тӯйи арӯсӣ буда, иҷрои сурудҳоро, асосан, занҳо иҷро мекунанд.

Истилоҳи ***саломномахонӣ*** низ мисли вожаи ***зиёратномахонӣ*** мавқеи худро оҳиста-оҳиста аз даст дода истодааст ва шояд байни баъзе қавму қабилаҳои алоҳида баргузор гардад. Бинобар ҳамин ин калима ҳам дар осори бархе аз нависандагони гузаштаамон ба кор рафтааст. Барои таҳвияти андешаҳои худ аз осори устод Садриддин Айнӣ овардани мисоле аз манфиат холӣ нест: ***Баъд аз маросими никоҳ ва саломномахонӣ ӯро ба пеши арӯс дароварданд*** [154, с. 360].

Вожаи ***саломномахонӣ*** дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудааст. Вале калимаи ***саломнома*** дар фарҳангҳо сабт гардида ва чунин маънӣ шудааст: “Суруди махсусе, ки вақти ба хонаи домод омадани арӯс хонда мешавад” [129, с. 199].

**Шашмақомхонӣ.** Ин вожа яке аз истилоҳоти санъати мусиқии мардуми тоҷик буда, дорои таърихи куҳан мебошад, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд омадааст. Вожаи мавриди андеша дар ФТЗТ ба сурати ***шашмақомхон*** омада, чунин тавзеҳ ёфтааст: сарояндаи оҳангҳои шашмақом; сарояндаи оҳангҳои классикӣ [129, с. 634]. Аммо дар ин фарҳанг шакли ***шашмақомхонӣ*** ба қайд гирифта нашудааст.

***Шашмақомхонӣ*** вожаи мураккаби бисёрҷузъа буда, аз чунин ҳиссаҳо сохта шудааст: шаш+мақом+хон+ӣ, яъне аз шумора, исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди -ӣ. Аз ҷиҳати баромад ***шаш, хон*** –тоҷикӣ ва ***мақом*** арабӣ мебошанд. Вожаи ***мақом*** номи қисмҳои мусиқии классикии тоҷик "Шашмақом" аст, ки ҳар яки он оҳангу тарона ва ғазалҳои зиёдеро фаро гирифта, аз ду ҷузъи асосии созӣ "Мушкилот" ва овозӣ "Наср" иборат мебошад. ***Шаш*** ва ***хон*** вожаҳои умумифаҳми тоҷикианд, бинобар ҳамин ниёз ба шарҳу эзоҳи онҳо нест.

Вожаи ***шашмақом*** ё ***шашмақомхонӣ*** дар давраи истиқлол рушду густариш ёфта, дар соҳаи санъати мусиқӣ ва сарояндагӣ нақши муҳимро иҷро мекунад. Дар масъалаи ***шашмақом*** ва ***шашмақомхонӣ*** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Президенти кишвар, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд ва ҳар сол як маротиба 12-уми май рӯзи ***шашмақомхонӣ*** баргузор мегардад, ки аз рушду густариши ин истилоҳи куҳанбунёд шаҳодат медиҳад.

Калимаи мазкур дар асори шоирону нависандагони гузаштаву имрӯза истифода шудааст. Масалан, устод Садриддин Айнӣ дар "Ёддоштҳо"-и худ ин вожаро чунин ба кор бурдааст: "Насруллобой ном як шашмақомхони шастсола буд" [154, с. 374].

Шашмақомхонӣ аз чанд зинаи калимасозӣ гузашта ба ин шакл даромадааст. Ба андешаи мо, дар зинаи аввал аз ибораи ***шаш мақом*** бо илова гардидани асоси замони ҳозираи феъли ***хон*** ба сурати калимаи мураккаби сеҷузъа ***шашмақомхон,*** ки касбу ҳунарро ифода мекунад ва

шахсро далолат мекунад, берун омадааст. Дар зинаи дуюм ба ин калима пасванди ***-ӣ*** пайваст шуда, аз исми конкрет исми маънии ***шашмақомхонӣ*** сохтааст.

Санъати мусиқӣ, сарояндагӣ ва номи асбобҳои ин соҳа яке аз суннатҳои куҳанбунёди мардуми ориёитабор, бавижа тоҷикон буда, то имрӯз ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ асолати бунёдиву таърихии худро нигоҳ дошта меояд. Бо вуҷуди ин лексикаи асбобҳои мусиқӣ, ҷузъҳои ба онҳо алоқаманд ва касбу ҳунари ин суннат дар забоншиносии тоҷик, корҳои муҳимму арзишманде ба анҷом расида бошад ҳам, бархе аз паҳлуҳои ин соҳа аз мадди назари донишмандон, махсусан забоншиносон, дар канор мондааст. Яке аз корҳои нав, ки махсусан ба ин масъала бахшида шудааст, диссертатсияи номзадии Зарина Абдуллоева мебошад ва он ба таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ бахшида шудааст (Абдуллоева 2019). Муҳаққиқи номбурда дар диссертатсияи худ, асосан, таърихи ташаккул ва такомули истилоҳоти мусиқии тоҷикиро дар пояи рисолаҳои ба соҳаи мусиқӣ ва осори илмиву адабии ба забони форсӣ-тоҷикӣ бахшидашуда мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст, ки дар адабиёти назариявии забоншиносӣ, бавижа дар соҳаи истилоҳнигорӣ, аҳаммияти махсусро доро мебошанд ва мо низ аз истифодаи он бебаҳра намондем. Албатта, мавзуи мо ҳам пурра ба ин масъала бахшида намешавад, танҳо он калимаҳое таҳлил ва таҳқиқ меёбанд, ки ба мавзуи мо дахл доранд ва шумораашон хеле кам аст.

Бинобар истилоҳоти соҳаи санъати мусиқӣ ва ҳунарҳои вобаста ба он ҳам як бахши захираи луғавии забонро ташкил мекунанд ва омӯзишу баррасии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар сарчашмаҳои илмӣ, осори шоирону нависандагон вожаҳои марбут ба асбобҳои мусиқӣ, ҷузъҳои онҳо, ҳунарҳои ин соҳа хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд, ки бархе аз онҳо имрӯз дар забони тоҷикӣ истифода нашуда ба ёди фаромӯшӣ рафтаанд ва қисми дигар роиҷанд.

Дар ин ҷо вожае мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода мешавад, ки калимаи куҳнашуда буда, дар гузашта бо номи ***чорпоразан*** маъруфият доштааст. Вожаи ***чорпоразан*** исми мураккаб буда, аз се ҷузъ, аз ҳиссаҳои гуногуни номии нутқ шумора, исм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтааст. Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ мебошанд.

***Чорпоразан*** номи ҳунари навозандагие будааст, ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" тавзеҳ ёфта, аз Хоқонӣ байте ҳамчун намуна мисол оварда шудааст: "касе, ки чорпора менавозад; касе, ки дар тӯй ва маъракаҳо чор чӯбро ба ҳамдигар зада овози мавзун мебарорад":

Сор ба шохсор-бар зангии ***чорпоразан,***
Ханда занон чу зангиён абр зи рӯи аґбарӣ.
[126, с. 546].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин вожа аз ду зинаи калимасозӣ гузаштааст. Дар зинаи аввал аз ***чор*** ва ***пора*** вожаи муракаби ***чорпора*** ба вуҷуд омадаст, ки он ҳам ба ҳамин соҳа робита дошта, дар фарҳанг ба чунин маъноҳо ба қайд гирифта шудааст: чорпора 1. мус. номи созе, ки чор васл доштааст; 2. номи рақсе; 3. занги раққосӣ [126, с. 546].

Дар зинаи дуюм ба вожаи ***чорпора*** пайваст гардидани асоси замони ҳозираи феъли ***зан*** (задан) мебошад, ки аз номи мусиқӣ ҳунаре ба вуҷуд омадааст ва мутааллиқ ба шахс аст. Вожаи ***чорпоразан***-ро метавон бо номи ё шакли ***чорпо*** ва ***навоз*** низ ном бурд.

***Нахӯдшӯракфурӯшӣ.*** Ин калима дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ дар чунин шакл сабт наёфтааст. Вале дар асарҳои нависандагон ва гӯйиши бархе аз тоҷикон ба мушоҳида мерасад. Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳои вожаи номбурда тоҷикӣ мебошанд: ***нахӯд+шӯр+ак+фурӯш+ӣ.*** Аз ин ҷо бармеояд, ки ин калима аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ таркиб ёфтааст, яъне аз исм, сифат, пасванд ва

асоси замони ҳозираи феъл. Ин калима тахассусӣ буда, ба соҳаи бозаргонӣ марбут аст ва имрӯз низ корбурди онро аз гуфтори баъзе шахсон шунидан мумкин аст.

Вожасозӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои рушду густариш ва ғановатманд гардонидани таркиби луғавии забон буда, дар натиҷаи тараққиёти илму техника, адабиёту санъат, кишоварзӣ, иқтисодиёт ва ғайра рӯз то рӯз вожаву истилоҳоти нав ба нав ба вуҷуд омадан дорад. Аз ҷониби дигар, бархе аз вожаҳо дар давраи нав мавқеи худро аз даст дода, ба ёди фаромӯшӣ мераванд ва бар ивази онҳо калимаву истилоҳҳои нав ба забон ворид мегарданд.

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ дорои роҳҳои гуногун ва махсуси калимасозӣ мебошад ва роҷеъ ба ин масъала дар пажуҳишҳои илмии забоншиносӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ маълумот дода шудааст.

Дар пажуҳишҳо ва дастурҳои таълимиву китобҳои дарсӣ, ки махсусан ба грамматикаи забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, тавассути пешванду пасвандҳо ва вожаҳои мураккаб сохта шудани калимаҳо ба мушоҳида мерасад, вале дар бораи вижагиҳои калимасозии бандаки изофӣ донишмандони тоҷик камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар манбаъҳои илмӣ-назарявии забони тоҷикӣ муҳаққиқон бандаки изофиро танҳо ҳамчун воситаи алоқаи байни вожаҳо дар ташкили ибораҳо ба қалам додаанд. Ҳол он ки дар забони тоҷикӣ як бахши зиёди калимаҳои мураккаб ба воситаи бандаки изофӣ таркиб ёфтаанд, ки онҳоро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард:

1) вожаҳое, ки марбут ба номҳои инсонанд: Шамъигул (шамъ+и+гул), Шоҳимардон (Шоҳ+и+мардон), Шодигул (шод+и+гул), Тоҷигул (тоҷ+и+гул) ва ғайра;

2) калимаҳои ба ҷойномҳо робитадошта: Шаҳринав (шаҳр+и+нав), Конибодом (кон+и+бодом), Шаҳрисабз (шаҳр+и+сабз), Шаҳритус (шаҳр+и+тус) ва монанди инҳо;

3) вожаҳое, ки ба касбу кор алоқаманданд: мардикор (мард+и+кор);

4) калимаҳои мураккаби сеҷузъа, ки ба пеша ва касбу кор алоқаманданд: чархиосиётарош (чарх+и+осиё+тарош), занбӯриасалпарвар (занбӯр+и+асал+парвар), ҳаққимардумхӯр (ҳақ+и+мардум+хӯр), обияхобфурӯш (об+и+ях+об+фурӯш) ва ғайра.

Чунин навъи вожаҳои мураккаб метавонанд, аз ду ва ё се калимаи сода таркиб ёбанд, ки тавассути бандаки изофӣ ба вуҷуд омада, аз як маъно мафҳуми нав месозанд. Масалан, аз ***шамъ***, ки аз ҷиҳати баромад арабӣ буда, маънои «чароғ»-ро дорад, ба воситаи бандаки изофӣ ба вожаи ***гул*** пайваста, номи шахс «Шамъигул»-ро сохтааст.

Бо вуҷуди ин дар масъалаи калимасоз будан ё набудани бандаки изофӣ донишмандони тоҷик андешаҳои мухталиф доранд. Гурӯҳе аз онҳо, аз қабили Ш.Ниёзӣ, Ш.Рустамов ва А. Мирзоев дар асарҳои худ мавқеи калимасозии изофатро эътироф накардаанд ( Ниёзӣ, 1954, 27; Рустамов, 1981, 166-167; Мирзоев, 2002, 103-104). Ҳамчунин дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ дар мавриди калимасозии бандаки изофӣ ишора нагардида бошад ҳам, вале дар онҳо дар хусуси аз ибораҳои изофӣ сохтани вожаҳои мураккаб ба қайд гирифта шудааст.

Донишманди дигари тоҷик А.Халилов баръакси донишмандони гурӯҳи аввал бандаки изофиро дар асари худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар баробари ин нақши калимасозии бандаки изофӣ, дар сохтани вожаҳои мураккаб фаъол будани онро низ муайян намудааст. Аз ин ҷиҳат, ӯ “ҳамчун истилоҳи грамматикӣ: калимаҳои

мураккаби изофӣ номидани ин гурӯҳи вожаҳои мураккабро мувофиқи матлаб донистааст” [92, с. 82].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин масъала баҳсталаб буда, донишмандон то ҳол ба як хулосаи муайян наомадаанд.

Аҳаммияти пажуҳиши ин масъала аз он иборат мебошад, ки ин масъала ба таври мукаммал мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аҳаммияти илмии диссертатсия таҳия ва баррасӣ намудани нақши бандаки изофӣ дар сохтани калимаҳои сеҷузъа мебшад, ки доираи корбурди бархе аз онҳо бо сабаби аз эҳтиёҷот берун мондан, дар ҳоли аз байн рафтананд ва ин навъи калимаҳо дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудаанд.

Бандаки изофӣ дар сохтани вожаҳои мураккаб, бавижа калимаҳои мураккаби сеҷузъа нақши муҳим дошта, таҳқиқи он яке аз масъалаҳои муҳим бошад ҳам, ба истиснои баъзе ишораҳои иҷмолӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Зарурати баррасии ин масъала аз он берун меояд, ки:

а) масъалаи мавриди андеша кам таҳқиқшуда ба ҳисоб меравад;

б) донишмандони тоҷик бештар ба ҷиҳати иборасозии он аҳаммият дода, вазифаи калимасозии онро эътироф накардаанд, ба истиснои А.Халилов.

Дараҷаи омӯзиш ва пажуҳиши грамматикаи забони тоҷикӣ, асосан, аз солҳои 40-уми асри ХХ оғоз гардида, бештар ба масъалаҳои фонетика, морфология, калимасозӣ ва ғ. таваҷҷуҳ дода шудааст. Дар масъалаи вожасозии бандаки изофӣ (-и) ва калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа ба ҷуз аз баъзе ишораҳои кӯтоҳ дар асарҳои Ш.Ниёзӣ, Ш.Рустамов, А.Мирзоев, А.Халилов ва грамматикаҳои забони тоҷикӣ таҳқиқоти мукаммале рӯйи кор наомадааст. Инчунин, ба ин масъала солҳои охир муҳаққиқ С.Мирзоев ва муаллифи ин сатрҳо таваҷҷуҳ

зоҳир намуда, чанд мақола дар бораи вожаҳои мураккаби сеҷузъа ба нашр расонидаанд.

Бандаки изофӣ ҳамчун воситаи алоқаи байни вожаҳо дар ҷумла буда, он дар ифодаи фикру андешаҳо нақши бисёр муҳим дорад. Бинобар ҳамин таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи он дорои аҳаммияти махсуси амалӣ ва назарӣ мебошад.

Дар асл, бандаки изофӣ дар мавриди вожасозӣ як вазифаи муайян ва дар сохтани ибораҳои изофӣ вазифаи дигарро ба ҷо меоварад. Вожаҳои мураккаби изофӣ аз рӯйи сохт, тарзи навишту талаффуз аз ибораҳои изофӣ фарқ доранд. Ҳар як ҷузъи ибора дорои маънои мустақил буда, метавонанд ба ин ё он савол ҷавоб шаванд. Ҳамчунин бандаки изофӣ, ки воситаи алоқаи байни онҳост, яке – тобеъкунанда ва дигаре –тобеъшаванда ба ҳисоб меравад, яъне ҷузъи аввал муайяншаванда бошад, ҷузъи дуюм муайянкунанда аст, вале калимаҳои мураккаб дар мисоли (**Тоҷӣ, Шодӣ, Шамъӣ** номи одамон буда, аз ин калимаҳо бо иловаи гул...) чунин хусусият надоранд. Ба таври намуна вожаҳои “Шамъигул, Тоҷигул, Шодигул”-ро мегирем, ки ҷузъҳояшон “шамъ, тоҷ, шод” ва “гул” буда, аз ду калимаи мустақилмаъно тавассути бандаки изофӣ «-и» таркиб ёфтаанд. Дар ин калимаҳо хусусияти тобеъкунӣ ва тобеъшавӣ дида намешавад ва онҳоро ба муайяншавандаву муайянкунанда ҷудо кардан мумкин нест. Бандаки изофӣ байни ин калимаҳо омада вазифаи вожасозиро анҷом додааст. Вожаҳои мураккаби мавриди андеша номи шахс ва исми хос буда, дорои як маъноанд ва ба як савол ҷавоб мешаванд. Инчунин як зада мегиранд.

А.Халилов дар бораи вожасозии изофат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар боби сеюми асари худ андешаи худро роҷеъ ба ин масъала баён карда, барои тақвияти суханҳояш калимаҳои «Шаҳрисабз, Обигарм, Боғишамол, Шоҳимардон, Моҳихубон, Шам-ъигул,

субҳидам, мардикор, сангиосиётарошӣ, занбӯриасалпарварӣ, ҳаққимардумхӯрӣ» ва монанди инҳоро ҳамчун намуна далел овардааст [Халилов, 1969, 80-86]. Иборашинос А.Мирзоев бар хилофи А.Халилов вожаҳои номбурдаро аз рӯйи сохташон ба чор гурӯҳ ҷудо карда, назари худро баён намудааст: а) Шаҳрисабз, Обигарм, Боғишамол; б) мардикор, Шоҳимардон, Моҳихубон; в) субҳидам, Шамъигул, Мавҷигул; г) чархиосиётарошӣ, занбӯриаслапарварӣ, ҳаққимардумхӯрӣ. Ба ақидаи А.Мирзоев, ҷузъҳои вожаҳои гурӯҳи якуму дуюм мувофиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ шартан якҷоя навишта мешаванд. Аммо мувофиқи табиату хусусиятҳои забони тоҷикӣ ҷузъҳои ин гурӯҳи вожаҳо бояд ҷудо навишта шаванд. Зеро алоқаи изофии байни ҷузъҳои калима ҳанӯз зинда аст; ҳар ҷузъ ҳанӯз задаи мустақил дорад [41, с. 103].

Ба андешаи мо, ин гурӯҳи калимаҳо, дар ҳақиқат, вақте дар шакли ибора бошанд, ҳар ҷузъ дорои задаи худ буда, дар ҳолати ба калимаи мураккаб табдил ёфтан як зада қабул мекунанд, ки нақши калимасозии изофат пурра ба назар мерасад ва ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ А.Халилов аст.

А.Мирзоев гурӯҳи сеюми калимаҳоро вожаҳои мураккаб номидааст. Ӯ мегӯяд, ки “Онҳо бо роҳи калимасозии васла сохта шудаанд: **мардкор, Шамъгул, субҳдам**. Азбаски талаффузи ин калимаҳо дар ин шакл сакта дорад, дар раванди гуфтор баҳри ҳадафи сакта ва хушоҳангии вожа дар васлгоҳи ҷузъҳо овози **и** меафзояд, ки онро дар забоншиносӣ **протез** меноманд. Ин овози илова ба назар чун бандаки изофӣ менамояд” [41, с. 103].

Вожаи **мардикор** ҳам дар шакли ибораи **марди кор** мавҷуд аст ва ин ҳам мисли калимаҳои гурӯҳи якуму дуюм дар сурати мураккаб будан як зада дорад, аз ин ҷиҳат, дар сохтани ин вожа низ мавқеи изофат ба мушоҳида мерасад. **Шамъигул** шакли дуруст буда, сурати

Шамъгул саҳеҳ нест, чунки ҳеҷ кас ин номро ба гунаи **Шамъгул** талаффӯз намекунад, вале **субҳидам** метавонад, бидуни изофат ва ҳам бо изофат истифода шавад. Дар ҳар ду ҳолат дар навишт ва талаффуз дуруст аст.

Бо бандаки изофӣ на танҳо вожаҳои мураккаби дучузъа, балки калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ сохта шудааст: **сангиосиётарошӣ** (санг+и+осиё+тарош+ӣ), **ҳаққимардумхӯрӣ** (ҳақ+и+мардум+хӯр+ӣ), **занбӯриасалпарварӣ** (занбӯр+и+асал+парвар+ӣ), **обияхобфурӯшӣ** (об+и+ ях+об-фурӯш+ӣ) ва монанди инҳо. Чунин навъи вожаҳо дар осори адабиёти классикӣ ва ҳозираи тоҷик, ҳамчунин дар гуфтори мардуми тоҷик ба мушоҳида мерасанд, ки бархе аз онҳо ба забони тоҷикӣ тавассути забонҳои дигар, пеш аз ҳама, бо таъсири забони русӣ дар шакли калка калимаҳои мураккаби изофии нав ба вуҷуд омадаанд. Ин хели вожаҳои мураккаб, махсусан дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфта, таркиби луғавии онро ғановатманд сохтаанд. Масалан, калимаҳои **байрақисурхдорон** ва **занбӯриасалпарварӣ** мебошанд, ки аз **краснознаменосцы** ва **пчеловодство** тарҷума шуда, дар забони мо маъмул гаштаанд.

***Наълбандписар.*** Ин вожа аз исм, асоси замони ҳозираи феъл ва исм таркиб ёфта, дар ин шакл дар фарҳангҳо сабт нагардидааст. Аз рӯйи баромад ҷузъи аввал, яъне ***наъл*** мутааллиқ ба забони арабист. Ҷузъҳои дуюму сеюм хоси забони тоҷикӣ мебошанд.

Вожаи ***наълбандписар*** ба бахши калимаҳои ҳунармандӣ ё касбу ҳунар, пеша робита дошта, маънои “касе, ки ба пои асп ё хар наъл мезанад, наългар”-ро ифода мекунад. Худи ***наъл*** асбоби нимдоирашакли махсуси оҳание мебошад, ки, асосан, барои суда нашудани суми аспу хар ба суми аспону харони боркаш ва саворӣ мезананд.

Дар фарҳангҳо ба сурати ***наълбандӣ*** ба қайд гирифта шудааст, вале ***наълбандписар,*** бо вуҷуди он ки дар осори адабиёти классикӣ, махсусан дар “Гулистон”-и Саъдӣ, ба мушоҳида мерасад, аз назари фарҳангнигорон дар канор мондааст: “… бо наълбандписар сархуш наъл– банд– писаре буд” [100, с. 288].

Шояд дар ташаккули давраи забони форсӣ-тоҷикӣ калимаи ***наълбандписар*** истифода шуда, дар давраи баъдӣ аз ривоҷ афтода бошад, ё вожаи сохтаи худи Саъдист, ки дар осори дигар адибони давр ба кор нарафтааст. Ҳоло ба ҷои ин калима дар байни мардум ибораи ***устои наългар*** ва ё ***устои наълзан*** маъмул гаштааст.

Аз мисолҳои номбурда маълум мешавад, ки аз он замон то ба ҳол бархе аз роҳу воситаҳои вожасозӣ бо асосҳои худ устувор мондаанд, вале қисмати дигар таҳаввул ёфтааст. Бо вуҷуди он ки тарзу воситаҳои вожасозӣ дар раванди густариши забон каму беш ба тағйирот рӯ ба рӯ гарданд ҳам, вале дар маҷмуъ ҳамчун сохти грамматикӣ метавонанд, устувор бимонанд ва дар тамоми даврaҳои инкишофи забон вижагиҳои анъанавии худро ҳифозат кунанд.

Вожаҳои мураккаб аз ҷиҳати таркиби худ гуногун буда, дар байни ҷузъҳояшон робитаи мушаххаси семантикӣ мавҷуд аст. Бинобар ин яке аз ҷузъҳо мафҳуми дигарашро муайян намуда, алоқаи байни асосҳо (калимаҳои решагӣ) ҳамчун алоқаи тобеъкунӣ инъикос меёбанд.

Бо сабаби он ки дар байни ҷузъҳои вожаҳои мураккаб робитаи тобеъкунӣ ба мушоҳида мерасад, чунин ҳолат онҳоро ба ибораи калимаҳо наздик мекунад. Аммо мавҷуд будани алоқаи семантикӣ байни ҷузъҳои вожаҳои мураккаб боис намешавад, ки онҳоро ибора гӯянд. Ба хотири он ки онҳо аз рӯйи сохтор гунаи вожаҳои ҷудогонаро соҳиб гардида, ҳамаашон дар радифи калимаҳои дигар маънои алоҳидаро ифода мекунанд.

Вожаи мураккаби сеҷузъаи ***наълбандписар,*** ба андешаи мо, аз ибораи изофии ***писари наълбанд*** ба вуҷуд омадааст ва Саъдӣ барои кӯтоҳбаёнӣ ин ибораро ба шакли мураккаб ва насри мусаҷҷаъ корбаст намудааст.

Шумори дигари вожаҳои мураккаби изофӣ, ки аз се ҷузъи мустақилмаъно таркиб ёфтаанд, дар осори нависандагон С.Айнӣ, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, А.Баҳорӣ ва дигарон ба мушоҳида мерасанд: наълиаспмонанд, маргимушдор, молимардумхӯр, нонитегинхӯр, доғикунҷитакдор, доғинаҒзакдор ва ғайраҳо. Масалан:

"…Ӯ чор адад мехи оҳанин ва як ҳалқаи оҳанини бузурги **наълиаспмонанд** бо худ дошт" [141, с. 305].

Ин ҷо вожаи мураккаби **наълиаспмонанд** тавассути бандаки изофӣ аз се калимаи мустақилмаъно –"наъл, асп, монанд" таркиб ёфта, он шакли предметеро ифода мекунад, ки маънояш "ҳалқаи оҳанин" аст. Ҷузъҳои ин калима аз ҷиҳати баромад ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ марбутанд. Ҷузъи аввал **наъл** арабӣ буда, оҳани камоншакле мебошад, ки асосан барои суда нашудан ба суми асп ва хар мезананд. Ҷузъҳои дуюму сеюм тоҷикӣ мебошанд ва ниёз ба шарҳу эзоҳ надоранд.

Як қисми вожаҳои мураккаб ба воситаи бандаки изофӣ аз се калимаи мустақилмаъно сохта шуда, ду ҷузъи аввал ҳиссаҳои номӣ буда, бо бандаки изофӣ пайваст мегарданд. Ҷузъи охир асоси замони ҳозираи феъл мебошад, ки метавон чунин калимаҳоро ба таври намуна овард: молимардумхӯр, маргимушдор, доғикунҷитакдор ва ғайра. Мисол: "Шофёр, тоторбачаи ҷавони рӯйҳояш ***доғикунҷитакдор***, як табассум карду мошинаро гардонд" [145, с. 32].

Инчунин гурӯҳи калимаҳои мураккаби сеҷузъаи изофӣ, ки дар ҷумла ба вазифаи сифат меоянд, ба воситаи бандаки изофӣ «**и**» аз се вожаи мастақилмаъно ва суффикси **-ӣ** сохта мешаванд. Дар ин навъи

вожаҳо ҷузъҳои якуму дуюм тавассути бандаки изофӣ пайваст гардида, ҳар ду ҷузъ исм мебошанд. Компоненти сеюм, одатан, асоси замони ҳозираи феъл буда, дар охири он пасванди вожасози -ӣ васл мегардад ва аз пеша ё касбу кор калимаи дигар месозад. Масалан, калимаи **сангиосиёчинӣ** аз **санг**, бандаки изофӣ, **осиё**, асоси замони ҳозираи феъли **чин** (чиндан) ва суффикси **-ӣ** таркиб ёфта, аз ду зинаи калимасозӣ гузаштааст. Дар зинаи аввал бандаки изофӣ аз ибораи изофии **санги осиё** бо ҳамроҳ шудани феъли **чин** вожаи **сангиосиёчин**, ки маънои касбу ҳунарро дорад, ба вуҷуд омадааст. Дар зинаи дуюм суффикси **-ӣ** аз исм сифат сохтааст: "Болғаи ***сангиосиёчӣ*** бояд аз пӯлод нағз об хӯрда бошад" [149, с. 73].

Ҳамин тавр, вожаи мураккаби изофии **сангиосиёчинӣ** аз исму исм, асоси замони ҳозираи феъл, бандаки изофӣ ва суффикси ***-ӣ*** таркиб ёфта, ба вазифаи сифат омадааст ва аз рӯйи баромад ҳама ҷузҳои мустақилмано "**санг**, **осиё**, **чин**" тоҷикӣ мебошанд. Суффикси **-ӣ** ба **сангиосиёчин**, ки пешаи шахсро ифода мекунад, пайваст гардида, номи асбобро ба вуҷуд овардааст, ки истилоҳоти касбу ҳунари махсусро ифода мекунад.

Лозим ба зикр аст, ки чунин навъи таркибҳо хусусияти хоси грамматикӣ дошта, ҳамчун вожаҳои мураккаб якҷоя навишта мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат ин навъи таркибҳо дар ҳолати якҷоя навиштан як вижагии грамматикӣ, вале дар шакли ибора омадан хусусияти дигари грамматикиро соҳиб мешаванд.

Вожаи мураккаби **сангиосиёчин** агар шахсро аз рӯйи пеша, ихтисос, касбу кор ва машғулияташ нишон диҳад, калимаи **сангиосиёчинӣ** бошад, ба воситаи суффикси **-ӣ** сохташуда, он касбу кор, пеша ва машғулиятро ба таври умумӣ, ҷудо аз шахс ифода кардааст, яъне абстракт будани онро нишон медиҳад.

Чунонки аз мутолиаи осори адабӣ, илмӣ ва мушоҳидаҳои шахсӣ маълум мешавад, вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ кам

набуда, аз онҳо шоирону нависандагон ба таври фаровон истифода кардаанд. Ин бахши калимаҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ– исм, сифат, шумора, феъл бо роҳҳои мухталиф таркиб ёфтаанд, ки бештари онҳо макон, касбу кор, соҳибият ва мафҳумҳои абстрактро ифода мекунанд.

**А) сохтани калимаҳои сеҷузъа аз исмҳои мураккаб ва асоси замони ҳозираи феъл**

***Донашӯракпазӣ*** ҳам дар қолаби вожаи ***нахӯдшӯракфурӯшӣ*** сохта шуда, танҳо тафовут дар феъл аст. Агар яке бо феъли **фурӯш** (фурӯхтан) таркиб ёфта бошад, дигаре бо феъли **паз (пӯхтан)** ба вуҷуд омадааст. Байни ҷузъҳои дигар фарқият нест. ***Донашӯракпазӣ*** низ вожаи тахассусӣ буда, маънои пешаро ифода мекунад. Тафовути дигар байни ин калимаҳо дар он аст, ки агар яке ба соҳаи бозаргонӣ алоқаманд бошад, дигаре ба касбу ҳунар робита дорад. Ин пеша ҳам имрӯз рушду густариш дошта, дорои истифодаи фаровон мебошад.

Ба соҳаи касбу ҳунар метавон калимаҳои ***гӯштбирёнкунӣ, мургбирёнкунӣ, равгандогкунӣ, ҳалвоисобунпазӣ, занбӯриасалпарварӣ, қавурдогпазӣ*** ва ғайраҳоро ворид кард, ки баъзе аз инҳо ҳоло низ истифода гардида, бархе аз истифода берун мондааст.

***Мургбирёнкунӣ.*** Ин вожаи мураккаби аз чор ҷузъ: ***мург+бирён +кун+ӣ*** иборат буда, ба бахши истилоҳоти касбу кор марбут аст. **Мурғбирёнкунӣ** аз исму исм, асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфта, тавассути пасванди ***-ӣ*** пеша ё ҳунари ғизопазӣ сохтааст.

Аз ҷиҳати баромад ҷузъҳои калимаи мавриди пажуҳиш ҳама тоҷикӣ мебошанд ва аз ибораи ***мург бирён кардан*** ё ***мургбирён кардан*** ба вуҷуд омадааст. Ин калима ҳам дар шакли ***мургбирёнкунӣ*** дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ сабт наёфта, танҳо ду ҷузъи аввали он, яъне ба гунаи ***мургбирён*** дар фарҳангҳо ба қайд гирифта шудааст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки калимаҳои мураккаби сеҷузъа ё бисёрҷузъа дар фарҳангҳо хеле кам ба назар мерасанд. Бинобар ин ҷамъоварӣ ва таҳқиқи ин навъи вожаҳои мураккаб хеле муҳим буда,

барои такмили фарҳангҳои минбаъда мусоидат хоҳанд кард. Бештари калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа аз ибораҳои гуногун сохта шудаанд, ки онҳоро метавон дар шакли мураккаб ва ё ба сурати ибора ба кор бурд. Масалан, вожаҳои ***“чормагзбозӣ”***-ро ба гунаи ***чормагзбозӣ*** кардан; “мардикорбача”-ро ба сурати ***бачаи мардикор*** истифода кард, ки маънои онҳо тағйир намеёбад.

**Б) сохтани калимаҳои севузъа аз ибораҳои изофӣ ва асоси замони ҳозираи феъл**

***Равгандогкунӣ*** низ қолаби вожаи ***мургбирёнкунӣ*** буда, тафовут байни ин калимаҳо дида намешавад, чунки ҳарду калима касбу пешаро ифода мекунанд. Вожаи мазкур аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм+исм+асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди ***-ӣ*** таркиб ёфтааст. ***Равгандогкунӣ,*** аслан, калимаи тоҷикӣ мебошад: ***равган+дог+кун+ӣ.***

Соҳаи парвариши занбӯри асал ё асалпарварӣ яке аз соҳаҳои бисёр муҳимми муфид мебошад, ки рӯз то рӯз густариш меёбад. Бинобар ин дар ин замина ҳам вожаҳои нав ба вуҷуд омадан доранд, ки байни онҳо калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа низ мавҷуд аст. Барои таҳвияти андешаи ин метавон яке аз вожаҳои ин соҳа, ки бо номи ***занбӯриасалпарварӣ*** маъмул гаштааст, мавриди таҳлил ва пажуҳиш қарор дод.

Вожаи мавриди таҳқиқ аз исми ***занбӯр,*** бандаки изофӣ, ***асал, парвар*** ва пасванд ба вуҷуд омада, аз се ҷузъи мустақилмаъно ва ду ҷузъи ёрирасон (ғайримустақил) таркиб ёфтааст. Яъне вожаи мазкур аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ: аз исм, бандаки изофӣ, исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванд сохта шуда, аз ҷиҳати баромад ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ тааллуқ доранд.

Вожаҳои ***занбӯр, парвар*** тоҷикӣ буда, ***асал*** арабист ва бар ивази калимаи тоҷикии ***ангубин*** ё гунаи дигари он ***ангабин*** ворид гардида, мавқеи худро дар забони тоҷикӣ мустаҳкам кардааст. Вожаи арабии ***асал*** доираи калимаи бунёдии тоҷикии ***ангубинро*** чунон танг карда, аз

истифода баровардааст, ки аксарияти тоҷикон дигар ба мафҳуми он сарфаҳм намераванд. Ба таври дигар гӯем, вожаи ***ангубин*** ба ёди фаромӯшӣ рафта, дар захираи луғавии забон ҳамчун вожаи куҳнашуда боқӣ мондааст. Бо вуҷуди ин, бо шарофати истиқлолияти миллӣ ин калимаро имрӯз аз гуфтори бархе аз тоҷикон шунидан мумкин аст, ки шояд дар оянда мавқеи худро пайдо карда, ба мақоми худ соҳиб гардад.

***Занбӯр*** ба мафҳуми умумии навъҳои мухталифи занбӯрҳо фаҳмида шуда, бо иловаи бандаки изофӣ ва ***асал*** ибораи исмии ***занбӯри асал*** ба вуҷуд омадааст, ки маънои мушаххасро ифода мекунад, яъне танҳо навъи занбӯри асал. Баъдан ба ин ибора ҷузъи дигар, ки асоси замони ҳозираи феъли ***парваридан-парвар*** мебошад, пайваст гардида, вожаи мураккаби ***занбӯриасалпарвар***-ро ташкил намудааст ва маънои “пеша, ҳунар”-ро ба худ касб кардааст. Пас ҷузъи ёрирасони дигар ба ин калима пасванди ***-ӣ*** ҳамроҳ шуда, ба маънои он тағйирот ворид сохтааст. Пасванди ***-ӣ*** аз вожаи ***занбӯриасалпарвар*** калимаи ***занбӯриасалпарварӣ,*** яъне аз касбу ҳунар маънои соҳавии ин машғулиятро ба вуҷуд овардааст.

Пасванди ***-ӣ*** дар сохтани исмҳои абстракт нақши махсус дошта, он аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ вожаҳои нав месозад. Яке аз вазифаҳои ин пасванд дар он аст, ки он аз баъзе калимаҳо касбу ҳунар, пеша месозад: деҳқонӣ, коргарӣ, савдогарӣ... Асоси ин навъи исмҳо метавонанд, дар шаклҳои сода, сохта ва мураккаб оянд.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки вожаи ***занбӯриасалпарварӣ*** чанд зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст. Зинаи аввал, ба андешаи мо, ***асалпарвар*** буда, ба шахсе ишора мешавад, ки ба парвариши асал тайёр кардани асал машғулият дорад, ё пешаи махсуси ин соҳа ба шумор меравад. Дар зинаи дуюм аз вожаи ***асалпарвар*** тавассути пасванди шаклсозӣ ***-ӣ*** калимаи ***асалпарварӣ*** сохта шудааст. Баъдан, чун тайёр кардани асалро аз занбӯрҳои махсус истифода мебаранд,

бинобар ин, ба вожаи ***асалпарварӣ занбӯр***-ро низ пайвастаанд, ки он дар ин шакл ба вуҷуд омад: ***занбӯриасалпарварӣ: мутахассисони мамолики пешқадам дар бобати корҳои селексия, парваришу тарбия, роҳҳои зиёд намудани маҳсулоти гуногуни занбӯриасалпарварӣ, табобати занбӯрон аз бемориҳои сироятӣ ва дигар масоили ба соҳа марбут таҷрибаи фаровон андӯхтаанд.***

***Базмтамошокунӣ.*** Ин вожа аз ҷиҳати сохт мураккаби бисёрҷузъа буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташкил ёфтааст. Ҷузъи якуму дуюм исм, сеюм асоси замони ҳозираи феъл ва ҷузъи дигар пасванди ***-ӣ*** мебошад: ***базм+тамошо+кун+ӣ.*** Аз ҷузъҳои вожаи мавриди таҳқиқ маълум мегардад, ки аз нигоҳи баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ мебошанд.

Вожаи **базмтамошокунӣ** дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ дар чунин шакл ба қайд гирифта нашудааст. Бо вуҷуди он ки ин калимаро мо дар осори баъзе нависандагони тоҷик аз ҷумла Садриддин Айнӣ, дида метавонем: "***...Ӯ шабе бо мо базм рафта, дар бозгашти он базм базмковӣ, базмёбӣ ва базмтамошокунии моро дар қитъае тасвир карда буд"*** [154, с. 464].

Ба андешаи мо, вожаи ***базмтамошокунӣ*** вазифаи таърихии худро дар як давраи муайяни таърихӣ иҷро карда, дар солҳои баъдӣ оҳиста-оҳиста мақомашро аз даст дода, ба ёди фаромушӣ рафтааст. Бинобар ин дар асарҳои баъзе адибони гузашта вожаи мавриди назар ба мушоҳида расад ҳам, имрӯз байни тоҷикони ҷумҳуриамон истифода намешавад.

Ҷузъи аввали ин калима ***базм*** буда, маънои он ягон маросими хурсандибахш ба монанди тӯй ё ягон хурсандии дигари суннатиро ифода мекунад. Дар базмҳои суннатӣ, одатан, ҳофизон, раққосон ширкат намуда, табъи иштирокдоронро болида месозанд. Вожаи ***базм*** метавонад, бо феъли ***оростан*** ибора созад: базм оростан. Инчунин бо

ҳиссаҳои дигари нутқ низ ибораҳои изофии исмӣ ё сифатӣ сохтааст, ки дар нақша метавон онҳоро чунин тасвир кард:




Барои дарёфти маънои ин ибораҳо муроҷиат шавад ба “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” [128, с. 120].

Ҳамин тавр, аз таҳлил ва таҳқиқи вожаҳои мураккаби сеҷузъаи бо пасвандӣ -ӣ сохташуда ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки як қисми ин навъ калимаҳо аз таркибу ибораҳои гуногун маҳз тавассути пасванди -ӣ таркиб ёфта, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

### 1.5. Бо пасванди -ак сохтани вожаҳои мураккаби сеҷузъа

Қаблан бояд зикр кард, ки маънои асосии луғавии вожа дар реша ифода ёфта, бо илова шудани пасванду пешвандҳо аз он калимаҳои нав таркиб меёбанд. Масалан, аз вожаи ***сиёҳ*** метавон навъҳои гуногуни калимаҳо сохт: сиёҳӣ, сиёҳак, сиёҳидон, сиёҳдона, сиёҳчеҳра, сиёҳгӯш, сиёҳранг ва монанди инҳо.

Ба таври намуна метавон вожаи “сиёҳидонча”-ро ба ҳиссаҳои ҷудогона тақсим ва таҳлил кард. ***Сиёҳидонча*** аз чор ҳисса: ***сиёҳ+ӣ+дон+ча*** иборат буда, ҳар кадоме аз ин ҷузъҳо дорои маънои махсусе мебошанд. Масалан, ҷузъи асосии ин вожа ***сиёҳ*** маънои луғавӣ дошта, номи яке аз рангҳоро ифода мекунад. Ҷузъҳои дигар маънои грамматикиро соҳибанд: ***-ӣ*** пасвандест, ки ба чӣ нисбат доштани чизеро нишон медиҳад. Пасванди дигар ***-дон*** буда, зарфиятро мефаҳмонад ва ***-ча*** хурд будани чизеро ифода менамояд.

Пасванди ***-ак*** на танҳо дар сохтани вожаҳои сода ва мураккаби дуҷузъа, балки дар такмили калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ нақши

муҳим дорад. Тавассути пасванди ***-ак*** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм сохта мешавад. Масалан, аз исм, сифат ва феъл (асоси замони ҳозираи феъл) номи асбобе сохтааст, ки ба воситаи он бонувон лабони худро бо рангҳои гуногун ороиш медиҳанд: ***лабсурхкунак.*** Ё ин ки ***пахтахушккунак*** дастгоҳи барқие мебошад, ки тавассути он пахтаро хушк кунанд. Дар ҳамин қолаб дастгоҳи барқии ***дастхушккунак*** ба вуҷуд омадааст.

Инчунин вожаи ***хаткӯркунак,*** ки доираи истеъмоли восеъ дошта, ба воситаи он хат, махсусан он чи ки бо қалам навишта шуда бошад, пок кунанд. Шакли дигари ин вожа ***хатпоккунак*** мебошад. Агар сурати ***хаткӯркунак***-ро аксарияти тоҷикон ба кор баранд, гунаи ***хатпоккунак*** ба гурӯҳи махсуси одамон, хосатан зиёиён, марбут аст. Бо вуҷуди ин ҳар ду шакл барои ҳамаи мардуми тоҷик фаҳмост, чунки аз рӯзи аввали ба мактаб қадам ниҳодан бо ин асбоби муҳимми хониш сари кор дорем.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” шакли ***хаткӯркунак*** ба қайд гирифта шуда, чунин шарҳ ёфтааст: “порчаи махсуси резинӣ барои кӯр (пок) кардани хати навишташуда” [129, с. 431].

Аз маводи дар ихтиёрдошта маълум мешавад, ки бештар исмҳои ифодакунандаи предметҳо ва баъзе ҷонварон (парандаҳо) тавассути пасванди ***-ак*** таркиб ёфтаанд: ***хаткӯркунак, қаҳваордкунак, дастхушк-кунак, дастпоккунак, пахтахушккунак, пахтатозакунак, лабсурхкунак, кӯршапарак, гӯштқимакунак*** ва ғайраҳо.

Ба ҳамин ваҷҳ калимаҳо на танҳо аз пасванду пешвандҳо вожаҳои нав месозанд, балки онҳо метавонанд, аз ду ва ё зиёда решаҳо низ таркиб ёбанд. Ба таври дигар гӯем, таркиби вожа метавонад, аз якчанд ҷузъи мустақилмаъно сохта шавад, ки дар ҷадвал метавон онҳоро ба чунин шакл тасвир кард:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ***лаб+сурх+кун+ак*** | ***лаб*** | ***сурх*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 2 | ***мӯй+сар+гир+ак*** | ***мӯй*** | ***сар*** | ***гир*** | ***ак*** |
| 3 | ***гӯшт+қима+кун+ак*** | ***гӯшт*** | ***қима*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 4 | ***оташ+хомӯш+кун+ак*** | ***оташ*** | ***хомӯш*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 5 | ***даст+пок+кун+ак*** | ***даст*** | ***пок*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 6 | ***пахта+тоза+кун+ак*** | ***пахта*** | ***тоза*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 7 | ***об+тоза+кун+ак*** | ***об*** | ***тоза*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 8 | ***дос+тез+кун+ак*** | ***дос*** | ***тез*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 9 | ***ҳаво+тоза+кун+ак*** | ***ҳаво*** | ***тоза*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 10 | ***санг+майда+кун+ак*** | ***санг*** | ***майда*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 11 | ***пул+ҳисоб+кун+ак*** | ***пул*** | ***ҳисоб*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 12 | ***хат+кӯр+кун+ак*** | ***хат*** | ***кӯр/пок*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 13 | ***қалам+тез+кун+ак*** | ***қалам*** | ***тез*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 14 | ***гӯш+тоза+кун+ак*** | ***гӯш*** | ***тоза*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 15 | ***даст+хушк+кун+ак*** | ***даст*** | ***хушк*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 16 | ***радио+соз+кун+ак*** | ***радио*** | ***соз*** | ***кун*** | ***ак*** |
| 17 | ***сар+паст+кун+ак*** | ***сар*** | ***паст*** | ***кун*** | ***ак*** |

Чунин навъи калимаҳо бештар дар гуфтори мардум ба кор мераванд ва дар фарҳангҳо сабт нашудаанд, ба истиснои бархе аз онҳо. Бо вуҷуди ин забоншинос С.Раҳматуллозода роҷеъ ба чунин хели калимаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асари монографии худ “Калимасозии исм” қисме аз онҳоро дар мисоли гӯйишҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ дастабандӣ карда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст: лоққашолкънак “либосовезак”, асптақакънак “болғачаи

наълбандӣ”, пашаҳайкънак “асбоби дастадор барои рондани паша”, тоқибаҷокънак “номи бозии кудакон” ва ғ. [72, с. 179-180].

Дар ин қисмати диссертатсия бархе аз вожаҳои мураккаби сеҷузъаи омехта, ки аз се ҳиссаи мустақилмаъно ва пасванди ***-ак*** сохта шудаанд, таҳлилу таҳқиқ мешавад.

***Лабсурхкунак.*** Ин калима аз ҷузъҳои ***лаб,*** ки яке аз узвҳои бадан аст, ***сурх–*** ифодагари як навъи ранг, ***кун–*** асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди ***-ак*** иборат мебошад, ки таърихи пайдоиши онро метавон замони Иттиҳоди Шуравӣ донист. Ин андеша аз он берун меояд, ки вожаи мавриди пажуҳиш дар фарҳангҳои забони тоҷикии мавҷудаи даврахои пешин ба қайд гирифта нашудааст, вале дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ”-и соли 2008 банашррасида сабт гардида, чунин шарҳ ёфтааст: ***лабсурхкунак*** гуфт. молидании ороишӣ барои сурх кардани ранги лаби занон [128, с. 705].

Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳо бунёди тоҷикӣ доранд ва аз рӯйи сохт ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Чунончи: ***лаб*** – исм, ***сурх–*** сифат, ***кун*** –феъл, ***-ак*** –суффикс.

Доираи густариши вожаи ***лабсурхкунак*** васеъ буда, дар гуфтори тамоми минтақаҳои тоҷикнишин, чи шаҳрӣ ва чи деҳотӣ, мустаъмал гаштааст. Ба андешаи мо, ин вожа аз ибораи русии ***губная помада*** ва ё сурати дигари он калимаи ***губношка*** ба шакли тоҷикӣ дароварда шуда, аввал дар шаҳрҳо ва баъдан оҳиста-оҳиста ба деҳаҳои дурдаст низ роҳ ёфта, доман паҳн намудааст ва ба ҳамин восита, махсусан дар гуфтори бонувон, мавқеи худро пайдо кардааст. Аз ин рӯ ин калима барои (гӯйишварони) гӯяндагони тамоми манотиқи тоҷикнишин фаҳмо буда, ба гунаи ***лабсурхкунак***, бидуни ягон тағйироти фонетикӣ талаффуз мешавад, ки ин ҳам аз нишонаи мавқеи мустаҳкам доштани он дарак медиҳад.

Дар ҳамин қолаб чанд вожаи дигар сохта шудааст, ки метавон онҳоро дар ҷадвал чунин тасвир кард:




Чунонки ба мушоҳида мерасад, бештари ин навъи калимаҳо (ба истиснои чандтои онҳо) дар қолаби исм, сифат, асоси замони ҳозираи феъли ***кун*** (кардан) ва пасванди ***-он*** сохта шудаанд, ки ба суннати калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд.

***Мӯхушккунак*** (мӯ+хушк+кун+ак) вожаест, ки дар даҳсолаҳои охир ба вуҷуд омадааст ва асбоб ё дастгоҳи хурди барқӣ буда, махсусан, барои хушк кардани мӯйи сар тавассути ҷараёни ҳавои гарм бештар дар сартарошхонаҳо ба кор меравад. Ин калима низ аз ибораи ***мӯй хушк кардан*** ва ё ҷумлаи содаи ***мӯй хушк кун*** (мӯйро хушк кун) ба воситаи пасванди ***-ак*** вожаи мураккаби ***мӯхушкунак*** сохта, ба хурд будани ин асбоб далолат мекунад, чунки яке аз вазифаҳои асосии суффикси номбурда аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми нав сохтан аст ва предметеро ба предмети асосии калима монанд ба хурд буданашро нишон медиҳад.

Инчунин ин калима дар гуфтори бархе аз одамон, махсусан занҳо дар шакли ***сарқоққунак*** низ ба мушоҳида мерасад, ки дар суҳбатҳои шахсӣ ва корҳои майдонӣ аз суханҳои занҳо ба қайд гирифта шуд.

Вожаи ***мӯхушккунак*** шакли адабӣ буда, ***сарқоққунак*** сурати лаҳҷавӣ маҳсуб меёбад. ***Мӯхушккунак*** ҳам мисли бештари калимаҳои мураккаби сеҷузъа истилоҳи нав мебошад ва пас аз ворид шудани ин асбоб номи он низ дар забони тоҷикӣ маъмул гашт.

***Оташхомӯшкунак.*** Ин истилоҳ дар замони Шуравӣ ба вуҷуд омада, ба соҳаи техника ва технологияи оташхомӯшкунӣ марбут аст. Вожаи ***оташхомӯшкунак*** дар мавриди дастгоҳе гуфта мешавад, ки он барои хомӯш кардани оташ истифода мешавад. Чунонки аз номи ин дастгоҳ маълум мегардад, он аз ҷузъҳои гуногун иборат буда, аз

ҷузъҳои ***оташ, хомӯш, кун*** ва пасванди ***-ак,*** ки хурдиву навозишро ифода мекунад, таркиб ёфтааст. Аз ҷиҳати сохт вожаи мураккаби сеҷузъаи омехта мебошад ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудааст. Ҷузъҳои якуму дуюм исм, ҷузъи сеюм асоси замони ҳозираи феъл ва ҷузъи чорум пасванд ба вуҷуд омадааст. Чун ин дастгоҳ аз ҷиҳати шакл хурд аст, аз ин рӯ пасванди ***-ак*** аз ҳиссаҳои номии нутқ номи асбоберо ба вуҷуд овардааст, ки бо он амали оташхомӯшкунӣ дастӣ иҷро мешавад ва он шабеҳи балони газ аст.

Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳои номбурда вожаҳои тоҷикӣ мебошанд. Ба андешаи мо, вожаи ***оташхомӯшкунак*** аз калимаи русии ***“огнетушитель”*** ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, пас умумиистеъмол шуда, мавқеи худро устувор намудааст. Ин вожа дар забони тоҷикӣ ду шакли истифода дорад, ки тафовут танҳо дар ҷузъи аввал аст, яъне ба ҷойи “оташ” метавон муодили он “сӯхтор”-ро ба кор бурд, маъно тағйир намеёбад: оташхомӯшкунак=сӯхторхомӯш-кунак.

Вожаи мавриди назар дар фарҳангҳои қаблӣ ба мушоҳида намерасад, бинобар ин таърихи пайдоиши онро метавон пас аз Инқилоби Октябр ва таъсиси Иттиҳоди Шуравӣ (ИҶШС) донист, ки баъд аз кашфи ин дастгоҳ низ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтааст. ***Оташхомӯшкунак*** вожаи тахассусӣ буда, барои такмили фарҳангҳои чи соҳавӣ ва чи тахассусӣ мусоидат мекунад.

***Оташхомӯшкунак*** ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст. Зинаи аввали он ***“оташхомӯшкун”*** мебошад, ки ба шахс далолат мекунад ва пешаи махсус аст. Дар ин шакл вай аз ҷумлаи содаи амрии ***“Оташ хомӯш кун”*** дар натиҷаи ташаккули ягонаи овозӣ ба вуҷуд омадааст. Аз калимаи ***“оташхомӯшкун”*** дар зинаи дуюми калимасозӣ бо пасванди **-ак** вожаи ***“оташхомӯшкунак”*** сохта шуд, ки нишонаи хурд будани дастгоҳи оташхомӯшкуниро ифода мекунад.

Вожаи ***оташхомӯшкунак*** аз ҷониби муҳаққиқони пешин баррасӣ нагардидааст, бинобар ҳамин метавон гуфт, ки ин калима бори нахуст мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

### *1.6. Бо пасванди -он сохтани вожаҳои мураккаби сеҷузъа*

Як қисми маводи моро вожаҳои мураккаби суннатии сеҷузъа ташкил медиҳанд. Ин хели калимаҳои мураккаб бештар дар гуфтори мардум ба мушоҳида расида, дар фарҳангҳо сабт наёфтаанд. Мо маводи ин навъи вожаҳоро аз китоби С.Мирзоев, ки як боби он маҳз ба ин масъала бахшида шудааст, дарёфт намудем [Мирзоев, 2012].

Ин боб "Вожаҳои мураккаби маросимӣ, ки бо пасванди -он таркиб ёфтаанд" унвон дошта, дар он тамоми вожаҳои мураккаби бо пасванди ***-он*** сохташуда мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Албатта, бештари чунин навъи вожаҳо калимаҳои мураккаби дуҷузъа мебошанд. Бо вуҷуди он як миқдор аз вожаҳои мураккаби сеҷузъа низ мавҷуд аст, ки онҳо ҳам барои таҳияи фарҳангҳои чи соҳавӣ ва чи тафсирӣ судманд арзёбӣ мешавад.

Суннатҳои маҳаллии мардумӣ идомаи суннатҳои гузаштаи шарқӣ ва ғарбии эронӣ буда, дар заминаи ин вожаҳои зиёди этнолингвистӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар асоси онҳо таркиби луғавии забони тоҷикӣ боз ҳам ғановатмандтар гардидааст.

Ҳар як халқу миллат, қавму қабила суннатҳои маҳаллии худро доранд, ки аксарияти онҳо ба расму оини ҳар як мардум алоқаманд мебошанд ва чунин навъи вожаҳои суннатӣ хусусиятҳои забонӣ, мардумшиносиро дар худ инъикос мекунанд.

Дар ин қисмати диссертатсия бархе аз вожаҳои мураккаби сеҷузъаи суннатӣ таҳлил мешаванд, ки байни мардуми тоҷик маъмуланд: ***мӯйсаргирон, гандумбодкунон, навпобуроён, норгӯркунон, богбелкунон, остоназеркунон, рӯймолдарон, дастҳалолкунон*** ва ғайра.

Ба ин қисмат вожаи ***дастҳалолкунон***-ро низ метавон дохил кард, ки аз ҳиссаҳои ***даст+ҳалол+кун+он*** таркиб ёфтааст. Ин калима дар

шакли мураккаби дучузъа ***чукбуррон*** ва ба сурати сода ***хатна*** низ истифода мешавад.

Ё ин ки ***навпобуророн*** аз вожаҳои содаи ***нав+по+бурор*** ва пасванди ***-он*** сохта шуда, ба нахустин бор роҳравон шудани кӯдак марбут аст. Ин вожа низ ду шакли истифода дорад. Дар гуфтори баъзе маҳаллоти тоҷикнишин ба сурати ***навпобуророн,*** яъне вожаи мураккаби сеҷузъа ва дар гуфтори бархе аз маҳаллоти дигар ба гунаи ***сарбандон*** мураккаби дучузъа ба мушоҳида мерасад, ки маънои ҳар ду як аст.

Шояд саволе пайдо шавад, ки чаро чунин ҳодиса ба вуҷуд омадааст?

Бояд зикр кард, ки дар ҳар маҳал ин суннат бо шаклҳои хос истиқбол гирифта мешавад ва калимаҳои гуногунсохти як маънодошта ҳам ба ҳамин масъала робита дорад.

Масалан, дар водии Зарафшон касе аз калонсолон нахуст роҳ гаштани тифлро бинад, дарҳол пеш аз қадамҳои кӯдак об мепошад ва мегӯяд: “оби равон барин роҳ гардӣ”.

Тибқи маълумоти Р.Л. Неменова [1998, 147-148], дар бархе аз деҳаҳои ноҳияи Варзоб касе, ки бори аввал қадам ниҳодани кӯдакро ба мушоҳида мегирад, дасту пои бачаро баста, ӯро ба пушти падар ё модараш мегузорад ва аз вай зиёфат мехоҳад. Аз ин ҷо вожаи мураккаби дучузъаи ***сарбандон*** ба вуҷуд омадааст. Пас аз он ки волидайни тифл ваъдаи зиёфатро медиҳанд, ӯ дасту пои тифлро мекушояд.

Мусаллам аст, ки вожасозӣ яке аз роҳҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон ва офарандаи воҳидҳои нави луғавӣ мебошад, ки ин мавзуъ дар осори бархе аз забоншиносон то ҷое таҳқиқ шудааст. Масъалаи омӯзиш ва баррасии сохти вожаҳои мураккаб, бавижа мураккаби сеҷузъа яке аз проблемаҳои таҳқиқталаби забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Бинобар ин дар ин қисмати диссертатсия дар асоси маводи дар ихтиёрдошта мавқеи калимасозии вожаи ***мӯй*** дар забони тоҷикӣ ва доираи густариши онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, чунки ин масъала то ҳол таҳқиқ нашудааст.

Чунонки маълум аст, калимасозӣ яке аз манобеи муҳим ва асосии пурғановат гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, ба ин восита забон ташаккул ва такомул меёбад.

Таҳлил ва таҳқиқи вожаҳои мураккаб бо ҷузъи ***“мӯй”*** низ мисли ҷузъи ***“хона”*** муҳим ва боарзиш буда, бо он на танҳо вожаҳои мураккаби дуҷузъа, балки калимаҳои мураккаби сеҷузъаи зиёде ба вуҷуд омадааст, ки дар забони тоҷикӣ дорои мақоми хоса мебошанд. Ин навъи калимаҳо, асосан, ба соҳибият, суннат, касбу кор, пеша, асбоб ё дастгоҳ, ранг ва ғайраҳо алоқаманд буда, бо ин роҳ калимаҳои гуногун таркиббандӣ шудааст.

Дар ин банди диссертатсия калимаҳои мураккаби сеҷузъаи ба воситаи ***мӯй*** сохташуда мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегиранд, ки бештари онҳо маҳсули давраи нави ташаккулёбии забони тоҷикӣ, яъне даҳсолаҳои садаи XX ва замони истиқлол мебошанд. Ин натиҷагирӣ аз он берун меояд, ки чунин навъи вожаҳо дар фарҳангҳои пешин, аз ҷумла “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-и соли 1969 банашррасида ба қайд гирифта нашудаанд. Чунончи, калимаҳои: ***мӯйлабдароз, мӯйлабгирӣ, мӯйдарозкунак, мӯйлабдор, мӯйлабсафед, мӯйлабсиёҳ, мӯйсаргирон, мӯйсаргирӣ, мӯйсартарош, мӯйсартарошӣ, мӯхушкунак***, ***сарпасткунак*** ва амсоли инҳо.

Аз ин вожаҳои мураккаби сеҷузъа маълум мешавад, ки ҷузъи ***мӯй*** танҳо дар аввали калимаҳо омада, дар байн ва охир ба мушоҳида намерасад. Бештари ин калимаҳо ду ва ё се зинаи калимасозиро гузаронидаанд ва, аслан, аз ибораҳои изофӣ ба чунин шакл даромадаанд: ***мӯйи лаб, мӯйи дароз, мӯйи сар.*** Чунонки мебинем, аксари шоҳидҳо бо яке аз узвҳои бадани инсон робита доранд, чунки ***мӯй***

бевосита аз он берун меояд ва ё ба истилоҳи дигар аз он узв месабзад. ***Мӯй*** бо ***лаб, сар*** пайваста калимаҳои нав месозад, ки ба қоидаву қонун ва қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад ва махсусан, ба шахс марбут буда, чӣ гуна мӯй доштани онро ифода мекунад. Масалан, ***мӯйлабдароз*** ба мӯйи лаби дароз доштани касе мутааллиқ бошад, ***мӯйлабдор*** соҳиби мӯйлабро нишон медиҳад, ***мӯйлабсафед*** ё ***мӯйлабсиёҳ*** ба нишонаи ранги лаби мӯйи касе далолат мекунад.

Хусусияти асосӣ ва муҳимми ин гурӯҳи калимаҳо иборат аз он мебошад, ки ҳамаи ҷузъҳояшон бунёди тоҷикӣ доранд ва шарҳу эзоҳи онҳо барои тоҷикон зарурате ҳам пеш намеорад.

Дар сохтани ин хели калимаҳо нақши пасвандҳои ***-ак, -он, -ӣ*** муҳим арзёбӣ мешавад. Масалан, ***мӯйдарозкунак*** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ: исм, сифат, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванд ***мӯй+дароз+кун+ак*** таркиб ёфта, як навъ гӯштест шабеҳи раг. Ин калима аз ибораи изофии ***мӯйи дароз*** дар зинаи аввал тавассути пайваст шудани асоси замони ҳозираи феъли ***кун*** (кардан), ба шакли вожаи мураккаби сеҷузъаи ***мӯдарозкун*** даромадааст. Дар зинаи дуюм бошад, аз ***мӯйдарозкун*** пасванди ***-ак*** калимаи нав сохтааст, ки маънои мушаххас (конкрет), яъне навъи гӯшт, ки гӯё бо хӯрдани он мӯйи сар дароз мешуда бошад. Ин калима байни мардуми тоҷик маъмул буда, доираи васеи истифода дорад ва дар забони яғнобӣ ҳам дар шакли ***мӯдарозкунак*** ба кор меравад. Бо вуҷуди ин калимаи номбурда дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он сабт нашудааст, Бинобар ин, дар таҳия ва такмили фарҳангҳои минбаъда метавон ин калимаро ворид кард.

Вожаҳое, ки бо ҷузъи ***мӯй*** таркиб ёфтаанд, аз рӯйи хусусияти ҳиссаҳои нутқ доштаашон мешавад онҳоро ба чунин гурӯҳҳо бандубаст кард:

1. И+И+С: мӯй+лаб+дароз, мӯй+лаб+сафед, мӯй +лаб+ сиёҳ, мӯй+ сар +сафед, мӯй+сар+сиёҳ, мӯй+лаб+кӯтоҳ, мӯй+сар+дароз, мӯй+сар+ кӯтоҳ.
2. И+И+Ф: мӯй+лаб+дор, мӯй+сар+тарош.
3. И+С+Ф+П: мӯй+дароз+кун+ак, мӯй+хушк+кун+ак.
4. И+И+Ф+П: мӯй+сар+гир+он, мӯй+лаб+зан+он.
5. И+И+Ф+П: мӯй+сар+тарош+ӣ, мӯй+сар+гир+ӣ.
6. И+З+Ф+П: сар+паст+кун+ак.

Вожаи ***мӯй,*** ки ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб мебошад, бунёди куҳан дошта, дар бархе аз забонҳои қадима дар ҳамин шакл ва ё бо баъзе фарқиятҳои фонетикӣ маъмул будааст. Масалан, вожаи мавриди андеша дар забони форсии миёна ба гунаҳои ***mōd /moy, vars, ges*** ва дар забони форсии миёнаи турфонӣ дар шаклҳои ***mwy [mōy], gyswg [gēsūg]*** [137, с. 361-362] ба кор мерафтааст, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ба сурати ***мӯ/мӯй*** маъмул буда, шаклҳои дигар ***ges*** ё ***gēsūg*** дар давраи аввали ташаккулёбии забон ба шакли ***гесу/гесӯ*** даромадааст, ки маънои “мӯйи дарози занон, мӯйи бофтаи занон, кокул”-ро ифода мекунад [120, с. 154].

***Лаб*** низ вожаи бунёдӣ буда, асолати худро дар забони тоҷикӣ нигоҳ доштааст. Ин калима дар форсии миёна дар шакли ***Lap***, портӣ ***Laβ*** [137, с. 384-385] роиҷ будааст, ки сурати форсии миёнаи он айнан дар забони яғнобӣ ***Lap*** [119, с. 118] маълум буда, дар бархе аз гӯйишҳои забони тоҷикӣ гунаи портии он La***β*** бидуни ягон тағйирот боқӣ мондааст [124, с. 352].

Ҳамаи калимаҳои мураккаби бо ***мӯй*** ва ***лаб*** таркибёфта аз нигоҳи ҷинсият дар мисоли ***мӯйлабдароз, мӯйлабсафед, мӯйлабсиёҳ, мӯйлабдор*** ва ғ. ба мардҳо тааллуқ дошта, соҳиби мӯйлаби дароз, мӯйлаби сиёҳ ё сафед будани мардонро нишон медиҳанд ва ***мӯйлабгирӣ*** бошад, исми амали мӯйлаб гирифтан аст. Ҳамин тавр, вожаҳои мавриди назарро метавон дар нақша ба таври зайл тасвир кард:




Бархе аз вожаҳои мураккаб, ки бо ҷузъи ***мӯй*** оғоз меёбанд, ба худ хусусиятҳои синонимӣ касб кардаанд. Ба ин гурӯҳи калимаҳо вожаҳоеро метавон ворид сохт, ки ба касбу кор, пешаи шахс тааллуқ доранд. Масалан, ***мӯйсартарош, мӯйсарпасткун*** ва ***мӯйсаргир,*** ки ҳар се ба як маъно ба кор рафта, пешаи шахсро ифода мекунанд. Яъне касе, ки ба касби сартарошӣ машғул аст. Ба ин калимаҳо пасванди ***-ӣ*** ҳамроҳ шуда, аз ин исмҳои конкрет исмҳои абстракт сохтааст, ки дар ин маврид ҳам онҳо муродифи ҳамдигар шуда метавонанд: ***мӯйсартарошӣ, мӯйсаргирӣ*** ё ***муйсарпасткунӣ.***

Пасванди ***-ӣ*** яке аз пурмаҳсултарин морфемаҳое мебошад, ки дар калимасозӣ муштараквазифа буда, бо исм ҳамроҳ шуда касбу кор, машғулияти шахсро нишон медиҳад; бо сифат омада исми абстракт ва бо асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ гардида исм месозад ва ғ.

Дар қисмати мисолҳои вожаҳои мураккаби сеҷузъа низ серистеъмол буда, калимаҳои зиёде сохтааст, ки бештари онҳо аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл мебошанд: ***мӯй+сар+тарош+ӣ, мӯй+сар+гир+ӣ, муй+сар+паст+кун+ӣ*** (чорҷузъа).

***Мӯйсаргирон. Мӯйсаргирон*** вожаи ***суннатӣ*** буда, аз ***мӯй+сар+гир+он,*** яъне аз исму исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванд ***-он*** таркиб ёфтааст. Роҷеъ ба ин масъала С.Мирзоев таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, андешаи худро дар бораи истилоҳоти маросимӣ чунин баён кардааст: “Ба дунё омадани кӯдак дар ҳаёти хонаводагӣ воқеаи муҳим ва хурсандибахш мебошад, чунки фарзанд меваи инсон ва боигарии бебаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин хотир роҷеъ ба таваллуди

кӯдак, ба гаҳвора бастани он, баровардани дандон, роҳгардон шудани ӯ, гирифтани мӯйи сари ӯ суннатҳои ҷолибе мавҷуданд, ки бо истилоҳҳои зебо унвон гирифта, бо вижагиҳои махсус ба ҷо оварда мешаванд” [43, с. 80].

***Мӯйсаргирон*** расми нахустин бор тарошидани мӯйи сари кӯдак мебошад, ки дар ҳар минтақа ва маҳал бо хусусиятҳои маҳаллии худ баргузор мегардад.

Тибқи анъана кӯдак, ки яксола шуд, падару модар тифли худро ***мӯйсаргирон*** мекунанд ва ба ин муносибат зиёфате ҳам дода мешавад. Ба муносибати ин расм рӯймоли гулдӯзӣ ва пурнақшу нигореро ба гардани кӯдак мебанданд ва бобои ӯ мӯйи сари тифлро бо қайчӣ метарошад ва ё кӯтоҳ мекунад. Дар вақти тарошидани мӯй ҳозирин ва меҳмонҳо ба даруни рӯймол пул мепартоянд, ки он маънои “рӯймолӣ”-ро дорад. Дар манотиқи Зарафшон вожаи ***мӯйсаргирон*** дар шакли ***кокулзанон*** низ ба кор меравад.

Вожаи мавриди андеша аз чанд зинаи калимасозӣ гузашта ба ин шакл даромадааст. Дар зинаи аввал аз ибораи изофии ***мӯйи сар*** тавассути пайваст гардидани асоси замони ҳозираи феъли ***гирифтан*** “гир”, ин ибора ба қолаби калимаи мураккаби сеҷузъа даромадааст, яъне ***мӯйсаргир***, ки маънои касбу кор, пешаи шахсро ифода мекунад. Дар зинаи дуюми вожасозӣ пайваст шудани суффикси ***-он*** ба вожаи ***мӯйсаргир*** мебошад, ки маънои калимаро тамоман дигар кардааст. Яъне аз номи шахс ё пешаи шахс ё ба таври дигар маънои конкрет ба абстракт табдил ёфт. Агар ***мӯйсаргир*** касбу ҳунар бошад, ***мӯйсаргирон*** маросими гирифтани мӯйи сари тифл мебошад.

Хусусияти муҳим ва бунёдии ин истилоҳ дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи ҷузъҳо тоҷикианд.

Вожаи мавриди пажуҳиш дар фарҳангҳои пешин дар чунин шакл ба қайд гирифта нашудааст, вале дар ФТЗТ сабт гардидааст [128, с. 870].

Аз ин ҷо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ин суннат дар давраҳои пеш маъмул набудааст ва маҳсули баъдии ташаккули забон ба ҳисоб рафта, дар байни мардуми тоҷик маъруфият пайдо кардааст ва ин суннат бо номаш, яъне ***мӯйсаргирон*** ба ҳукми анъана даромадааст.

Мусаллам аст, ки забон дар ҳар давру замони рушду густариши ҷамъият ҳамчун воситаи робита хизмат мекунад ва унсурҳои забониеро дар бар мегирад, ки байни худ алоқаи зич доранд. Овозҳо, ҳиссаҳои маънодори вожаҳову ибораҳо ва ҷумлаҳо аз қабили ин унсурҳо мебошанд, ки онҳо аз якдигар ҷудо набуда, воҳиди ягонаи забонро ташкил медиҳанд ва дар вақти таҳқиқу таҳлил ҷудо карда мешаванд.

Вожасозӣ дар забон нақши муҳим дошта, таркиби луғавии онро бо калимаҳои нав, ки ба рушду густариши ҷамъият ба вуҷуд меоянд, ғанӣ мегардонад. Сохти калимасозӣ мисли сохти грамматикӣ устувор буда, он ҳам дар раванди пешрафту таърихи тараққиёти забон, махсусан дар замони имрӯза, ба тағйироту таҳаввулот дучор мешавад. Чунин тағйирот ба вожаҳои мураккаб, ки аз ду ва якчанд реша, ё суффиксҳои калимасоз сохта шудаанд, бетаъсир намондааст.

***Мӯйлабзанон.*** Ин вожа истилоҳи суннатӣ буда, аз исму исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди ***-он*** таркиб ёфтааст ва расмест, ки бори аввал мӯйлаби ҷавон тарошида ва ба ин муносибат зиёфате низ дода мешавад. Роҷеъ ба ин масъала дар китоби С.Мирзоев маълумоти мухтасар дода шудааст [44, с. 116].

Ин вожаи суннатӣ ҳам мисли бархе аз калимаҳои дигар аз ибораи изофии ***мӯйи лаб*** дар зинаи аввал бо илова шудани асоси замони ҳозираи феъли ***зан*** (задан) ба шакли калимаи мураккаби сеҷузъаи ***мӯйлабзан*** даромада, касбу кори шахсро ифода мекунад. Дар зинаи дуюми калимасозӣ бо ҳамроҳ гардидани пасванди ***-он*** маънои

калима тағйир ёфта, мафҳуми суннатиро ба худ касб кардааст, ки аз ҷиҳати ҷинсият марбут ба мардҳост.

Ҳамин тавр, вожаҳои суннатии маросимиву мавсимӣ, ки бо пасванди -он сохта шудаанд, ба таври дақиқ ва ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Бинобар ин, омӯзиш ва баррасии вожаҳои маросимии маҳалҳои ҷудогонаи тоҷикнишин, чи дохилӣ ва чи хориҷӣ, муқоисаи онҳо, доираи истеъмолиашон, ҳолати корбурди имрӯзаи онҳо яке аз масъалаҳои муҳимму асосии илмии забоншиносии имрӯзаи тоҷик мебошад.

Вожаҳои суннатии маросимиву мавсимӣ барои ғановатмандии захираи луғавии забон ва инкишофи минбаъдаи он, махсусан дар бахши фарҳанги миллӣ ва иҷтимоӣ яке аз воситаҳои муҳимму асосӣ буда, дар асоси маводи луғоти суннатҳо фарҳанги тахассусие таҳия гардад, дар он бояд тамоми сарвати забони миллии забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он, ки бо идроку хиради халқ ба вуҷуд омадаанд, инъикос ёбанд.

Аз сарчашмаҳои илмии солҳои охир маълум мешавад, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи донишмандон, бавижа фолклоршиносон ва каму беш забоншиносон, дар мавриди таҳқиқи вожаҳои баёнкунандаи суннатҳои милливу маҳаллии мардуми тоҷик зиёд шудааст. Сабаби таҳқиқи ин масъалаҳо дар он аст, ки маросимҳли мардумӣ дар рӯзгори ҳамарӯзаи мо ҳамчун ифодакунандаи расму ойин, касбу ҳунар нақши махсуси бунёдӣ доранд, аз ин ҷиҳат, онҳо боиси ба вуҷуд овардани сарвати ғановатмандии захираи луғавии забон гардидаанд.

## Натиҷагирии боби I

Таҳқиқ ва таҳлили вожаҳои мураккаб, бавижа мураккаби сеҷузъа, яке аз масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ ба шумор меравад, ки ин навъи калимаҳо ба таври умум матолиби гузаштаву имрӯзаи мардуми тоҷикро фаро мегиранд. Аз ин рӯ маҳз тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи лексика ва истилоҳсозиву истилоҳнигорӣ метавон дар мавриди вижагиҳои луғавии ин забон маълумоти пурратар фароҳам овард. Ғайр аз ин, бо чунин усулҳои таҳқиқот метавон бисёр масъалаҳои этнолингвистӣ ва таърихи забонро ошкор сохт.

Сохтори бахшҳои мавзуъ ва гурӯҳбандии он бар пояи сабки муосири илми забоншиносӣ таҳия ва танзим гардида, аз сарчашмаҳои илмии мавҷудбуда то ҷойи имкон истифода шудааст.

Масъалаҳои ба риштаи пажуҳиш даромада дар забоншиносии тоҷик бори нахуст дар чунин шакл мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Аз маводи таҳқиқшуда бармеояд, ки гузаштагони мо, махсусан шоирону нависандагон, барои пурғановат гардонидани фонди луғавии забон воситаву роҳҳои гуногуни калимасозиро ба кор бурда, ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Онҳо кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, ки ҳангоми сохтани вожаҳои мураккаб ғановатмандии забони модарӣ ва умумихалқиро ба таври пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд. Аз ин ҷиҳат бештари таркибҳои сохтаи ин ё он вожаи мураккаб дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он маъмуланд.

Аз таҳлил ва баррасии мавқеи калимасозии унсурҳои ***хона, сар, мӯй*** ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

1.Маълум мешавад, ки калимаҳои ***хона, сар, мӯй*** ҳамчун вожаҳои мустақилмаъно дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он мавқеи муҳим

дошта, тавассути онҳо калимаҳои зиёде ба вуҷуд омадааст, ки сермаҳсул будани онҳоро нишон медиҳад.

2.Яке аз хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми ин гурӯхи калимаҳо иборат аз он будааст, ки ҳамаи ҷузъҳо бунёди тоҷикӣ доранд ва ба шарҳу эзоҳи онҳо ниёз нест.

3.Ҷузъҳои аксари ин навъи калимаҳо бо яке аз узвҳои бадан робита дошта, далолат ба касбу кор, соҳибиятро доро мебошанд.

4.Бештари калимаҳои мураккаби бо ***мӯй*** ва ***лаб*** таркибёфта аз нигоҳи ҷинсият ба мардҳо мутааллиқ мебошанд, аз ин рӯ метавонанд, соҳиби мӯйлабро ба таври мушаххас муайян намоянд.

5. Калимаҳои мавриди таҳқиқро метавон дар таҳия ва такмили фарҳангҳои тафсирии минбаъдаи забони тоҷикӣ, тахассусиву соҳавӣ ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ ворид сохт.

6.Омӯзиш ва пажуҳиши луғоти суннатҳои маросимӣ ва мавсимӣ яке аз масоили асосӣ ва муҳимми имрӯзаи забоншиносӣ ва этнолингвистӣ ба ҳисоб рафта, он ба таври умум матолиби зиёди гузашта ва имрӯзаи мардуми тоҷикро фаро мегирад. Чунонки аз маводи мавриди таҳқиқ ба мушоҳида мерасад, дар луғоти қисмати ин навъи калимаҳои тоҷикӣ аносири гуногуни таърихиву суннатӣ мавҷуданд, ки бархе аз онҳо мақоми худро бо мурури замон аз даст дода ба ёди фаромӯшӣ рафтаанд, қисми дигар дар ҳоли аз байн рафтан аст ва теъдоде пойбарҷо мебошанд.

7.Ҳамин тавр, ин навъи калимаҳо имрӯз хоҳ истифода шаванд, хоҳ не, қобили таваҷҷуҳи махсусанд ва пажуҳиши умдатарро мехоҳанд.

# Боби II

## Таҳлили сохторию маъноии мураккаби сеҷузъаи марбут ба бонку бонкдорӣ ва ба соҳаҳои ҳаёт

### 2.1. Маълумоти муқаддимавӣ

Мусаллам аст, ки вусъат ва рушду густариши низоми бонкӣ дар давраи муосир сабаби шаклҳои мухталифи муносибатҳои молиявӣ байни давлатҳои ҷаҳон, махсусан Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва исломӣ гардидааст. Бинобар ин ин масъала дар низоми корбурди меъёрҳои истилоҳоти забонҳои ин кишварҳо ба мушоҳида мерасад. Номҳои гуногуни фаровони бонкҳо дар забонҳои мухталиф, чи Ғарбу чӣ Шарқ, нишони густариши муносибатҳои бонкӣ миёни кишварҳо мебошад, ки ин раванд хоҳ–нохоҳ таъсири худро дар низоми робитаҳои молиявии давлатҳо мегузорад. Дар шаклгирии вожаву истилоҳоти бонкӣ ҳар забоне аз қолабҳои суннатии калимасозии худ то ҷойи имкон истифода мекунад. Албатта, таъсири қолабҳои калимасозии як забон ба забони дигар низ ба назар мерасад. Истифодаи қолабҳои калимасозӣ дар ному номгузории бонкҳо дар забони тоҷикӣ аз қолабҳои вожасозии кишварҳои ҳамзабонамон дар мисоли Эрону Афғонистон ба кор рафтааст. Ҳамчунин аз қолабҳои калимасозии кишварҳои Руссия, Белорус, Украина, Қазоқистон ва номгузории баъзе бонкҳои Амрикову Англия низ истифода гардидааст. Омӯзиш ва пажуҳиши номи бонкҳо дар ҳар кишваре аз меъёрҳои гуногуни қолабҳои калимасозӣ буда, бо дарназардошти (риояи) хусусиятҳои ҳар як забон сохта ва муайян карда мешавад. Яке аз қолабҳои муҳим ва асосӣ дар ташкили номи бонкҳо дар забони англисӣ бо номи Bank-of-Bank мебошад, ки он ба Бонки марказӣ марбут буда, метавон онро ба забони тоҷикӣ “Бонки бонкҳо” ё “Бонки марказӣ”, “Бонки асосӣ” тарҷума кард. Ин қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ бунёди куҳан дошта ва то ба форсии бостон мерасад.

Масалан, ин қолаби калимасозӣ чунин шакл гирифта, то замони мо расидааст: форсии бостон ***xšāyaΘiya xšāyaΘiyānām,***–“шоҳи шоҳон”, рус “цар царей”, дар форсии миёна ба шакли ***šāhānšāh*** ва дар тоҷикӣ ҳам дар ҳамин шакл маъмул аст, яъне “шоҳаншоҳ” ё “шоҳи шоҳон”, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ ба кор рафта ва ба кор меравад. Ин намунаи қолаби калимасозиро ба хотири он ёдовар шудем, ки бояд имрӯз аз қолабҳои суннатии худамон дар пояи меъёр ва муқаррароти забони адабӣ бар ивази қолабҳои ғайритоҷикӣ истифода кунем.

Аз ҷиҳати сохтор номи бонкҳои мо дар ду шакл ба вуҷуд омадаанд: а) дар шакли мураккаб; б) ба сурати ибораҳо.

Ҳамин тавр, қолабҳои вожасозиро дар пояи меъёрҳои суннатӣ ва ғайрисуннатӣ дар номгузории бонкҳои Тоҷикистон дида мебароем. Қолаби суннатии вожаҳои мураккаб, ки дар он як ҷузъ ба ҷузъи дигар муносибати вобастагӣ дорад. Ин гуна раванд дар забонҳои ҳиндии бостону эронии қадим яке аз қолабҳои суннатии маъмул буд, ки баъдан ин шакли калимасозӣ аз забонҳои эронии бостон ва авестоӣ ба забонҳои форсии миёна, сипас аз форсии миёна ба забонҳои эронии нав гузашта, ба мерос мондааст. Масалан, вожаи ***Arİyanamxšacram***-и эронии бостон дар форсии миёна (паҳлавӣ) ба сурати ***Erān-šahr*** “Шаҳристонҳое Эрон” “Эроншаҳр”, “Кишвари Эрон” корбаст шудааст.

Дар чунин қолаб дар кишвари мо бонкҳое бо номи Ориёнбонк, Спитаменбонк, Фононбонк таъсис ёфтааст, дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳамин қолаб ***Aryānbānk-*** ***(آریان بانک), Mayvandbānk (میوندباک), Bāxtarbānk*** (**باختر بابک**) ва дар ҶИЭ Postbānk ва монанди инҳо ба вуҷуд омадааст.

Қолаби дигар, ки дар асоси ҳамин равиши таърихии калимасозӣ Амонатбонк=Бонки амонатӣ; Соҳибкорбонк дар қолаби ибораҳои изофӣ ба шакл даромадаанд. Чунончи, Амонатбонк= Бонки амонатӣ; Соҳибкорбонк=Бонки соҳибкорӣ.

Бо вуҷуди он ки дар вожаи мураккаби ***Амонатбонк*** қолаби тоҷикӣ ба назар расад ҳам, ба андешаи мо, ин шакли калимасозӣ зери таъсири истилоҳи русии ***Сберкасса*** ва ё зери таъсири вожаи маъмули русии замони Шуравӣ ***Сбербанк*** аз вожаи сберечь, сберегать (нигоҳдорӣ, маҳфуздорӣ) амонат нигоҳдорӣ дар забони тоҷикӣ ба сурати ***Амонаткасса*** даромада, сипас, ба ибораи изофии "кассаи амонатгузорӣ" табдили ном кардааст. Дар зинаи дигар бо иваз намудани калимаи "касса" ба истилоҳи "бонк" вожаи мураккаби "Амонатбонк", ки аз ду ҷузъи мустақилмаъно ***амонат*** ва ***бонк*** таркиб ёфтааст, ба вуҷуд омадааст.

Ҳамчунин қолабҳое, ки бо таъсири меъёрҳои калимасозии забони русӣ таркиб ёфта, дар номи бонкҳо аз давраи Шуравӣ маъруфият пайдо карда будааст. Чунонки аз номи бонкҳои **Русия** ба мушоҳида мерасад, қолаби доштани ду ва ё ҷузъҳои бештар бо иловаи номи бонк дар забони русӣ бонкҳои зиёде ҳаст, ки ба забони тоҷикӣ низ таъсири худро расонидаанд. Масалан, ***Агроинвестбонк*** (агро+инвест+бонк=Бонки сармоягузории кишоварзӣ); ***Тоҷпромбонк*** (тоҷ+пром+бонк=Бонки саноатии Тоҷикистон дар Русия дар ҳамин шакл бо ивази ҷузъи аввал Роспромбонк) ва монанди инҳо.

Яке аз номҳое, ки дар қолаби вожасозии забони русӣ ба вуҷуд омадааст, ин Таджпромбанк мебошад ва дар тоҷикӣ дар шакли ***Тоҷиксодиротбонк*** корбаст гардидааст. Ин ном мураккаби сеҷузъа буда, аз ибораи изофии Бонки содироти Тоҷикистон ба чунин шакл даромадааст, ки дар забони форсӣ низ ба сурати Бонки содироти Эрон маъмул аст.

Ба ҳамин минвол, дар номгузории бонкҳои кишварҳои ҳамзабон, ки таърихан аз як решаанд -Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз чунин қолабҳои калимасозӣ истифода мекунанд:

Дар забони тоҷикӣ: 1. Бо қолаби изофӣ, ки истилоҳи ***бонк*** дар аввали ном меояд: Бонки миллӣ, Бонки Эсхата, Бонки рушди Тоҷикистон; 2. Қолаби мураккаб, ки калимаи ***бонк*** дар ҷузъи дуюм (агар дуҷузъа бошад) ва ҷузъи сеюм (дар калимаҳои мураккаби сеҷузъа) қарор мегирад: Амонатбонк, Кафолатбонк, Ориёнбонк, Спитаменбонк, Фононбонк, Соҳибкорбонк ва амсоли инҳо. 3. Қолаби русӣ, ки дар номи чанде аз бонкҳо ба мушоҳида мерасад ва бештари онҳо вожаҳои мураккаби сеҷузъа буда, вожаи бонк дар ҷузъи сеюм ҷойгир мешавад: Агроинвестбонк, Тоҷиксодиротбонк, Тоҷпромбонк. Ин калимаҳо дар шакли алоҳида мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд.

Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бошад ба ғайр аз Postbānk (Пустбонк) **پست بانک** номи бонкҳо дар шакли ибораҳои изофӣ корбаст гардидаанд: ***Бонки тиҷорат*** **بانک تجارت** ки дар ҷумҳурии мо низ фаъолият мекунад. Дар кишвари дигари ҳамзабонамон Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар интихоби номи бонкҳо аз қолаби изофӣ ва қолабҳои калимаҳои мураккаб истифода мешавад:

1. Дар шакли ибораҳои изофӣ. Дар чунин шакли номгузорӣ ҷузъи аввал ***бонк*** аст: Бонки марказии Афғонистон, Бонки миллии Афғонистон ва ғ.

2.Истилоҳоти мураккаб, ки ***бонк*** дар ҷузъи дуюм қарор мегирад: Кобулбонк, Майвандбонк, Бохтарбонк ва монанди инҳо.

Дар давраи нав, махсусан замони истиқлол ҳам, тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи забоншиносӣ ба вуҷуд омад.

Дар робита ба мавзуи мавриди пажуҳиш, суннати сохтани вожаҳои мураккаби сеҷузъа идома ёфт ва калимаҳои зиёде дар бахшҳои мухталиф рӯйи кор омад, ки таърихи пайдоиши онҳо ба давраи Истиқлол ва Ваҳдати миллии кишвар марбут аст. Як бахши

муайяни онҳо ба бонку бонкдорӣ марбут буда, инчунин ба соҳаҳои дигари хоҷагии халқ низ алоқаманд мебошанд, ки ба инкишофи лексикаи забони тоҷикӣ вусъати тоза бахшидаанд.

Таъсиси бонкҳои гуногунсоҳа дар кишвар на танҳо ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми тоҷик, балки ному номгузории ин муассисаҳои моливу иқтисодӣ, яъне луғоти бавуҷудомада ба густариши луғавии забони тоҷикӣ муфиду судманд арзёбӣ мешавад ва дар илми вожасозиву вожагузинӣ (= лексикология ва лексикография) як падидаи нав маҳсуб меёбад.

Ба ҳамин минвол дар забони тоҷикӣ дар давраи истиқлол калимаҳои мураккаби сеҷузъае ба вуҷуд омадаанд, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум марбутанд ва қисмате аз онҳо ба бахши бонку бонкдорӣ вобаста мебошанд. Ин бахши истилоҳот дар даҳсолаҳои охир ба захираи луғавии забони тоҷикӣ бо тақозои замон ворид гардида, онро такмил доданду ғановатманд сохтанд. Чунин навъҳои истилоҳот чандон зиёд набошанд ҳам, вале аз ҷиҳати сохт, баромад (этимология) хеле ҷолиб буда, хусусиятҳои калимасозии махсусро ба худ касб кардаанд.

Дар ин бахши диссертатсия вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки номи бархе бонкҳои кишварамонро ифода мекунанд ва номи онҳо хусусиятҳои миллии мардуми тоҷикро инъикос менамоянд, мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор мегиранд ва иборатанд аз: Агроинвестбонк, Тоҷиксодиротбонк, Тоҷпромбонк, Соҳибкорбонк.

Омӯзиш ва пажуҳиши вижагиҳои номи бонку бонкдорӣ дар забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардидани забон, чи аз нигоҳи таркиби луғавӣ ва чи аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таркиби вожаҳои интихобшудаи номи бештари бонкҳои кишварамон калимаҳои мураккаб мебошанд ва танҳо миқдори ками

онҳо бо ибораҳо сохта шудаанд. Мутахассисони соҳа дар банду баст, калимасозӣ ва интихобу ҷойгузории номи бонкҳо маҳорати баланди забоншиносӣ нишон дода, ба онҳо номҳои мувофиқу муносиб додаанд, ки хусусиятҳои миллии тоҷикиро инъикос мекунанд. Масалан, Спитаменбонк, Амонатбонк, Кафолатбонк, Бонки тиҷорат, Бонки миллии Тоҷикистон, Фононбонк ва ғайра.

Дар шакли тобеъ ва ибораи изофӣ таркиб ёфтани вожаву истилоҳоти бонку бонкдорӣ яке аз вижагиҳои пурмаҳсули калимасозии мураккаб буда, бо ин роҳи таркиббандӣ нақши исм хеле муҳим аст, ки вожаҳои номбурда, ба андешаи мо, таҳвият мебахшанд. Дар нақша метавон онҳоро ба таври зайл тасвир кард:




Ин калимаҳо, асосан, дар зинаи аввал дар шакли ибораҳои изофӣ ба вуҷуд омада, пас, дар зинаи дуюм ба сурати вожаҳои мураккаб даромадаанд:




Дар паҳлӯи вожаҳои мураккаби дуҷузъа ва аз ибораҳои изофӣ сохташуда калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ мавқеи муҳим доранд, ки бо роҳу усулҳои махсуси калимасозии суннатӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар маҷмуъ номи бонкҳо барои мардуми тоҷик фаҳмо бошанд ҳам, вале аз ҷиҳати шакл ва маънои луғавӣ бархе аз ҷузъҳо барои тоҷикон

номафҳум ба назар мерасад, чунки дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ номи онҳо ба қайд гирифта нашудааст. Бинобар ин, ҳадафи интихоби ин масъала аз он иборат аст, ки чунин навъи ҷузъҳои вожаҳои мураккаб таҳлил ва шарҳу эзоҳ ёбанд.

Дар диссертатсия чанд вожаи мураккаби сеҷузъа, ки номи бонкҳои Агроинвестбонк, Тоҷиксодиротбонк, Тоҷпромбонк, Соҳибкорбонкро ифода мекунанд ва чунин номгузорӣ мутобиқ бо меъёри забони тоҷикӣ мебошад, мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор мегирад.

## 2.2.Таҳлили сохториву этимолигии вожаҳои мураккаб бо лексемаи *бонк*

### *2.2.1.Агроинвестбонк*

***Агроинвестбонк*** мисли бархе аз истилоҳоти тозабунёд маҳсули давраи истиқлол ва ваҳдати миллӣ буда, номи яке аз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷиҳати пайдоиш таърихи тӯлонӣ надорад. Истилоҳи А***гроинвестбонк*** аз рӯйи сохт ба вожаҳои мураккаби сеҷузъа мансуб буда, ҷузъҳои он аз ҷиҳати баромад ба забонҳои гуногуни европоӣ тааллуқ доранд: Агро-инвест-бонк.

Ҷузъи аввали ин истилоҳ калимаи ***агро*** буда, аз вожаи қадимаи лотинии ***vager-vagr***, ки ба маънои «порчаи замин, қитъаи замин» мебошад, сарчашма гирифтааст. Вожаи ***агро*** тавассути истилоҳоти ҳуқуқии римӣ ба забони англисӣ дар асри XVII ворид гардидааст, ки баъдан дар забонҳои дигари европоӣ густариш пайдо карда, ба забонҳои славянӣ, аз ҷумла ба забони русӣ низ, роҳ ёфтааст.

Дар асноди ҳуқуқии римӣ ***агро*** ба мафҳуми “қитъаи замини мустамликашуда” омадааст. Ин истилоҳ дар муддати садсолаҳо дар натиҷаи пешрафти илму техника ва иқтисод ба тағйироту таҳаввулоти маъноӣ дучор гардидааст.

Калимаи мавриди назар ба забони русӣ аз забонҳои европоӣ ба гунаи ***агро*** ворид гардида, ба қисми аввали вожаҳои мураккабе, ки маъноҳои “агрономӣ”-ро ифода мекунанд, пайваст мешавад: **агробиология** “агробиология, биологияи агрономӣ”, агрохимия, “кимиёи кишоварзӣ”, агросаноат “агросаноти кишоварзӣ, саноати агрономӣ” ва ғ. [123, с. 26].

Дар забони тоҷикӣ вожаи иқтибосӣ бо номи **агроном** вуҷуд дорад, ки решаи он низ аз калимаи ***агро*** сарчашма гирифтааст. ***Агро*** дар забони тоҷикӣ дар шакли алоҳида ба кор намеравад, танҳо ҳамчун ҷузъи аввали баъзе калимаҳо омада, пас, маънои мушаххас мегирад: агроном, агротехник [130, с. 26].

Ҷузъи дуюми вожа ***инвест*** аз истилоҳи итолиёвии ***investire*** ба вуҷуд омадааст. Вожаи ***investire*** мураккаб буда, аз ду ҷузъи мустақилмаъно иборат аст. Ҷузъи аввал вожаи ***in***, ки маънои “дар рӯйи, рӯйи, болои”-ро доштааст. Қисми дуюм ***vestire*** ба маънои “либос” истифода мешудааст. Вожаи ***инвест*** мафҳуми либосҳои махсусеро доштааст, ки тафовути табақаҳоро нишон медодааст. Ё ба таври дигар гӯем, аз рӯйи либос ба кадом табақа тааллуқ доштани одамон муайян карда мешуд.

Вожаи мазкур бо гузашти айём, дигаргуншавии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ маънои худро тағйир додааст ва ҳоло маънои гузоштани маблағ барои гирифтани даромадро ба худ касб намудааст, ки имрӯз густариши бештаре пайдо кардааст.

***Бонк*** ҷузъи сеюми калимаи мавриди пажуҳиш аст, ки дорои чунин маъноҳост: 1. муассисаи интифоӣ (нафъ гирифтан, фоида бурдан; нафъ, фоида, суд), ки амалиёти тиҷорӣ, молӣ, иқтисодӣ ва ғайраро анҷом медиҳад; 2. пуле, ки қиморбозҳо вориди бозӣ мекунанд ва бар сари мизи қимор қарор медиҳанд [136, с. 121].

***bānk*** аз истилоҳи фаронсавии b***anque*** 1. муассисаи интифоӣ (= нафъ гирифтан, фоида бурдан, суд бурдан; нафъ, фоида; ҳосил), ки амалиёти тиҷорӣ, молӣ, иқтисодӣ ва ғайраро анҷом медиҳад. Дар баъзе аз мавоқеъ барои тавсеаи (васеъ кардан, вусъат додан) ҳадафҳои мушаххас низ анҷом мешавад (монанди бонки саноъат ва мадан); 2. маҷмуае аст барои нигоҳдории мунззам ва қобили дастраси хун ё аъзои бадан: “бонки хун”; “бонки куллия” ***бонки иттилоотӣ*** маҷмуае аст, ки дар он иттилооти мушаххасеро ба сурати мутамарказ ва бо системаи инфарматикӣ нигоҳдорӣ мекунанд ва бо улавиятҳои мушаххасе дар ихтиёри истифодакунандагон қарор медиҳанд: “бонки иттилооти кишоварзӣ”; 3. пуле, ки қиморбозҳо вориди бозӣ мекунанд ва бар сари мизи қимор қарор медиҳанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки вожаи ***бонк*** маъноҳои гуногун доштааст ва онҳо мантиқан бо ҳам наздиканд, чунки дар мафҳуми онҳо пул дар назар аст [136, с. 121].

Дар даҳсолаи охир чанд истилоҳоти байналмилалие, ки ба забони тоҷикӣ тавассути забони русӣ дар асоси қоидаву меъёри имло ва савтиёти ин забон дохил шуда буданд, корбурди онҳо дар шакли дигар ҷараён ёфт. Яке аз чунин истилоҳҳо вожаи ***банк*** мебошад, ки ба забони русӣ аз франсузии ***banc*** <италиявӣ ***banco*** < немисӣ ***bank*** ворид гардидааст. Вожаи ***bank*** имрӯз дар равиши савтиёти забони форсӣ дар тамоми ҳуҷҷатҳои расмии ба бахши молия робитадошта дар шакли ***бонк*** (bonk) қабул шуда, ба расмият даромадааст, вале дар гуфтори мардум шакли ***банк*** маъмул аст.

Дар забони форсӣ дар алифбои арабиасос барои калимаву истилоҳоти иқтибосии бархе аз вожаҳои забонҳои аврупоӣ, дар мисоли забонҳои англисӣ, франсузӣ, немисӣ ва ғ. қоидаи дақиқи савтиёт ва навишт муқаррар шудааст, ки дар навишти форсӣ садоноки ***а*** ба ***о*** баргардон мешавад. Чунин қоида дар ҳама калимаҳои

иқтибосии аврупоӣ риоя мегардад, ки вожаи ***банк*** ҳам аз ин қоида истисно нест. Бинобар ин, дар асоси ин қоида ***банк*** дар форсӣ ба сурати ***بانک [bānk]*** – бонк навишта ва хонда мешавад. Вале дар алифбои кириллӣ дар ин навъи иқтибосҳои забонҳои аврупоӣ зарурати чунин тағйирот нест.

Қолаби ***банк*** дар забони тоҷикӣ ба мисли форсӣ яке аз қолабҳои суннатӣ ба ҳисоб меравад, ки чанд вожае бо ин усул шакл гирифтааст. Вақте ***банк*** ба гунаи ***бонк*** табдил дода шуд, бояд ин равиш ё қоида барои ҳама навъҳои калимаҳои иқтибосии аврупоӣ истифода шавад. Дар акси ҳол, агар ин қоида танҳо барои вожаи ***банк*** бошад, ҳатман шарҳу эзоҳ мехоҳад. Агар чунин бошад, пас вожаи ***танк***-ро низ тибқи меъёри форсӣ бояд ба ***тонк*** иваз кард.

Дар робита ба баромад ва ё этимологияи вожаи **бонк** бояд зикр намуд, ки ин калима аз забони лотинии давраи миёнаи ***banca*** ё ***banecus*** берун омадааст. Калимаи ***banca*** ё ***banecus*** дорои маънои “мизи сарроф” (он ки пулеро ба пули дигар иваз мекунад; касе, ки фарқияти пули аслиро аз пули қалбакӣ муайян карда метавонад) мебошад. Ин истилоҳ дар асри XV ба воситаи забони фаронсавӣ ё забони итолиёвӣ ба забони англисӣ ба гунаи ***banк*** ворид гардидааст [134, с. 103].

Баъдан вожаи ***бонк*** доираи истифодаи худро васеъ намуда, ба забони русӣ ва пас ба забонҳои эронӣ, аз ҷумла тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ, ба сурати ***банк*** дохил гардидааст. Солҳои охир дар натиҷаи тағйироту таҳаввулоти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ садоноки “а”-ро ба садоноки “о” иваз намуданд, бинобар ин тибқи қонуни нави имло, ин калима ҳоло дар шакли ***бонк*** истифода мегардад, вале дар гуфтори бештари мардум ин вожа ба сурати **банк** ба кор меравад.

Аз таҳлил ва таҳқиқи истилоҳи ***агроинвестбонк*** маълум мешавад, ки аз ҷиҳати баромад ҷузъҳои якуму сеюми он (***агро*** ва ***бонк***) ба забони лотинӣ мансуб буда, ҷузъи дуюмаш (***инвест***) ба забони итолиявӣ

нисбат дорад ва дар асари муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ин калимаҳо ба забонҳои дигари дунё ворид гардида, доираи густариши худро васеъ кардаанд.

Вожаи ***investire*** дар миёнаи асри XVI ба вуҷуд омада, пас оҳиста-оҳиста забонҳои дигар низ онро қабул мекунанд ва ба ҳамин восита доираи истифодаи ин калима хеле густариш меёбад. Ин истилоҳ дар давраи истиқлол тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфта, дар таркиби номи яке аз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой гирифтааст. Вожаи ***investire*** дар забони русӣ ба шакли ***инвестиция, инвестирование-, инвестор*** (инвестор, капиталгузоранда, маблағгузоранда) истифода мешавад [123, с. 351]. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ низ дар радифи муодилҳои тоҷикии он вожаи ***инвестор*** ҳам ба кор меравад.

Ногуфта намонад, ки дар забони тоҷикӣ дар шакли ҷудогона калимаи ***агроинвест*** истифода намешавад ва танҳо тавассути пайваст шудани вожаи ***бонк*** соҳиби маънои махсус гардидааст.

***2.2.2. Тоҷиксодиротбонк***

Ҷамъияти Саҳҳомии Кушодаи “Тоҷиксодиротбонк” тибқи қарори муассисон, 20-уми марти соли 1992 таъсис ёфтааст. Ин бонк бо чунин ном мувофиқи Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Бонки фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11-уми марти соли 1992 дар заминаи филиали Бонки иқтисодии хориҷии ИҶШС, Бонки саҳҳомию тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Таджиквнешэкономбанк” (таджик + внеш + эконом + банк) ба вуҷуд омадааст. Бонки саҳҳомию тиҷоратии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1993 бо номи Бонки давлатии саҳҳомии Тиҷоратии фаъолияти хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Таджиквнешэкономбанк” тағйири ном кард. Оинномаи Бонк бо номи нави ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”

(тоҷик+содирот+бонк) дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №6 аз 16-уми июни соли 1999 ба қайд гирифта шуда, то ҳол фаъолият дорад.

Истилоҳи ***тоҷиксодиротбонк*** ҳам дар қолаби вожаҳои мураккаби сеҷузъаи **агроинвестбонк** ва **соҳибкорбонк** сохта шудааст, ки дар нақша метавон онҳоро чунин тасвир кард:

| | | |
|---|---|---|
| агроинвест<br>соҳибкор<br>тоҷиксодирот<br>тоҷпром | + | Бонк |

Ин истилоҳотро ба шакли ибора дар нақша метавон ба гунаи зер тасвир намуд:

| | | |
|---|---|---|
| Бонк+и | + | агроинвест<br>соҳибкор(ӣ)<br>тоҷиксодирот<br>тоҷпром |

Чунонки аз худи номи ин вожа бармеояд, ин калима аз рӯйи сохт мураккаби сеҷузъа буда, он аз калимаҳои ***тоҷик+содирот+бонк*** ташкил ёфтааст. Вожаҳои ин истилоҳ аз рӯйи баромад мисли калимаҳои қаблӣ ба забонҳои гуногун нисбат дошта, ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва сомӣ (арабӣ) мансуб мебошанд. Вожаи ***тоҷик*** ба забони тоҷикӣ, ***содирот*** ба забони арабӣ ва ***бонк*** ба забони лотинӣ тааллуқ доранд.

Ҳамин тавр, дар истилоҳи ***тоҷиксодиротбонк*** вожаи ***тоҷик*** номи миллат, ***содирот*** шакли ҷамъи калимаи ***содир*** мебошад ва дорои маънои “берунраванда, бароянда” аст, ***бонк*** ва ё ***банк*** муассисаи моливу иқтисодии махсусест, ки муомилаҳои мухталифи пулӣ ба воситаи он амалӣ мегардад, бо ҳам пайваст гардида, номи яке аз бонкҳои кишварамонро ифода мекунанд.

Агар ба пайдоиши истилоҳи ***тоҷиксодиротбонк*** назар афканем, таърихи он ҳам, он қадар тӯлонӣ набуда, 15-20 солро фаро мегирад. Ин калима низ маҳсули давраи истиқлолият мебошад, ки чунин навъи вожаву истилоҳот дар густариши забони адабии тоҷикӣ нақши муҳим доранд. Дар радифи рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҷомеа забони тоҷикӣ низ тағйир ёфт, чунки истиқлолият ва вахдати миллӣ имкониятҳои мавҷударо барои рушди забон фароҳам овард ва вожаву истилоҳоти дархури замон ворид гардидан гирифтанд, ки ***тоҷиксодиротбонк*** ҳам аз қабили онҳост.

Истилоҳи ***тоҷиксодиротбонк*** ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронида пас ба ин шакл даромадааст. Дар зинаи аввал ба калимаи ***содирот*** илова намудани ***бонк*** вожаи мураккаби дуҷузъаи ***содиротбонк,*** ки номи бонк аст, ба вуҷуд омад. Дар зинаи дуюми вожасозӣ бо илова гардидани калима-муайянкунандаи ***тоҷик*** лексемаи ***тоҷиксодиротбонк*** сохта шудааст, ки тибқи қолабҳои суннатии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Дар ин калимаи мураккаби сеҷузъа, ки аз ду асоси калимасозӣ: ***тоҷик*** ва ***содиротбонк*** иборат аст, вожаи асосӣ ***содиротбонк*** буда, дар ҷойи дуюм ҷойгир шудааст ва агар онро ба ибора баргардонем, дар шакли ***содиротбонки тоҷик***ро мегирад.

***2.2.3.Тоҷпромбонк***

Ин истилоҳ низ номи яке аз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он дар даҳсолаҳои аввали садаи XXI ба кору фаъолият оғоз намудааст.

Аз худи номи ин муассиса маълум мегардад, ки ҷузъи аввали он аз вожаи ихтисоршудаи **тоҷик** ба гунаи ***тоҷ*** сурат гирифтааст. Ҷузъи дуюми он аз вожаи иқтибосии “пром” аз забони русӣ буда, маънои “саноат, саноатӣ”-ро ифода мекунад.

Дар робита ба вожаи ***пром*** бояд ҳаминро қайд кард, ки он, асосан, қисми аввали калимаҳои мураккаб мебошад ва ба маъноҳои зерин ба кор меравад: 1) саноат: промтовары – молҳои саноатӣ; 2)ҳунармандӣ: промкооперация–матлуботи ҳунармандӣ [123, с. 884].

Маълум аст, ки ин калима дар шакли алоҳида дар забони тоҷикӣ истифода намешавад ва танҳо бо вожаи ***бонк*** дар забон маъмул гашта, мисли истилоҳи **тоҷиксодиротбонк** ду зинаи вожасозиро аз сар гузаронидааст. Бори нахуст ин истилоҳ бо номи **промбанк** (промишленный банк-бонки саноатӣ) рӯйи кор омада, дар зинаи дуюми вожасозӣ дар асоси он бо илова шудани номи **тоҷик**, ки муайянкунандаи номи миллат мебошад, лексемаи ***тоҷпромбонк*** (шакли пуррааш тоҷикпромбонк) ба вуҷуд омадааст. Вожаи мараккаби сеҷузъаи мавриди пажуҳиш, ки аз ду асоси вожасозӣ: ***тоҷик*** ва ***промбонк*** сарчашма гирифтааст, истилоҳи асосӣ ***промбонк*** маҳсуб меёбад ва он дар қисми дуюм ҷой гирифтааст. Агар вожаи номбурдаро ба шакли ибора баргардонем, он ба сурати ***промбонки тоҷик*** падид меояд. Хулоса, истилоҳоти мавриди пажуҳиш дар давраи қаблӣ, манзур то замони истиқлол маъмул набуданд, баъдан, пас аз ба даст омадани истиқлоли миллӣ дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд омада, маъруфият пайдо кардаанд.

***2.2.4. Соҳибкорбонк***

Бонки саҳҳомиву тиҷоратии мададрасони соҳибкорӣ, ки бо номи “Соҳибкорбонк” маъруфият дорад, 24-уми августи соли 1999 тибқи Қарори Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №15 аз таърихи 19-уми августи соли 1999 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки серсоҳа ба қайд гирифта шудааст.

Мутобиқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №15 аз таърихи 19-уми августи соли 1999 Бонки саҳҳомиву тиҷоратии “Тоҷикбонкбизнес ” ба унвони “Соҳибкорбонк” табдили ном кард. Бинобар ҳамин мувофиқи Оиннома таҳти №28 аз 24-уми августи соли 1999 ва Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №147 аз 15-уми феврали соли 2000-ум кори комиссияи барҳамдиҳии “Тоҷикбонкбизнес” қатъ карда шуд. Пас аз Қарори мазкур “Соҳибкорбонк” соҳибмулки комилҳуқуқи “Тоҷикбонкбизнес” эълон

гардид. Аз ин ҷиҳат ҳамаи дороиҳо ва уҳдадориҳои “Тоҷикбонкбизнес” ба бонки навтаъсиси “Соҳибкорбонк” супорида шуд.

“Тоҷикбонкбизнес” низ мисли “Соҳибкорбонк” вожаи мураккаб буда, аз се ҷузъи мустақилмаъно таркиб ёфтааст, яъне аз калимаҳои ***тоҷик+бонк+бизнес.*** Чунонки аз вожаҳои номбурда бармеояд, ҷузъи аввал аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ буда, ду ҷузъи дигар калимаҳои иқтибосӣ мебошанд, ки тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд.

Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ сохтани вожаҳои мураккаб яке аз воситаҳои асосӣ, муҳим ва пурмаҳсул буда, бо ин роҳ аз даврaҳои қадим то ҳол калимаҳои нав ва сершумор ба вуҷуд омадаанд. Ин раванд дар давраи истиқлоли кишварамон вусъату суръати тоза гирифта, калимаҳои мураккаби зиёде ба захираи луғавии забонамон ворид гардиданд, ки аз ин ҳисоб фарҳангҳои забони тоҷикӣ, чи тафсирӣ ва чи соҳавӣ  такмил ёфтанд.

***Соҳибкорбонк*** низ аз се ҷузъ: ***соҳиб, кор*** ва ***бонк*** таркиб ёфта, он ҳам номи яке аз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бахшҳои истилоҳи номбурда низ аз ҷиҳати баромад ба забонҳои гуногун марбутанд.

Агар калимаи ***соҳиб*** ба забони арабӣ робита дошта бошад, ***кор*** аз забони тоҷикӣ ва ***бонк,***  чунонки қаблан ишора намуда будем, баромадаш лотинӣ буда,  баъдан густарише пайдо кардааст.

Ҷузъи аввал ***соҳиб*** дорои маънои “дорандаи чизе, молик” мебошад. Инчунин ҷузъи аввали вожаҳои мураккабест, ки мафҳуми соҳибият, дорандагиро ифода мекунад ва тавассути он дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде ба монанди соҳибкор, соҳибдавлат, соҳибдил, соҳибкулоҳ, соҳибном, соҳибқалам, соҳибҳунар, соҳибҷамол, соҳибҷашн, соҳибхона, соҳибмаърифат ва ғайраҳо ба вуҷуд омадааст. Ба вожаи **соҳиб** ҷузъи дуюм вожаи ***кор*** пайваст гардида,  калимаи

навро ба вуҷуд овардааст (яъне аз ҷиҳати маъно), ба он тағйироти шаклӣ ва маъноӣ ворид намудааст. Ба ҳамин минвол, вожаҳои ***“соҳиб”*** ва ***“кор”*** дар шакли калимаи мураккаби ***“соҳибкор”*** зинаи якуми калимасозиро сипарӣ намуда, ба шахс, ба касбу кори шахс марбут мебошад, ки дар забони тоҷикӣ дар даҳсолаҳои охир роиҷ гаштааст. Дар зинаи дигар ба ин асос вожаи ***бонк*** илова шуда, номи муассисаи моливу иқтисодиро ба вуҷуд овардааст.

Дар калимаи ***соҳибкорбонк*** мисли лексемаи ***тоҷиксодиротбонк*** ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм ҷойгир шудааст, ки дар сурати ба ибора табдил додани он маълум мегардад, яъне ***бонки соҳибкор***.

Таърихи пайдоиши истилоҳи номбурда низ дуру дароз набуда, ба замони давраи истиқлол робита дорад ва ин истилоҳ низ дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ сабт нагардидааст.

Бинобар ин метавон гуфт, ки таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа ҳам дар рушду инкишофи соҳаи луғатшиносӣ ва луғатнигорӣ, умуман, дар илми забоншиносии тоҷик иқдоми тозаву нахуст буда, дар чунин шакл бори аввал рӯйи кори илмӣ омадааст.

Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа маҳз дар ҳамин замина, тибқи вижагиҳои нави калимасозӣ ба вуҷуд омада, ҷиҳатҳои муҳимми ин навъи вожаҳоро инъикос мекунанд, ки дар давраи истиқлол, яъне даҳсолаҳои охир ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ истиқлолият ва ваҳдати миллӣ барои рушду ташаккули забони тоҷикӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам оварда, пояҳои онро боз ҳам мустаҳкаму устувортар гардонидааст, ки ташаккули калимаҳои мураккаби сеҷузъа далели равшани он аст. Онҳо ба захираи луғавӣ ворид шуда, забонро мукаммалу ғанитар сохтанд.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи ***соҳибкор*** ба маънои “сардори кор, корфармо; сардор, роҳбар” [126, с. 266] ба қайд гирифта шуда, имрӯз мафҳуми он каме тағйир ёфтааст ва касест, ки ба тиҷорат

шуғл дорад, яъне доираи густариш ва истифодаи он васеътар гардидааст.

Ҳамин тавр, масъалаи омӯзиш ва пажуҳиши давраи нави таърихи забони тоҷикӣ, бавижа замони истиқлол, яке аз проблемаҳои муҳимми забоншиносӣ ба шумор меравад.

Гарчанде оид ба ин масъала пажуҳишҳои ҷудогона ба анҷом расида бошанд ҳам, мутаассифона,бештари онҳо моҳияти проблемавӣ надоранд ва метавон гуфт, ки мушкилоти мазкур аз доираи умумии омӯзиши таърихи рушду густариши ин давраи забон берун мондааст.

***3.Таҳқиқи сохториву маъноии номвожаҳои ҷуғрофии мураккаби сеҷузъа***

Омӯзиши вожаҳои ҷуғрофӣ низ яке аз масъалаҳои бисёр муҳимму судманди забоншиносӣ ба шумор меравад. Номвожаҳои ҷуғрофӣ, яъне номи шаҳрҳову вилоятҳо, ноҳияҳо, деҳаҳо ва амсоли инҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи ҳар миллату халқият мебошанд. Онҳо баёнгари давраҳои гуногуни рушду густариши забон ва ҷомеа буда, ниёз ба таҳқиқ доранд. Чунки номҳои ҷуғрофӣ дар ҳар як давру замон ба тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дучор мегарданд, ё аз байн мераванд, ба ҷойи бархе аз номвожаҳо номҳои навро ба вуҷуд меоранд, ки ин ҳолатро мо дар мушоҳидаҳои имрӯзаи худ дида истодаем. Донишманди рус В.А.Никонов андешаи худро роҷеъ ба ин масъала чунин ба қалам додааст: “***...шаҳрҳо харобу валангор мешаванд, давлатҳо аз миён мераванд, забонҳо ва худи халқҳо беному нишон мегарданд, вале номҳои онҳо боқӣ мемонанд”*** [62, с. 15].

***Омӯзиш*** ва ***баррасии*** номҳои ҷуғрофӣ яке аз масъалаҳои муҳимму судманд дар шароити имрӯза ба шумор мераванд, чунки топониму микротопонимҳо баёнгари давраҳои гуногуни рушду густариши забон мебошанд.

Дар омӯзиш ва пажуҳиши номвожаҳои ҷуғрофии Тоҷикистон ҳам донишмандони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ нақши муҳим доранд.

Чунончи, Э.М. Мурзаев, А. З. Розенфелд, С. И. Климчитский, О. И. Смирнова, А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, А. А. Абдунабиев, М. Шодиев, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонов, Д. Ҳомидов, Б. Тӯраев ва дигарон дар масъалаҳои мухталифи номвожаҳои ҷуғрофии гуногуни кишварамон корҳои илмии судманду боарзиш ба анҷом расонидаанд.

Мусаллам аст, ки номвожаҳои ҷуғрофӣ сарчашмаи боэътимоди таърихиву лингвистӣ буда, ба фарҳанги миллии ҳар кавму миллат робитаи қавӣ доранд. Дар номвожаҳои ҷуғрофии кишварамон дар паҳлуи номҳои тоҷикӣ, номҳои қадима ва миёнаи забонҳои эронӣ, дар мисоли забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, сакоӣ, инчунин забонҳои давраи нави шарқии эронӣ: гурӯҳи забонҳои помирӣ ва забони яғнобӣ мавҷуданд, ки маънои чунин навъи номҳо маҳз тавассути ин забонҳо муайян карда мешаванд.

Номвожаҳои ҷуғрофӣ дар забони тоҷикӣ дар қолабҳои сода, сохта, таркибӣ ва мураккаб сохта мешаванд, ки дар кори мо, асосан, вожаҳои мураккаб, ба таври мушаххас мураккаби сеҷузъа таҳлилу таҳқиқ мешаванд. Дар сохтан ва ё ба вуҷуд овардани номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ қолабҳои калимасозӣ, ки дар таркиби он шумора, ҳиссаҳои дигари нутқ, бавижа исмҳо мавҷуданд, нақши муҳим доранд. Дар сохтани чунин навъи номҳо шумораҳои ***як, ду, чор, панҷ, ҳафт, даҳ, чил, ҳазор*** хеле назаррас буда, бештари онҳо мураккаби дучузъа мебошанд: Яккачинор, Дуоба, Чорбоғ, Панҷрӯд, Ҳафткӯл, Даҳбед ва монанди инҳо. Дар баробари ин чанд номвожаи ҷуғрофие ҳаст, ки калимаҳои мураккаби сеҷузъаанд ва ҳадафи ин банди диссертатсияи мо ҳам баррасии чунин навъи номҳост. Ба ин навъи номҳо метавон Душанбешаҳр, Чоргултеппа, Чоряккорон, Чоршохатеппа, Хоҷагулпӯшро ворид кард, ки хеле зебову шинам ва дар қолабҳои суннатии тоҷикӣ сохта шудаанд.

Ҳамин тавр, вобаста ба мавзуи мо низ номвожаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки бунёди куҳани таърихӣ доранд ва вожаҳои мураккаби сеҷузъа мебошанд. Яке аз чунин номвожаҳои ҷуғрофӣ номи пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе мебошад, ки дар солҳои охир бо унвони Душанбешаҳр маъруфият пайдо кардааст. Ин ном дар гузашта ҳам бо номи Душанбе маъмул буда, бидуни тағйироту таҳаввулот то ба имрӯз расидааст, ки ин ҳам нишонаи пурқудратии забони тоҷикист. Бинобар ин метавон гуфт, ки номвожаҳои ҷуғрофӣ таҷассумгари рушду инкишофи забонҳои бостонӣ мебошанд ва ин яке аз хусусиятҳои муҳим ва асосии ин навъи номвожаҳо ба ҳисоб мераванд.

Ба ҳамин минвол, ***Душанбе*** яке аз номҳои ҷуғрофии қадимаи тоҷикӣ буда, нахустин ишораҳо дар манобеи хаттии аввалҳои асри XVII ба мушоҳида мерасанд. Душанбе аз соли 1924 пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 1929 то 1961 номи Сталинободро дошт ва аз соли 1961 номи қадимаи он Душанбе барқарор карда шуд.

Маълум аст, ки яке аз сарчашмаҳои бисёр муҳим ва судманди пурғановат гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ ин вожаҳои мураккаби сеҷузъа ва ё бисёрҷузъа ба шумор мераванд. Аз ҳисоби чунин навъи калимаҳо метавон фарҳангҳои соҳавӣ, тафсирӣ ва дузабонаи забони тоҷикиро такмил дод, чунки аксарияти ин хели истилоҳот дар фарҳангҳо ба қайд гирифта нашудааст.

Вожаи ***Душанбешаҳр***ро метавон ба ин бахш шомил сохт, чунки он ҳам аз се ҷузъи мустақилмаъно ба вуҷуд омада, ҳар як ҷузъ дорои мафҳуми муайянеро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, ***Душанбешаҳр*** номи ҷой ва маконе мебошад, ки, аслан, аз ибораи изофии ***шаҳри Душанбе*** ба шакли мураккаб даромадааст. Ин қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ маъмул буда, дар қолаби он вожаву истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки барои таҳвияти андешаҳои худ ҳамчун намуна метавон аз номи чандтои он

ёд кард: шаҳри нав=Шаҳринав ноҳияе дар водии Ҳисор; кони бодом=Конибодом ноҳияе дар вилояти Суғд; шаҳри Тӯс=Шаҳритӯс ноҳияе дар вилояти Хатлон ва амсоли инҳо, ки аз ибораҳои изофии исмӣ рӯйи кор омадаанд.

Аз ҷиҳати баромад ҷузъҳои ***Душанбешаҳр*** баръакси бархе аз истилоҳоти мураккаби сеҷузъа тоҷикӣ мебошанд. Аз рӯйи сохт аз се ҳиссаи нутқ шумора, зарфи замон ва исм таркиб ёфтааст. Ба таври мушаххас ҷузъи аввали вожаи номбурда аз шумораи миқдорӣ (адади ду) ва ҷузъи дуюм аз зарфи замони ***шанбе*** ва ҷузъи сеюм аз исми ***шаҳр*** ба вуҷуд омадааст. Ҷузъи аввал агар шумораи миқдорӣ бошад, ҷузъи дуюм маънои рӯзи аввали ҳафта (рӯзи ҳафтуми ҳафта дар кишварҳои исломӣ)-ро дошта, ҷузъи сеюм мафҳуми марзу бум, сарзаминро ифода мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ***Душанбешаҳр*** дар асоси шумораи ду, рӯзи аввали ҳафта, марзу бум сохта шуда, аз соли 1924 ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ***шаҳри Душанбе*** маъруф гаштааст. Бинобар ин истифодаи он ба гунаҳои ***шаҳри Душанбе*** ё ***Душанбешаҳр*** маъмул буда, ҳар ду шакл қобили қабул аст.

***Чоргултеппа*** номи яке аз деҳаҳое мебошад, ки тобеи ноҳияи Рӯдакӣ аст ва ин номвожаи ҷуғрофӣ ҳам мисли ***Душанбешаҳр*** аз се ҷузъ: аз шумораи ***чор***, исмҳои ***гул*** ва ***теппа*** сохта шудааст, ки ҳамаи қисматҳо аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ буда, дар алоҳидагӣ низ истифодаи фаровон доранд, бинобар ин ҳоҷат ба шарҳу эзоҳи онҳо нест.

Номвожаи ҷуғрофии ***Чоргултеппа*** чанд зинаи калимасозиро аз сар гузаронида, дорои чунин шакл гаштааст. Зинаи аввал аз ибораи ***чор гул*** вожаи мураккаби дуҷузъаи ***чоргул*** ба вуҷуд омадааст, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-и соли 1969 ба нашр расида ва “Луғати гӯйишҳои забони тоҷикӣ” ба қайд гирифта нашудааст. Вале дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ”-и соли 2008 чопшуда сабт гардида, “дорои нақши чоргул” (мас. туппӣ) маънӣ шудааст [129, с.

561]. Албатта, ин шарҳ низ ноқис буда, маъноҳои дигар ҳам дорад, ки дар ин фарҳанг ифода наёфтааст.

Вожаи ***чоргул*** дар “Фарҳанги забони форсӣ” дар ду шакл ***čahār-gol*** ва ***čār-gol*** ба қайд гирифта шуда, ба чунин маъно шарҳу эзоҳ ёфтааст, ки хеле ҷолиб мебошад: “***čahār-gol*** (***č***ār-gol ) ***пизишк***. Махлути гули бунафша, гули панирак, гули каду ва гули нилуфар, ки ҷӯшондаи он ба унвони мусҳил (исҳоловар, дарунрон, доруе, ки дарунро тоза мекунад) (moshel) масраф мешавад [136, с. 349]. Яъне moshel ҳам истилоҳи пизишкӣ буда, амали ҳазм (ҳал) кардани ғизоро сабук (осон) мекунад.

Зинаи дуюм бо ҳамроҳ гардидани вожаи ***теппа*** ба вуҷуд омада, номи ҷуғрофӣ сохтааст, ки он ба сурати ***Чоргултеппа*** даромада, номи деҳаеро ба миён овардааст, ки мардум, эҳтимол, хусусиятҳои табиӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онро ба инобат гирифта, ба он чунин номи муносиб ва зеборо дода бошанд. Яъне он гулҳои бунафша, панирак, каду, нилуфари заминҳову теппачаҳои ин ҷойро дар назар дошта, ба ин деҳа номи бисёр зебову шинамро гузоштанд.

***Чоряккорон.*** Ин калима аз шумораву шумора ва исм таркиб ёфта, мутааллиқ ба касбу кор ё пешаест, ки ба кору фаъолияти шахс робита дорад, яъне исми амал аст. Вожаи ***чоряккор*** амалест, ки касе замини шахси дигареро ҳамчун иҷора барои аз чор як ҳиссаи ҳосили он кишту кор мекунад. Ин калима имрӯз хеле кам ба кор меравад, чунки вазифаи таърихӣ ва ё як давраи муайяни худро ба анҷом расонида, ба гурӯҳи вожаҳои куҳнашуда (архаистӣ) гузаштааст.

Вожаи ***чоряккор*** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (1969) ба мушоҳида намерасад, вале дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” сабт гардида чунин шарҳ ёфтааст: он ки замини мулкдорро барои чоряки ҳосилаш кишт мекард [129, с. 256].

Аз ҷиҳати баромад ҳама ҷузъҳои вожаи номбурда бунёди тоҷикӣ доранд. Ин калима дар зинаи аввал дар шакли ибораи пешояндии ***аз***

***чор як*** ба вуҷуд омада, баъдан, дар ташаккули минбаъдаи забон бо илова гардидани вожаи ***кор*** ба сурати калимаи мураккаби сеҷузъа даромада, касбу корро далолат мекунад, ки мувофиқи қолабҳои калимасозии суннатии забони тоҷикӣ сохта шудааст.

Дар зинаи дигар ба ин калима пасванди ***-он*** ҳамроҳ шудааст, ки нишонаи ҷамъбандии вожаи мавриди назар аст ва деҳае бо номи Чоряккорон мавҷуд аст, ки тобеи ноҳияи Рӯдакӣ мебошад, яъне ҳамчун номвожаи ҷуғрофӣ маъруфият пайдо кардааст.

Бар қолаби вожаи мураккаби сеҷузъаи ***чоряккор*** калимаи арабии ***соатбайъ*** таркиб ёфтааст, ки дорои маънои "музде, ки ба ҳар соати кор пардохта мешавад" мебошад. Ба андешаи Д.Саймиддинов, вожаи мураккаби ***соатбайъ (соат+байъ),*** ки имрӯз дар забони тоҷикӣ маъмул гаштааст, мегӯяд: "истифодаи он тақрибан ба солҳои 40-уми асри XX иртибот мегирад" [84, с. 205].

Д.Саймиддинов бар ивази вожаи ***соатбайъ*** калимаи ***"соаткор"-***ро пешниҳод кардааст, ки то ҳол ин пешниҳод амалӣ нагаштааст. Бо вуҷуди он ки ҷузъи дуюми ин калима, яъне ***байъ,*** маънои "хариду фурӯш, харид"-ро дошта бошад ҳам, дар зеҳни мардум сахт ҷой гирифтааст. Ҳол он ки аз ҷиҳати мантиқ калимаи ***байъ*** ба ҷузъи аввал, вожаи ***соат*** мувофиқат намекунад ва ҳақ ба ҷониби Д.Саймиддинов аст. Агар калимаи ***"соатбайъ"-***ро таҳтуллафзӣ яъне калима ба калима баргардон кунем "соатхар ё соатфурӯш" мешавад, на он маъное, ки имрӯз фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки қолаби калимасозии ***"соатбайъ"*** ба хусусиятҳои вожасозии забони тоҷикӣ хос набуда, ба таври сунъӣ сохта шудааст ва ба маънои асосии ҷузъи ***байъ*** мардуми мо ба таври дақиқ сарфаҳм намераванд.

***Чоршохатеппа.*** Номвожаҳои ҷуғрофӣ як бахши муҳимми забон буда, таърихи деринаи ҳар халқу миллатро инъикос мекунанд. ***Чоршохатеппа*** ҳам яке аз номвожаҳои ҷуғрофиест, ки таърихи хеле қадима дошта, дар шимоли ҷумҳурӣ қарор дорад. Ин номвожа

ёдгории таърихие мебошад, ки дар наздикии ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд воқеъ буда, мутааллиқ ба асрҳои V-VI дониста шудааст. Ин ёдгории таърихӣ аз ҷониби археологҳо солҳои 1967-1968 кашф ва таҳқиқ гардида, муайян карда шудааст, ки ***Чоршохатеппа*** замоне манораи сукунат будааст.

Номвожаи мавриди назар аз чор ҷузъ, се ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ёрирасон таркиб ёфта, ҳамаи ҷузъҳо аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ мебошанд: ***чор+шох+а+теппа***. Ба андешаи мо, ин калима чанд зинаи вожасозиро гузашта, пас ба чунин шакл даромадааст. Дар зинаи аввал аз шумораи ***чор*** ва исми ***шох*** аз ибораи ***чор шох*** ба калимаи мураккаб ***чоршох*** табдил ёфта, дар зинаи дуюм тавассути пайваст шудани пасванди ***-а*** сурати ***чоршоха***ро гирифтааст. Шаклҳои **чоршох** ва ***чоршоха*** дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (1969) ба қайд гирифта нашудааст. Вале дар ФТЗТ (2008) ба шакли зайл тавзеҳ ёфтааст: ***чоршоха*** асбоби оҳании дастадор, ки чор шоха дорад ва барои ғундоштани алафу хасу хошок истифода мешавад [129, с. 565]. Инчунин дар ФГҶЗТ низ вожаи ***чоршох*** сабт гардида чунин шарҳ дода шудааст: ***чоршох*** (Қ) ниг. ***чоршоха*** чоршоха, шохаи чӯбин, асбобе, ки бо он коҳу хошокро ба коҳдон меандозанд ё ба нақлиёт бор мекунанд [124, с. 756]. Ин калима дар "Фарҳанги забони форсӣ" ҳам ба гунаҳои ***чоршох // чаҳоршох- čahār- šāx// čār- šāx چهارشاخ // چارشاخ*** ва ***čār- šāx- a // čahār-šāx-a چهارشاخ // چارشاخه*** ба маънои "абзори чӯбии чаҳоршоха ва дастадор, ки бо он хирман мекӯбанд ва бар бод медиҳанд, то коҳ аз дона ҷудо шавад" [136, с. 347] омада, шарҳу эзоҳ ёфтааст. Дар забони тоҷикӣ ***чор*** ҳар чизе, ки дорои чор шох бошад, фаҳмида мешавад. ***Чоршоха*** бошад дар қолаби ***панҷшоха*** сохта шуда, дар забони тоҷикӣ ин калима ба маънои абзори коҳбодкунӣ дар шакли ***панҷшоха*** ҳамчун асбоби кишоварзӣ маъмул аст. Дар зинаи сеюм ба ***чоршоха,*** ки номи предмети коҳбодкуниро мефаҳмонад, ҷузъи ***теппа*** ҳамроҳ шуда, аз он номвожаи ҷуғрофии ***Чоршохатеппа***ро ба вуҷуд овардааст. Номвожаи

ҷуғрофии ***Чоршохатеппа*** дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он ва дар пажуҳишҳои донишмандони номшинос ба мушоҳида намерасад. Бинобар ин таҳқиқи ин вожа бо вуҷуди таърихи беш аз ***1600–сола*** доштанаш аз мадди назари мутахассисони соҳа дар канор мондааст ва ё роҷеъ ба ин ном таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Бо вуҷуди ин номвожаи ***Чоршохатеппа*** дар "Энсиклопедияи советии тоҷик" сабт гардида, дар бораи ҷойгиршавии он, ба кадом аср мутааллиқ буданаш, соли кашф маълумоти мухтасари бостоншиносӣ дода шудааст, ки ҳамчун сарчашмаи илмӣ метавон аз он истифода кард [132, с. 86].

Ба ҳамин ваҷҳ, таърихи илму фарҳанги мо на ин ки бо осори адабӣ, балки ҳамчун маҷмуи асарҳои ҷуғрофӣ ва сафарномаҳое мавҷуд аст, ки дар онҳо номвожаҳои ҷуғрофии таърихӣ сабт гардидаанд. Тафсири ин номвожаҳо на танҳо номҳои ҷуғрофӣ, балки аз вазъи сокинон, ғановатмандии табииву маънавии онҳо маълумот медиҳанд. Бештари номвожаҳои ҷуғрофӣ ёдгориҳои таърихиву бостоншиносӣ мебошанд, ки наслҳои ояндаро бо ҷойгиршавии кишвар ё шаҳр, вазъияти иқтисодии он, кӯҳу дашт, дарёву чашмаҳо шинос месозад. Аз ин ҷиҳат, номвожаи ҷуғрофии ***Чоршохатеппа*** ҳам яке аз ёдгориҳои таърихиву ботоншиносиест, ки ба хазинаи маънавиёти миллати тоҷик дохил шудааст. Пажӯҳиш ва шарҳу тафсири бештари номвожаҳои ҷуғрофӣ, бавижа номҳои бунёдие, ки таърихи қадима доранд, муфиду судманд буда, аҳаммияти илмии корро меафзояд.

Номҳои ҷуғрофӣ як қисмати бисёр муҳимму боарзиши забон ва таъриху фарҳанги миллати тоҷик буда, то ҳол ба таври дақиқ ва мукаммал баррасӣ нашудаанд, махсусан номҳои мураккаби сеҷузъа, ки хеле ҷолибанд.

Роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаби сеҷузъа

1. Ба воситаи вожаҳои худӣ: сартарошхона, сангиосиёчин.

2. Тавассути калимаҳои туркӣ ва тоҷикӣ: қурутобхона.

3. Бо роҳи васлшавии истилоҳоти русӣ-байналхалқӣ, арабӣ ба тоҷикӣ: тоҷиксодиротбонк.

4. Бо усули калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ: Хоҷагулпӯш.

***Хоҷагулпӯш.*** Ин номвожаи ҷуғрофӣ марбут ба яке аз деҳаҳои ноҳияи Шаҳринав мебошад ва аз бахшҳои ***хоҷа+гул+пӯш*** таркиб ёфта, аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл ба вуҷуд омадааст. Аз ҷиҳати баромад ҷузъи аввал ***хоҷа*** мутааллиқ ба забони арабӣ буда, маъноясш “сарвар, соҳиб, хӯҷаин” мебошад. Дар ин номвожаи ҷуғрофӣ на маънои «соҳиб», балки мафҳуми лақабмонандеро ифода менамояд, ки нисбат ба шахси азизу муҳтарам ба кор бурда мешавад.

Аз пажуҳишҳои вожаҳои мураккаб маълум мешавад, ки як бахши онҳо аз ибораҳои изофӣ сохта шудаанд. Ба андешаи мо, Хоҷагулпӯш ҳам аз ибораи изофии ***Хоҷаи гулпӯш*** дар натиҷаи як задаи мантиқӣ гирифтан ба вожаи мураккаб табдил ёфтааст. Чунин ҷиҳати вожаҳои мураккаб ва муносибати ҷузъҳои онҳоро ба инобат гирифта роҳи пайвастшавиашонро калимасозии синтаксисӣ ва морфологии синтаксисӣ номидаанд, ки ин андешаҳо ба донишмандони забоншинос Н.З.Хатеми, В. П. Григорев, Н.А.Баскаков тааллуқ дорад.

Аз маводи таҳқиқ ва дар маҷмуъ калимаҳои мураккаб маълум мешавад, ки бештар аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд ва қисме аз онҳоро номҳои ифодакунандаи шахс ташкил медиҳанд. Чунин навъи вожаҳо шахсро аз рӯйи пеша, касбу кор, машғулияташон ифода мекунанд, ки номвожаи ҷуғрофии ***Хоҷагулпӯш*** низ дорои ҳамин гуна хусусият мебошад. ***Хоҷа*** ҷузъи асосӣ ва ё номии калимаи мураккаб буда, ба кадом пеша шуғл доштани ӯро ифода менамояд. Дар ин қолаби калимасозӣ муносибати ҷузъи асосӣ ба қисми тобеъ чун муносибати амал ба объект воқеъ мешавад.

Тарзи ташаккул ва густариши вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки дар бахшҳои гузашта ва баъдӣ дида мешавад, ки дар баъзе мавридҳо мувофиқат кунад, дар бархе аз ҳолат тафовут ҳам ба мушоҳида

мерасад. Масалан, вожаҳои мураккаби сеҷузъа мавҷуд аст, ки дар қолаби калимаҳои дуҷузъа ба вуҷуд омадаанд. Чунки дар ин навъи калимаҳои мураккаб яке аз қисматҳо, бавижа ҷузъи аввал шакли содаро дошта, бахши дигар мураккаб мебошад, ки ***Хоҷагулпӯш***ро метавон ба ин гурӯҳ ворид кард. Бинобар ин, номвожаи ҷуғрофии ***Хоҷагулпӯш*** дар асл ибораи изофӣ бошад ҳам, баъдан як мафҳуми предметӣ пайдо карда, ба калимаи мураккаб табдил ёфтааст, ки ин яке аз воситаҳои вожасозии луғавию синтаксисист.

Номвожаи ҷуғрофии ***Хоҷагулпӯш*** дар китоби “Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ”, ки соли 2019 ба нашр расидааст, ба қайд гирифта шуда, ҳамчун зиёратгоҳ маънидод шудааст [127, с. 155].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки бидуни шубҳа номвожаҳои ҷуғрофӣ тасодуфан ба вуҷуд наомадаанд ва дар пайдоишу ташаккули ҳар топоним заминаи айниву зеҳнӣ мавҷуд аст.

**4.Таҳлили вожаҳои марбут ба асбобҳои рӯзгор**

***Обдастагардон.*** Вожаи мазкур аз чор ҷузъ–се ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ғайримустақилмаъно иборат мебошад. Ҳар се ҷузъҳои он аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ –исм, исм, пасванд ва асоси замони ҳозираи феъл ташкил ёфта, аз ***об+даст+а+гардон*** сохта шудааст.

Маънои вожаи номбурда асбоби рӯзгорест, ки ба воситаи он соҳибхона ҳангоми пеш аз овардани таом дастони меҳмонро об мегирад. Вожаи номбурдаро дар ҳар маҳал бо лаҳҷаи хеш ном мебаранд. Айни замон ба ҷойи калимаи ***обдастагардон*** вожаи ***офтобаро*** бештар истифода мекунанд.

Вожаи ***обдастагардон*** дар осори нависандаи тоҷик Сотим Улуғзода ба чунин зайл оварда шудааст:

-Дидед, амак? Муллозайниддин ва обдаста ҳар ду дурӯғ гуфтаанд. Минбаъд ***обдастагардон*** карда ба одамҳои бегуноҳ туҳмат назанед! –гуфтаму ба роҳи худ равон шудам [153, с. 315].

Асбобҳои рӯзгор як бахши муҳим ва асосии луғоти забонро ташкил медиҳанд, ки роҷеъ ба ин масъала корҳои зиёд ба анҷом расидааст. Номҳои асбобҳои рӯзгорро муҳаққиқони соҳа мувофиқи зарурат ва аҳаммияти дар ҷомеаи инсонӣ доштаашон ба қисматҳои гуногун ҷудо кардаанд. Чун таҳқиқи ин масъала аз доираи кори мо берун аст, бинобар ин, ба шарҳу эзоҳи калимаҳое иктифо мекунем, ки маҳз ба мавзуи мо дахл доранд. Роҷеъ ба ин масъала дар гуфтори мардум вожаҳое бо номи ***ностуфкунак*** роиҷ аст, ки аз се ҷузъи мустақилмаъно ва суффикси ***-ак*** таркиб ёфта, ҳамаи ҷузъҳо калимаҳои тоҷикӣ мебошанд. Ин калима аз исму исм, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди хурдиву навозишсози ***-ак*** сохта шуда, номи зарфи хурде мебошад, ки ба дастшӯ шабоҳат дорад ва барои туф кардани носи даҳон ба кор меравад.

Ба андешаи мо, шарҳу эзоҳи дохили калимаи ***ностуфкунак*** зарурат надорад, чунки ҳама ҷузъҳо: ***нос+туф+кун+ак*** барои тоҷикон вожаҳои маъмул ба ҳисоб мераванд. Аз ҷиҳати сохт калимаи мавриди назар ба шакли мураккаб даромада бошад ҳам, вале пеш аз он ки ба чунин қолаб даромада, дар забони мардум ҳазм шавад, чанд зинаи калимасозиро аз сар гузаронида, пас ба ин сурат корбаст гардида, дар гуфтори тоҷикон маъруфият пайдо кардааст. Маълум аст, ки бештари калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ, чи дутаркиба ва чи сеҷузъа, аз ибораҳо таркиб ёфтаанд. Дар баробари ин калимаҳои мураккабе ба мушоҳида мерасанд, ки аз ҷумлаҳои сода ба вуҷуд омадаанд. Вожаи ***ностуфкунак*** ҳам аз ҷумлаи ҳамин гуна калимаҳоест, ки аз ҷумлаи содаи дутаркибаи ***нос туф кун*** ба воситаи пайваст гардидани суффикси ***-ак*** ба калимаи мураккаб табдил ёфта, аз ин ҷумла номи зарфи хурди ностуфкуниро ба вуҷуд овардааст, ки дар даврахои на чандон дур дар хонадони ҳар як тоҷик, махсусан мардуми кӯҳистон, дида мешуд, бинобар ин дар гуфтор бештар ба мушоҳида мерасад ва дар забони адабии тоҷикӣ маъмул нест.

Калимаи ***ностуфкунак*** низ мисли бештари вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он ба қайд гирифта нашудааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки калимаҳои мураккаби сеҷузъаи зиёде новобаста ба гуногунии маъноҳояшон тавассути пасванди ***-ак*** ба шакли калима даромадаанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки нақши пасванди ***-ак*** дар сохтани калимаҳои мураккаб аз ибораҳо ва аз ҷумлаҳои сода хеле муҳим аст ва калимаҳои зиёде ҳам ба вуҷуд омадааст: ***обсофкунак*** (об+соф+кун+ак), ***равгантозакунак*** (равган+тоза+кун+ак) ва ғайраҳо.

Дар ҳамин қолаб аз ҷумлаи ***об соф кун*** тавассути пасванди ***-ак*** номи дастгоҳи хурди обсофкунӣ сохта шудааст, ки он ҳам яке аз номҳои асбобҳои рӯзгор мебошад ва дар ҳаёти имрӯзаи мардум корбурди фаровон дорад. ***Обсофкунак*** аз исм, сифат, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванд, яъне аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд омада, номи дастгоҳест, ки барои тоза кардани оби соф ба кор меравад ва ғунҷоиши 2-3 литр обро дорад. Вожаҳои дохили ин калима аз ҷиҳати баромад мутааллиқ ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ мебошанд. Се ҷузъ тоҷикӣ (об, кун, ак) ва ***соф*** арабист, ки маънои он ҳам барои тоҷикон номафҳум нест, яъне “пок, тоза”.

***Гӯштқимакунак*** яке аз асбобҳои муҳимми рӯзгор дар шароити имрӯзаи мардум мебошад, ки аз ду навъи он истифода мешавад, яке гӯштқимакунаки дастӣ ва дигаре гӯштқимакунаки барқӣ. Ин калима дар замони Шуравӣ аз вожаи “мясорубка”-и русӣ ба забони тоҷикӣ, махсусан ба гуфтори тоҷикон, дар шакли калка (таҳтуллафзӣ) ***гӯштқимакунак*** ворид гардидааст.

Дар забони форсии Эрон ин калима ба гунаҳои čarxgušt چرخ گوشت ва guštčarxkun گوشتچرخ کن маъмул аст, ки дар “Русско-персидский словарь” дар ҳамин шакл ба қайд гирифта шудааст [122, с. 283]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар забони форсӣ ҳар се ҷузъ ***гӯшт+чарх+кун***

баромади форсӣ-тоҷикӣ доранд ва аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтааст.

Дар забони тоҷикӣ бошад ин вожа аз се ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ёрирасон сохта шуда, ҷузъи аввал ва ҷузъи сеюм, яъне вожаи ***гӯшт*** ва феъли ***кун*** бо забони форсӣ мувофиқат мекунад. Аммо байни ҷузъҳои дуюм тафовут байни ҳиссаҳои нутқ ба мушоҳида мерасад. Дар забони форсӣ ҷузъи дуюм бо калимаи ***чарх*** ва дар забони тоҷикӣ бо вожаи ***қима*** корбаст гардида, ***чарх*** исм ва ***қима*** сифат аст. Тафовути дигар дар баромади калимаҳост, ки дар забони форсӣ ***чарх*** бунёди тоҷикӣ дошта, дар забони тоҷикӣ вожаи ***қима*** аз туркӣ ба гуфтори мардум ворид гардида маъмул шудааст. Фарқияти сеюм ин дар забони тоҷикӣ пайвастани пасванди ***-ак*** мебошад, ки чунин хусусият ба забони форсӣ роҳ наёфтааст.

Вожаи мавриди андеша дар забони яғнобӣ низ аз забони тоҷикӣ дар шакли калка сурат гирифта, ба гунаи ***yotaqimakara*** [119, с. 421] маълум гаштааст, ки дар шакли ***yotaqimakarak*** низ ба кор меравад ва метавон гуфт, ки тарҷумаи яғнобии он ба тоҷикӣ сад дар сад мувофиқат мекунад: ***yota*** гӯшт, ***qima*** қима, ***kar*** аз асоси замони ҳозираи феъли ***karak***, (кардан) ва пасванди ***-ak -ак.*** Ҳатто ҷойи ҷузъҳои ин вожа бидуни тағйиротанд, ки чунин қоида дар қисмати хеле ками вожаҳо ба мушоҳида мерасад, махсусан дар калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа.

Вожаи ***гӯштқимакунак*** дар ФЗТ соли 1969 банашррасида сабт нашудааст, вале дар ФТЗТ соли 2008 чопшуда ба қайд гирифта шуда, “асбоби махсус барои қима кардани гӯшт” [128, с. 360] шарҳу эзоҳ ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин дастгоҳи гӯштқимакунак дар даврахои пеш маълум набуда, баъдан сохта шудааст ва аз як забон ба забони дигар тавассути асбобаш гузошта, мавқеи худро дар ҳар забон дар шаклҳои гуногун пайдо намудааст.

Ҳамин тавр, корбурди номи асбобҳои рӯзгор дар ҳар забон ба муҳити зист, тарзи зиндагӣ ва суннатҳои ҳар халқу миллат иртиботи

зич дорад. Аз ин ҷиҳат, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо дар назар доштани рӯзгори пешин вожаҳои фаровону гуногунранге ба мушоҳида мерасанд, ки баёнгари тарзи зиндагӣ ва муҳити зисти мардуми тоҷикро фаро мегирад. Бинобар ин бештари чунин навъи калимаву истилоҳот одатан ба ҳамин забон алоқаманданд. Аммо дар натиҷаи робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, рафту омади мардум ба марказҳои тиҷорат ва ҳамчунин харидории асбобу анҷоми рӯзгор номҳои нав ба нав ба лексикаи ҳар як забон ворид мегардад, ки дар ин росто забони тоҷикӣ низ истисно нест. Теъдоди зиёди ин навъи вожаву истилоҳот дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва аз давраи истиқлол то ба ҳол аз роҳи робитаҳои наздик бо кишварҳои ҷаҳон сурат гирифта ва мегирад.

Чуноки маълум аст, калимасозӣ яке аз манобеи муҳим ва асосии пурғановат гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, ба ин восита забон ташаккул ва такомул меёбад.

Омӯзиш ва баррасии масоили назарии забон, сохти грамматикӣ ва усулҳои вожасозӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосии забоншиносӣ ба шумор рафта, кайҳост, ки таваҷҷуҳи донишмандонро ба худ ҷалб кардааст. Махсусан, дар давраи нави рушди бемайлони ҳаёти иҷтимоӣ вожаҳои забон низ бо истилоҳҳои гуногун ва мухталиф такмил меёбанд, ки дар ин ҷода мавқеи вожасозӣ бисёр муҳим ба мушоҳида мерасад.

Мусаллам аст, ки вожасозӣ яке аз роҳҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон ва офарандаи воҳидҳои нави луғавӣ мебошад, ки ин мавзуъ дар осори бархе аз забоншиносон то ҷое таҳқиқ шудааст. Масъалаи омӯзиш ва баррасии сохти вожаҳои мураккаб, бавижа мураккаби сеҷузъа яке аз проблумаҳои таҳқиқталаби забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

### 5. *Вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманданд*

Луғоти соҳаи кишоварзӣ як қабати бисёр муҳимми таркиби луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забони тоҷикиро низ фаро мегирад. Ин қисмати вожагон аз замонҳои бисёр қадим ба ҳаёти одамон алоқаманд гашта, рушду густариш ёфтаанд ва дар заминаи вожаҳои кишоварзии куҳан калимаҳои нав ба вуҷуд омада, аз ин ҳисоб таркиби луғавии забонро такмил ва ғановатманд гардонидаанд. Аз ин рӯ таҳлил ва баррасии ин қисмати вожаҳо яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ ба шумор меравад. Ин ҷо вожаҳое таҳлил ва таҳқиқ мешаванд, ки бевосита ба мавзуи мо дахл доранд. Дар таркиби луғоти кишоварзӣ вожаҳои мураккаби зиёде мавҷуд аст, ки шуморе аз онҳо калимаҳои мураккаби сеҷузъа мебошанд.

Дар гуфтори мардум вожаи мураккабе аз ***дос, тез*** ва асоси замони ҳозираи феъли ***кун*** сохта шуда, ба касбу ҳунари кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Ин вожа, асосан, аз ибораи ***дос тез кардан*** ё ***тез кардани дос*** ва ё ҷумлаи содаи ***дос тез кун*** ба шакли ***достезкун*** даромадааст, ки шахсро аз рӯи пешааш нишон медиҳад. Яъне ин пеша ба касе марбут аст, ки ба касбу кори достезкунӣ машғулият дорад.

Аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҳиссаҳои нутқ исм дар аввал, сифат дар мобайн ва феъл дар охири калима ҷой гирифтаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки вожаи мавриди назар аз се ҳиссаи мустақилмаънои нутқ бунёд ёфта, ҳар се ҷузъ аз рӯйи баромад тоҷикианд.

Вожаи ***достезкун*** дар фарҳангҳо ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, вале дар гуфтори мардум, бавижа тоҷикони кӯҳистон мустаъмал аст. Мушоҳидаҳои шахсӣ ва саҳроӣ нишон доданд, ки дар ноҳияи Деваштич, аниқтараш, дар гуфтори мардуми деҳаи Каҷравут қайроқро “досттезкунак”, ва бо забони яғнобӣ ***даростезкарак*** (***дарос*** дос, ***тез*** тез, ***кор*** асоси замони ҳозираи феъли ***карак*** кардан, пасванди ***-ак***) мегӯянд.

Маълум аст, ки баъзе касбу ҳунарҳо ба ин ё он табақаи ҷамъиятӣ (манзур пешаи занона, мардона яъне аз рӯйи ҷинсият тафовут доранд)

алоқаманд мебошанд ва байни ҳамон табақа мавқеи бештари истифода доранд. Вожаи ***достезкун*** ҳам яке аз чунин вожаҳоест, ки асосан, байни ҷомеаи мардон нақши муҳимро ифода мекунад, яъне касби мардона аст.

Ба ҳамин минвол, вожаҳои кишоварзӣ хоҳ содаву сохта бошанд, хоҳ мураккаб яке аз манбаъҳои асосӣ ва муҳимми рӯзгузаронии инсон буда, дар заминаи онҳо боз вожаву истилоҳоти фарохури замон ба вуҷуд омадааст, ки ба маишату фарҳанги ин мардум робита доранд. Инчунин ҷараёни кору фаъолияти инсон дар кишоварзӣ собиқаи дуру дарози таърихӣ дошта, ризқу рӯзии инсон ба он вобаста аст.

Чунонки маълум аст, пешаҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ таърихи бисёр куҳан доранд ва ин соҳаҳо ба нахустин пайдоиши насли инсон, яъне Одаму Ҳавво ва фарзандони онҳо Ҳобилу Қобил марбут мебошад.

Вожаву истилоҳоти кишоварзӣ ва ё ба касбу кори ба ин соҳа робитадошта на танҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи забони тоҷикӣ муҳим мебошад, балки барои пажуҳиши таърихи забонҳои эронӣ, махсусан решашиносии бархе аз вожаҳо дар такмили фарҳангҳо низ мусоидат мекунад.

Вожаи мураккаби сеҷузъаи дигар, ки ба ин мавзуъ робита дорад, ***говрончӯб*** мебошад. Ин калима ба сурати ***говроначӯб*** низ ба кор меравад. Дар ин вожа ҷузъҳои якуму сеюм исм ва ҷузъи дуюм феъл мебошад. Ҷузъҳои ***говроначӯб*** аз нигоҳи баромад ҳама бунёди тоҷикӣ доранд.

Дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ин калима ба шакли ***говрон*** омада, чунин шарҳ ёфтааст: “ронандаи гов; чӯби говронӣ” [125, с. 273].

***Говроначӯб*** дар гуфтори мардуми кӯҳистон маъруфият дошта, маънои он чӯбдаста ё химчаест, ки бо он кишоварз дар вақти ҷуфт (кишт кардан) ва хирманкӯбӣ гов меронад.

Доираи густариши ин калима ҳам танг гардида, танҳо дар кӯҳистонҳое, ки аз ҷуфти гов, яъне суннати бунёдӣ истифода мебаранд, ба кор меравад. Бо вуҷуди ин Мирзо Турсунзода ин калимаро дар яке аз шеърҳояш, ки бо номи “Нонреза” маъруфият дорад, ба кор бурдааст:

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.
Чунки ман ҳам дар замони худ даравгар будаам,
Хӯшачину дарзабанду дос дар бар будаам.
Гӯш мекардам суруди марди хирманкӯбро,
Мешунидам зарбҳои ***говрона-чӯбро***....

[152, с. 80].

Вожаи дигаре, ки ба мавзуи мо марбут аст, ***гандумбодкунон*** буда, ҳамаи ҷузъҳои он бунёди тоҷикӣ доранд ва он аз ***гандум*** номи яке аз зироатҳои ғалладона, ***бод*** (шамол), ***кун*** ва пасванд сохта шудааст. Ин вожа номи амалест, ки пас аз кӯфтани хирман ба ҷо оварда мешавад ва дар ҳолати вазидани бод бо панҷшоха коҳу гандумро ба таври махсус боло мепартоянд. Бод коҳро ба масофаи дуртар бурда, гандум аз он ҷудо мешавад ва дар як ҷойи муайяне ғарам шудан мегирад. Бинобар ҳамин сарчашмаи пайдоиши ин калима аз давраи кӯфтани хирман ва амали бод додани он манша гирифтааст.

Ин калима ҳам аз ҷумлаи содаи дутаркибаи ***гандум бод кун*** тавассути пайваст шудани пасванди ***-он*** ба шакли калимаи мураккаби омехта даромадааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки яке аз хусусиятҳои грамматикии пасванди ***-он*** аз ҷумлаҳои сода сохтани вожаҳои мураккаб будааст.

**6. Пажуҳиши бархе аз вожаҳо, ки ба соҳаи чорводорӣ робита доранд**

Аз давраи пайдоиши одам ба мо аён аст, ки соҳаҳои чорводорӣ ва кишоварзӣ яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва муҳимми рӯзмарраи ҳар як

халқу миллат, аз ҷумла мардуми тоҷик буда, дар заминаи он вожаву истилоҳоти зиёди фарохури замон ба вуҷуд омадааст. Вожаву истилоҳоти дар ҳар давру замон ба вуҷудомадаи ин соҳаҳо ба маишат ва фарҳанги ҳар халқу миллат робитаи мустаҳкам доранд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки як қисмати бузурги манбаи луғавии забони тоҷикиро низ калимаҳои ин соҳаҳо фаро гирифта, доираи онҳо хеле фарроху доманадор аст ва таҳқиқоти махсусро талаб мекунанд. Ба хотири он ки ҷараёни кору фаъолияти инсон дар чорводорӣ ва кишоварзӣ собиқаи дуру дарози таърихӣ дошта, ризқу рӯзии инсон ба ин ду соҳа вобаста мебошад.

Дар ин қисмати диссертатсия бархе аз вожаҳое мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор мегиранд, ки ба мавзуи кори мо робита доранд.

Калимасозӣ дар ҳамаи забонҳои дунё, аз ҷумла забони тоҷикӣ, низ яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва доимии рушду ташаккули вожаву истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ба шумор меравад. Дар раванди таърихи тӯлонии забон дар тамоми соҳаҳои он вожаҳои фаровонеро метавон дарёфт намуд, ки дар қолабҳои суннатии калимасозии тоҷикӣ ба вуҷуд омада, бархе аз онҳо густариш ёфта, қисме аз истифода берун монда ва шуморе дар гӯйишҳои тоҷикони манотиқи кӯҳистонӣ боқӣ мондааст.

Яке аз роҳҳои мустаъмал ва густурдаи вожасозӣ сохтори калимаҳои мураккаб мебошад, ки онҳо дар даврaҳои гуногун мутобиқи қолабҳои хоси суннатии забон суфта шуда, доираи густариши онҳо паҳн гашта, то замони мо расидаанд.

Ин ҷо чанд вожаи мураккаби сеҷузъаи соҳаи чорводорӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, чунки ин масъала бевосита ба мавзуи мо дахл дорад. Пешаи чорводорӣ машғулиятҳои махсус ва муҳимми аҷдодӣ ва имрӯзаи тоҷик буда, ин пеша ҳам мисли касбҳои дигар, аз ҷумла кишоварзӣ меросӣ мебошад ва тоҷикон давомдиҳандагони аҷдодони худ-суғдиҳову бохтариҳо ба ҳисоб мераванд.

Вожаҳое, ки ба мавзуи мо робита доранд, ин ***шутурговпаланг***, ***подахобкунак*** ва ***бордоркунӣ*** мебошанд. Ин калимаҳо дар қисматҳои алоҳида ба таври муфассал таҳлил ва таҳқиқ мешавад.

***Шутурговпаланг.*** Ин вожа дар забони тоҷикии муосир маъмул набошад ҳам, дар захираи луғавии забонамон мавҷуд аст. ***Шутурговпаланг*** ҷонвари (ҳайвони) пистондори нӯшхоркунанда буда, дорои пойҳои дароз ва гардани дароз мебошад. Рӯйи пӯсти баданаш нуқтаҳои қаҳваранг дошта, баландии қадаш то чор метр мерасидааст. Инчунин дорои ду шохи кӯтоҳ аст.

Ин ҳайвон бо номи ***зароф*** ё ***зарофа*** дар забони тоҷикӣ маъмул мебошад.

Вожаи ***шутурговпаланг*** аз ҷиҳати сохтор мураккаби сеҷузъа буда, аз се калимаи мустақилмаъно, ки ҳар се ҳам ба номҳои гуногуни ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ (саҳроӣ) алоқаманданд, таркиббандӣ шудааст ва аз нигоҳи қолаби калимасозӣ ҳар як узви бадани он ба шаклу намуди он ҳайвонҳо мувофиқ кунонида шудааст. Гардану пойҳои дарозаш шабеҳи гардану пойҳои шутур бошад, қисмати баданаш ба бадани гов ва холҳои нуқтамондаш ба холҳои бадани паланг монанданд, ки сабаби ном гирифтани он ҳам хусусиятҳо мебошад. Вожаи ***шутур*** ва ***гов*** ҳайвонҳои аҳли хонагӣ ва ***паланг*** ҳайвони ваҳшии саҳроист. Аз рӯйи баромад ҳар се ҷузъ ҳам бунёди куҳану асили тоҷикӣ доранд, ки имрӯз низ бо ҳамин номҳо маъмуланд.

Таърихи пайдоиши вожаи ***шутурговпаланг*** ба даврахои қадим алоқаманд бошад ҳам, вале дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ҳамчун моддаи асосии луғавӣ ба қайд гирифта нашуда, танҳо зери моддаи луғавии баромади арабидоштаи ***зароф // зарофа*** омада, шарҳу эзоҳ наёфтааст [125, с. 441], вале дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст: “ҳайвони ширхӯри жовандаи бузургҷусса (ба монанди шутур), ки гардандароз аст ва пойҳои пешаш баланд мешавад ва дар баданаш мисли паланг холҳои сиёҳу сафед дорад,

шутурговпаланг (ҷои зисташ асосан саҳроҳои Африқо мебошад)” [128, с. 513].

Бо вуҷуди ин дар “Фарҳанги забони форсӣ” баръакси фарҳангҳои забони тоҷикӣ вожаи мураккаби сеҷузъаи бунёди тоҷикидоштаи ***шутурговпаланг*** ҳамчун моддаи асосии луғавӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин вожа на танҳо бо номи ҷонвари саҳроӣ маъмул будааст, балки ду маънои иловагии дигарро низ ба худ касб кардааст: [šōtōr-gāv-palang] 1. (ҷонв.) зарофа; 2. яке аз муҳраҳои шатранҷи кабир; 3. таркиби ноҳамоҳанг ва номуносиб [136, с. 636]

شترگاوپلنگ [šōtōr-gāv-palang]

1. (جانو.) زرافه ؛ 2. یکی از مهره های شطرنج کبیر ؛
3 . ترکیب نا هماهنگ و نامناسب (مشیری ، ص. 434) .

Агар зинаҳои вожасозии калимаи мавриди пажуҳишро аз назар гузаронем, мебинем, ки он ду зинаро пушти сар карда ба чунин шакл даромадааст. Ин андеша аз он ҷо берун меояд, ки дар «Фарҳанги забони форсӣ» аввал ҳамчун моддаи луғавӣ гунаи дуҷузъа, яъне ***шутургов*** омада, ишора ба ***шутурговпаланг*** шудааст. Чун нуқтаҳои қаҳваранг ва ё сиёҳу сафеди пӯсти бадани ин ҷонвар ба пӯсти бадани паланг шабоҳат дорад, бинобар ин ин хусусияти табиӣ боиси ба вуҷуд овардани зинаи дуюми калимасозиро ба миён овардааст. Ба ҳамин минвол ба вожаи мураккаби дуҷузъаи ***шутургов*** калимаи ***паланг*** низ илова гардида, ба сурати ***шутурговпаланг*** даромадааст ва баъдан дар ҳамин шакл дар забони тоҷикӣ-форсӣ маъруфият пайдо кардааст, ки чунин қолабҳои вожасозӣ аз сарчашмаҳои пурғановат сохтани захираи луғавии забони миллии тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Дар забон ба ғайр аз номи ҷонварону ҳайвонҳои хонагӣ ва саҳроӣ инчунин вожаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ба ҷой ва ё макони

хоби онҳо мансубият доранд: подахона, подаҷой, подахобкунак ва амсоли инҳо. Бо вуҷуди он ки ***подахона*** ва ***подаҷой*** калимаҳои мураккабанд, вале берун аз доираи таҳқиқи диссертатсияи мо мебошанд. Аз ин ҷиҳат, танҳо вожаи ***подахобкунак,*** ки аз се ҷузъи мустақилмаъно ва пасванди ***-ак*** сохта шудааст, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Вожаи номбурда ба ҷойи хоби ҳайвонҳои аҳли хонагӣ, ҳамчун гову бузу гӯсфанд марбут буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд омадааст. Ин калима аз исмҳои “пода, хоб” асоси замони ҳозираи феъли «кун» (кардан) ва пасванди ***-ак*** корбаст гардида, дар чунин шакл дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудааст. Вожаи мавриди назар дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ дар ду шакл ***подаховрав*** ва ***подаховга***ҳ ба маънои “подаҷой” ҷойи дамгирии пода (дар саҳро, чарогоҳ) омадааст” [124, с. 486], ки ба мафҳуми ***подахобкунак*** мувофиқат мекунад ва метавонанд муродифи ҳам бошанд Гарчанде ин калимаҳои мураккаби сеҷузъа дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ сабт наёфта бошанд ҳам, чунонки аз мушоҳидаҳои шахсӣ ва “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” маълум мегардад, ин вожаҳо дар гуфтори мардум, махсусан мардуми кӯҳистон роиҷ будааст. Бинобар ин чунин навъи калимаҳо барои такмили фарҳангҳои минбаъда судманд хоҳанд буд.

Аз рӯйи баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ буда, ба суннати калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Ҷузъи аввал ***пода*** асосан маънои «галаи говон»-ро дорад, вале дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” [126, с. 73] ба маънои «галаи чорпоён, галаи хару буз ва ғ.» шарҳу эзоҳ дода шудааст, ки каме ноқис аст. Дар робита роҷеъ ба ҳамин масъала бояд гуфт, ки худи вожаи ***гала*** маънои мушаххас, яъне «галаи аспон»-ро ифода мекунад, вале ***пода*** бошад «тӯдаи говон»-ро мефаҳмонад. Ифодаи ҷамъи бузу гӯсфанд бо номи рама фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ дар шарҳу эзоҳ додани вожаҳо дақиқкор будан

лозим аст, то ин ки хонанда дар вақти мутолиа ба умқи мафҳуми калима сарфаҳм равад ва маънои дақиқи онро дарк кунад.

Ҷузъи дуюм вожаи ***хоб*** аст, ки маънои “ҳолати осоиш”-ро дошта, аз решаи он феъли “хобидан” ва феъли номии «хоб кардан» ба вуҷуд омадааст. Ҷузъи сеюм асоси замони ҳозираи феъли амали «кун» (кардан) мебошад ва ҷузъи чорум пасванди ***-ак***, ки асосан хурдиву навозиши чизеро ифода мекунад.

Вожаи ***подахобкунак*** аз чанд зинаи калимасозӣ гузашта, баъдан ба ин шакл даромадааст. Аз таҳлил ва пажуҳиши калимаҳои мураккаби сеҷузъа аён мегардад, ки бештари онҳо аз ибораҳои изофии гуногун таркиб ёфта, ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангии мардум алоқаманд шудаанд. Вале вожаи ***подахобкунак*** на аз ибора, балки аз ҷумлаи содаи дутаркиба: ***пода хоб кун*** (= подаро хоб кун) тавассути пасванди ***-ак*** ин ҷумла ба вожаи мураккаб табдил ёфтааст, ки ба қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Аз бештари чунин мисолҳо калимаҳои мураккаб, ки дар зинаи аввал дар шаклҳои ибора ва ё ҷумлаҳо корбаст шуда, дар зинаи баъдӣ ба вожаҳои мураккаб таркиббандӣ гардидаанд, нақши пасвандҳо, аз ҷумла пасванди ***-ак*** назаррас аст, ки ин нишонаи вижагии грамматикии он аст.

Ҳамин тавр, фарҳангнигорон бояд фарҳангҳоеро таҳия намуда, ба мардум пешниҳод кунанд, ки дар он тамоми сарвати забони миллӣ ва хираду фарҳанги халқ инъикос ёфта бошад. Бинобар ин моро (забоншиносону лаҳҷашиносон)-ро лозим ва зарур аст, ки санъати шевобаёнӣ ва калимасозии асилро, пеш аз ҳама, аз халқ биёмӯзем.

***Бордоркунӣ.*** Ин калима аз ҷузъҳои ***бор+дор+кун+ӣ*** таркиб ёфта, ҳар як ҷузъ дорои маънои луғавӣ ва грамматикӣ мебошад. Аз ҷумла, ***бор*** дар забони тоҷикӣ маъноҳои зиёдеро дорад, ки дар баъзе калимаҳо исм бошад, дар вожаи дигар феъл ва дар вожаҳои дигар вазифаи

пасвандро ба ҷо меоварад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки калимаи пурмаҳсули сервазифа буда, аз ин реша вожаҳои зиёде сохта шудааст.

Ҷузъи дуюм ***дор*** ҳам маъноҳои зиёд дошта метавонад: 1) асоси замони ҳозираи феъли ***доштан;*** 2) пасванди исмсоз буда, маънои соҳибиятро ифода мекунад ва ғайраҳо, ки дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ сабт шудаанд. Аз ду калимаи номбурда вожаи мураккаби ***бордор*** таркиб ёфтааст, ки ба маънои “мевадор” ва дар шакли маҷоз ба мафҳуми “ҳомила, ҳомиладор” ба кор меравад. Аз ин калима дар зинаи дигар аз асоси замони ҳозираи феъли ***кун*** “кардан” ва пасванди ***-ӣ*** вожаи ***бордоркунӣ*** ба вуҷуд омада, маънои “бордор кардан; гардолуд кардан, гардолудкунӣ”-ро дорад. Яъне ба таври сунъӣ бордор кардани ҳайвонҳои хонагӣ ва дарахтони мевадор, гулу гиёҳҳо мебошад, ки дар ҳамин қолаби калимасозӣ ***бордоршавӣ*** сохта шудааст.

Аз ҷиҳати баромад ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ: исму асоси замони ҳозираи феълҳои “доштан”, “кардан” ва пасванди -ӣ корбаст шудааст.

Дар бораи пайдоиши вожаи мураккаби бордоркунӣ метавон ду фарзияро пешниҳод кард:

1. Аз ибораи ***бордор кардан*** ба воситаи пайваст кардани суффикси ***-ӣ,*** ки аз феъли таркибии номӣ исми абстракт ба вуҷуд омадааст.

2.Аз ҷумлаи содаи дутаркибаи ***бордор кун*** тавассути пайваст шудани пасванди –ӣ.

Вожаҳои ***бордоркунӣ*** ва ***бордоршавӣ*** дар фарҳанги забони тоҷикии соли 1969 ба нашррасида ба қайд гирифта нашудааст. Аммо дар фарҳангҳои баъдии забони тоҷикӣ тафсириву дузабона сабт ёфтаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки чунин навъи калимасозӣ ва вожаҳо дар он давра вожаҳо маълум набуда, шоирон нависандагони он давру замон аз ин хели калимаҳо истифода накардаанд. Аз ин ҷиҳат, вожаҳои мавриди андешаро метавон ба давраи баъдии рушду инкишофи забони тоҷикӣ марбут донист.

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ ва давлатӣ дар натиҷаи тараққиёти илму фарҳанг ва техникаҳои нави замонавӣ имкониятҳои мусоидро барои ғановатманд сохтани захираи луғавии забон ба вуҷуд овард, аз ҳисоби ин миқдори калимаҳои нав, махсусан вожаҳои мураккаби сеҷузъа, сохти грамматикии забон низ такмил ёфт.

***7. Вожаҳои мураккаби сеҷузъа, ки мафҳуми вақтро ифода мекунанд***

Вожаву ибораҳое, ки марбут ба ченаки вақт мебошанд, як қисмати лексикаи муҳимми забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, омӯзиш ва пажуҳиши ифодаи ченаки вақт дар забоншиносии тоҷик то ҳол ба таври комил баррасӣ нашудааст, ба истиснои баъзе корҳои иҷмолӣ. Роҷеъ ба ин масъала ба ҷуз аз мақолаҳои М.Қосимова “Ифодаи ченаки вақт дар ашъори Абӯабдулло Рӯдакӣ” (2007) ва С.Матробиён “Таҳлили этнолингвистии як гоҳи шабонарӯзӣ дар забони вахонӣ” (2019) кори илмии дигаре ба анҷом нарасидааст. Муҳаққиқи тоҷик С.Матробиён дар мақолаи худ вожаҳои ифодакунандаи яке аз вақтҳои шабонарӯзӣ, ки аз нурпошии офтоб (фурӯғи офтоб) то нисфирӯзро дар бар мегирад, дар доираи яке аз забонҳои шарқии эронӣ-забони вахонӣ дар муқоиса бо бархе аз забонҳои дигари эронӣ,  аз ҷумла авесто, порсии қадим мавриди таҳлил ва пажуҳиш қарор додааст. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва муайян намудани мавқеи истеъмоли вожаву таркибҳои ба ченаки вақт марбут буда аз аҳаммият холӣ нест, чунки ин навъи калимаҳо дар забони тоҷикӣ барои ифодаи маъноҳои гуногун ва тобишҳои мухталифи он дорои воситаҳои зиёду имкониятҳои фарох мебошад.

Дар ҳар забон, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ низ, калимаҳои зиёде мавҷуд аст, ки ба вақт ва ё замони муайян алоқаманд мебошанд. Дар бахши ин хели истилоҳот ба ҷуз аз калимаҳои сода ва сохта вожаҳои мураккаби сеҷузъа ҳам мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки дар ин масъала кам таваҷҷуҳ шуда ва ба қадри бояду шояд таҳқиқ нашудааст.

Ба сифати вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ калимаҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки аз шумора, зарфи замон ва исм таркиб ёфта, мафҳуми вақтро ифода мекунанд. Ин навъи вожаҳо чанд роҳи калимасозиро аз сар гузаронида, ба истилоҳҳои мукаммал табдил гардидаанд. Дар сохтани чунин навъи калимаҳо шумораҳои миқдории ***як, ду, се, чор*** ва ***панҷ*** фаъол буда, ба онҳо вожаи ***шанбе*** пайваст гардидааст, ки маънои рӯзҳои ҳафтаро ифода мекунанд. Дар зинаи дигар ба ин вожаи мураккаби дуҷузъа ҷузъи сеюм илова гардида ба он маънои нав додааст. Яъне ба ин калимаҳо исми бозор ҳамроҳ карда шудааст, ки дар кадом рӯз баргузор гардидани бозорро нишон медиҳад. Масалан, ***чоршанбебозор, панҷшанбебозор*** (паншанбебозор), ***душанбебозор, якшанбебозор*** ва монанди инҳо, ки дар ҳар куҷо номи чунин бозорҳо маъмуланд. Яке аз чунин бозорҳои маъруф ва таърихи куҳандошта дар маркази вилояти Суғд, –шаҳри Хуҷанд бо номи “Панҷшанбебозор” мавҷуд аст, ки байни мардум хеле маъруфият дорад. Дар қолаби чунин калимасозии суннатӣ дар ҳар як гӯшаву канори шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон бозорҳое ба назар мерасанд, ки дар ҳамон рӯзҳои муқарраршуда бозорҳо (хариду фурӯши чорво, маҳсулоти чизҳои гуногун ё куҳнафурӯшӣ) баргузор мегардад. Масалан, дар ҷамоати деҳоти Сомониёни ноҳияи Деваштич “Чоршанбебозор”, дар ноҳияи Рӯдакӣ “Якшанбебозор”, дар маҳаллаи “Гипрозем”-и шаҳри Душанбе ва ғайра вуҷуд доранд.

Ин навъи вожаҳои мураккаби сеҷузъаро метавон дар нақша чунин тасвир кард:



Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин калимаҳо ҷой ва дар кадом рӯз ташкил шудани бозорҳоро нишон медиҳанд.

Вожаҳои мавриди назар аз ҷиҳати баромад, манзур ҳамаи ҷузъҳо бунёди тоҷикӣ доранд ва калимаҳое ба ҳисоб мераванд, ки марбут ба вақт ё замонанд. Ин вожаҳо гарчанде бунёди асили тоҷикӣ дошта дар гуфтори мардум маъмул бошанд ҳам, вале дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба қайд гирифта нашудаанд. Бинобар ҳамин метавон аз ҳисоби вожаҳои мавриди назар фарҳангҳои минбаъдаи забони тоҷикиро такмил дод.

**8.Таҳлили вожаҳои мураккаби соҳаҳои гуногун**

Маълум аст, ки забони мо ҳамчун забони миллӣ ва расмӣ дар натиҷаи рушду густариши ҳаёти ҷамъиятӣ, бавижа илму фарҳанг, техникаву технология, иқтисод имкониятҳои мусоид пайдо кард. Бинобар ин, таркиби луғавии он аз ҳисоби вожаҳои нав ва иқтибосӣ ғановатманд гардида, сохти грамматикии он низ ташаккул ёфта истодааст.

Калимасозӣ, ки як воситаи бисёр муҳим ва асосии пурғановат гардидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад, аз ин ҷиҳат таркиби луғавии он бо вожаҳои наву тоза пурра мешавад. Вожаҳои нав тавассути дигаргуниҳои иқтисодӣ, сиёсат, иҷтимоиёт, илму фарҳанг ба вуҷуд меояд. Давраи нави таърихӣ низ ба забони тоҷикӣ бетаъсир намонд ва калимаҳои мураккаби сеҷузъаи зиёде дар ин давра рӯйи кор омадаанд, ки ба қонуну қоидаҳои дохилии забон мувофиқат мекунанд. Дар ин банди диссертатсия вожаҳои ***тоҷиктрансгаз, тоҷикдипсервис, дастрӯймол, самарқанднигоҳ*** ва ғайраҳо таҳлил ва таҳқиқ мешаванд.

***Дастрӯймол.*** Ин вожа аз се ҷузъ иборат буда, аз ҷиҳати баромад ҳар се ҷузъ вожаҳои тоҷикӣ мебошанд, ки аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъли ***молидан*** таркиб ёфтааст. Вожаи ***даст*** ҷузъи аввал буда, ба яке аз узвҳои бадан алоқаманд аст ва бо пайваст шудани вожаи

дуюм, яъне ***рӯй,*** ки ин ҳам яке аз узвҳои бадан мебошад, бо илова гардидани ҷузъи сеюм, яъне феъли ***мол*** ба шаклу маънои калима тағйирот ворид сохта, аз ду узви бадан ***даст*** ва ***рӯй*** номи матоеро ба вуҷуд овардааст, ки аз ҷиҳати ҳаҷм хурд буда, шакли чоркунҷа дорад.

***Даст рӯймол*** (лаҳҷавиаш дасрумол) матои махсусест, ки барои пок кардани дасту рӯй истифода мешавад ва барои ҳамаи тоҷикон новобаста ба шеваву лаҳҷаҳо хусусияти умумитоҷикӣ дорад. Ҳатто дар забони яғнобӣ, ки яке аз забонҳои шарқии эронист, ин калима дар ҳамин шакл ва танҳо бо бархе аз тафовутҳои фонетикӣ ба сурати ***dastnumolak*** ё ***dasnumolak*** ба кор меравад, ки ин калима айнан дар лаҳҷаи деҳаи Каҷровути н.Деваштич низ ба гунаи дар шакли яғнобидошта, яъне ***dastnumolak*** роиҷ аст. Дар ин ҷо ҳамсадои “р” ва “н” бадал шуда, пасванди ***-ак*** илова гардидааст, ки хурдии ин навъи матоъро ба таври мушаххас нишон медиҳад. Чунонки аз сохти вожаи ***dasnumolak*** бармеояд, дар забони яғнобӣ баъзе овозҳо ихтисор шуда талаффуз намешудаанд. Масалан, ба ҷойи ***даст das, рӯй*** ба гунаи ***nu,*** яъне аз ҷузъи аввал ҳамсадои ***“т”,*** аз ҷузъи дуюм ётбарсари “й”: ***даст рӯймол (даст+рӯй+мол)*** “***dasnumol***” ***(das+nu+mol+ak).*** Дар баъзе ҳолатҳо дар забони яғнобӣ вожаи номбурда бе пасванди ***-ак*** низ ба кор меравад (Мирзоев, 2008).

**Тоҷиктрансгаз.** Ин вожа ҳам истилоҳи тозабунёди давраи истиқлол буда, дар натиҷаи ба вуҷуд омадани корхонаву ташкилотҳои хусусияти миллидошта рӯйи кор омадааст. Газ ва тавлиди он яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ мебошад, аз ин рӯ роҷеъ ба ин соҳа низ вожаву истилоҳоти гуногуне ба захираи луғавии забон ворид гардида истодааст, ки аз калимаҳои сода, сохта, таркибӣ ва мураккаб иборатанд.

Чун мо ба баррасии вожаҳои мураккаби сеҷузъаи забони тоҷикӣ сари кор дорем, бинобар ин танҳо чунин навъи истилоҳот мавриди пажӯҳиш қарор мегирад. Дар маводи ихтиёрдошта оид ба ин қисмати

масъала як вожа ба мушоҳида расид, ки аз рӯйи имкон таҳлил ва таҳқиқ мешавад.

***Тоҷиктрансгаз*** яке аз чунин истилоҳҳо буда, аз се ҷузъи мустақилмаъно ба вуҷуд омадааст, ки аз ҷиҳати баромад ба забонҳои гуногун марбутанд. Қисми аввали калима ***"тоҷик"*** мебошад, ки он дар бахшҳои қаблии диссертатсия ба таври муфассал таҳлил гардидааст ва ҳоҷат ба такрори он нест. Вале ҷузъҳои дуюм ва сеюм гарчанде одӣ ва фаҳмо ба назар расанд ҳам, шояд аксарияти хонандагону муҳаққиқон аз баромаду сайри таърихии ин вожаҳо огоҳӣ надошта ва ё огоҳии камтар дошта бошанд. Аз ин рӯ мо то қадри имкон барои хонанда дар бораи ҷузъҳои дуюму сеюм ҳаддалимкон равшанӣ меандозем, то онҳо низ огоҳӣ пайдо кунанд, ки чӣ гуна ин калимаҳо ба забони мо ворид шудаанд. Албатта, таҳлил ва таҳқиқи чунин навъи истилоҳот кофтукову заҳматҳои махсусро талаб мекунад ва бояд луғатҳои гуногунро мутолиа кард, ки каме заҳматталаб, вале хеле муфид ва кори судманд мебошад.

Ба ҳамин минвол, ба истилоҳи ***тоҷик*** вожаи ғайритоҷикии ***транс*** ҳамроҳ шудааст, ки ин калима дар забони тоҷикӣ дар шакли алоҳида ба кор намеравад. Вожаи ***транс*** аз ҷиҳати баромад ба забони лотинӣ тааллуқ дорад. Ин калима дар лотинӣ шакли ***trans***-ро дошта, шояд аввал ба забонҳои аврупоӣ дохил шуда, баъдан, тавассути кадоме аз забонҳои аврупоӣ ба забони русӣ ва аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ҳам роҳ ёфтааст.

Ҳамин тавр, вожаи ***trans*** асосан лотинӣ буда, маънои аз байни чизе ҳаракат карданро ифода мекунад. ***Trans (транс)*** ҷузъи аввали таркиби вожаҳои мураккабе мебошад, ки мафҳумҳои зеринро мефаҳмонад: 1) аз байни ягон фазо ҳаракат кардан, бурида гузаштани он: трансмиссия; 2) берун аз чизе, дар тарафи дигари чезе будан мебошад, ки ин калима дар фарҳанги Л.П.Крысин чунин тавзеҳ ёфтааст. "транс...[<лат. Trāns сквозь, через; за]. Приставка,

образующая слова со значениями: 1) проходящий через большое пространство, указание на которое содержится в корневой части слова, напр.: транссибирский, трансконтинентальный; 2) распологающийся за чем-н., по ту сторону того, что обозначено корневой частью слова, напр.: ***трансураны,*** трансальпийский» [115, с.716]. Барои гирифтани маълумоти бештаре метавон ба “Луғати тафсирии калимаҳои руссӣ-интернационналӣ” (1984), “Большой словарь иноязычных словарь” (2004) муроҷиат шавад. Вожаи ***транс*** дар танҳоӣ маънои “интиқол”-ро дорад, яъне аз ҷое ба ҷое бурдан ва ё интиқол додан аст. Ин ҷузъи калимасози аврупоӣ дар истилоҳоти забоншиносӣ ҳам ба гунаҳои транскрипсия (овонавишт) ва транслитератсия (ҳарфнавишт) истифода мешаванд.

Ҷузъи сеюми вожаи мавриди назар ***газ*** мебошад, ки барои мардуми мо маъмул ва маъруф аст, чунки онро дар хона барои пухтани ғизоҳои гуногун истифода мекунанд. Инчунин баъзе мошинҳо низ ба воситаи газ кор карда, ҳаракат мекунанд. Бо вуҷуди маъмул будани номаш, ба гумони мо, аз баромаду сайри таърихӣ ва таърихи пайдоишу муаллифи он иттилоъ надоранд.

Вожаи ***газ*** юнонӣ буда, дар забони юнонӣ ба сурати ***chaos*** (хаос) маъруфият доштааст. Баъдан аз юнонӣ ба забони франсавӣ ба гунаи ***gaz*** (газ) шомил гардидааст. Дар асри XVII донишманди голландӣ Я.Б. Гелмонт вожаи номбурдаро ба сифати истилоҳ ба соҳаи илм дохил кардааст, ки то имрӯз дар забонҳои дунё дар ҳамон шакл ва ё бо баъзе тафовутҳои овозӣ ба кор меравад. Ҳатто дар забони арабӣ, ки дар алифбои онҳо овози ***“г”*** мавҷуд нест, бо вуҷуди ин дар баъзе ҳолатҳо онҳо низ ин калимаро дар шакли “”гоз” ё “газ” талаффуз мекунанд.

Вожаи ***gaz*** (газ) дар “Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернационалӣ” ба таври зайл шарҳу эзоҳ ёфтааст, ки фаҳмидани маънои он барои хонанда аз манфиат холӣ набуда ва хеле судманду

муфид арзёбӣ хоҳад шуд: “... ҳолати агрегатии модда, ки дар он энергияи кинетикии ҳаракати ҳароратии зарраҳои он (молекулаҳо, атомҳо, ионҳо)” аз энергияи таъсири байниҳамдигарии онҳо хеле зиёд аст ва аз ҳамин сабаб зарраҳо озодона ҳаракат мекунанд, дар тамоми ҳаҷми дастраси худашон паҳн шуда метавонанд; дар шароити муқаррарӣ гидроген, оксиген, азот, газ ҳисоб меёбад...” [123, с. 72].

Ё ин ки ***газ*** вожаи франсавӣ буда, аз калимаи ***chaos*** (хаос)-и юнонӣ гирифта шудааст ва маънои “бетартибӣ, хараҷумараҷ”-ро дорад (ҳамон ҷо).

Вожаи ***газ*** дар ин маъно дар ФЗТ-и соли 1969 банашррасида ба мушоҳида намерасад, аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ин калима ба забони тоҷикӣ дар замони Шуравӣ тавассути забони русӣ бетағйирот, яъне ба сурати ***“газ”*** ворид гардида, маъруфият пайдо кардааст. Ин калима дар ФТЗТ ки соли 2008 ба нашр расидааст, ба маъноҳои гуногун ва омонимшуда ба қайд гирифта шудааст, ки яке аз маъноҳояш ба вожаи мавриди пажуҳиш марбут аст ва чунин тавзеҳ ёфтааст: газ хим.1. ҳолати ҳавомонанди модда, ки ҳаҷм ва шакли муайяне надорад ва дар фазо мисли бухор паҳн мешавад [128, с. 293].

Ҳамин тавр, ба вожаи ***тоҷиктранс*** калимаи ***газ*** васл шуда, истилоҳи ***тоҷиктрансгаз*** ба вуҷуд омадааст, ки номи яке аз ташкилот ё муассисаҳои давлатии Тоҷикистон мебошад. Ин истилоҳ низ маҳсули давраи истиқлол буда, аз вожаҳои баромади тоҷикӣ, лотинӣ ва юнонӣ дошта сарчашма гирифта, ба сурати истилоҳи мураккаби суҷузъа даромадааст, ки онро метавон ба фарҳангҳои минбаъда таҳия мешуда ворид сохт. Яъне чунин навъи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа барои такмили фарҳангҳои тафсирӣ, соҳавӣ муфиду судманд арзёбӣ мешавад. Чунки аксарияти калимаҳои мураккаби сеҷузъа дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ сабт нагардидаанд. Инчунин ин навъи истилоҳот бори нахуст аз ҷониби нигорандаи ин сатрҳо мавриди таҳлил ва пажуҳиш қарор мегиранд.

**Тоҷикдипсервис.** Ин вожа аз ҷиҳати сохт мураккаби сеҷузъа буда, ҷузъҳои он ба забонҳои гуногун алоқаманданд. Чунончи, **тоҷик** ба забони тоҷикӣ, **дип** калимаи ихтисоршудаи **дипломат** мебошад ва он аз франсузии **diplomate** < юн. **diploma** ва **сервис** аз забони англисии **service** < лот. **servire** тааллуқ доранд.

Ҳамин тавр, вожаи **дипломат**, ки дар мавриди пажуҳиш дар шакли кӯтоҳшудаи **дип** омадааст, маълум мешавад, ки он бунёди юнонӣ дошта, аз юнонӣ аввал ба забони франсузӣ дохил гардидааст. Дар юнонӣ шакли **diploma**-ро дошта, ба маънои "Сложное вдвое письмо, документ" ба кор мерафтааст. Пас вожаи юнонии ***diploma*** ба гунаи ***diplomate*** ба забони франсузӣ ворид гардида, ба маъноҳои зайл маъмул гаштааст: 1. ***одуш.*** должностное лицо ведомства иностранных дел, уполномоченное осуществлять официальные сношения с иностранными государствами. 2. ***одуш. перен.*** человек, добивающийся своих целей тонким и умелым обращением с людьми [115, с. 245].

Аз ин ҷо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, вожаи **дипломат**, ки боз чандин шаклҳои дигар дорад, асосан, юнонӣ буда, аз юнонӣ аввал ба франсузӣ гузаштааст. Пас аз забони франсузӣ ба забонҳои дигари аврупоӣ ворид шуда, тавассути кадоме аз забонҳои аврупоӣ ба забони русӣ низ ба сурати **дипломат** роҳ ёфтааст. Баъдан ин истилоҳ дар ҳамин шакл аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудааст.

Ҷузъи сеюм ин вожаи **сервис** мебошад ва ин калима ҳам аз ҷиҳати баромад ба забонҳои аврупоӣ мутааллиқ аст. Вожаи мавриди андеша бунёди лотинӣ дошта, аз ин забон аз сурати ***servire*** ба гунаи ***service*** ба забони англисӣ гузаштааст, ки ба маънои «служить» (хизмат кардан, хизматрасонӣ) истифода мешудааст ва имрӯз ҳам ба ҳамин маънӣ ба кор меравад. Ин калимаро Л.П. Крысин дар фарҳанги худ чунин шарҳ додааст: **сервис** [**англ. service**< лат. **servire** служить]. Бытовое обслуживание населения [115, с. 643].

Ин калима ҳам аз забони лотинӣ аввал ба забони англисӣ ва баъдан ба забонҳои дигари хеш (аврупоӣ) гузаштааст. Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки як бахши истилоҳоти хориҷӣ дар асрҳои XVII-XX ва аввали садаи XXI ба забони русӣ дохил шудаанд ва тавассути забони русӣ бештари онҳо дар ҳамон шаклу маъно аз охири қарни XIX то ба ҳол ба забони тоҷикӣ ҳам иқтибос шуда, захираи луғавии моро ғановатманд сохтаанд. Имрӯз истилоҳи мавриди андеша ба гунаи ***тоҷикдипсервис*** дар забони тоҷикӣ, махсусан дар соҳаи дипломатия, мавқеи худро пайдо кардааст.

***Гастроэнтерология*** истилоҳи соҳаи пизишкӣ буда, аз се ҷузъ таркиб ёфтааст. Вожаҳои дохили ин истилоҳ ҳама ғайритоҷикӣ мебошанд, бо вуҷуди ин ба забони тоҷикӣ ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар солҳои 60-уми асри XX ба воситаи забони русӣ дохил гардида, мавқеи худро аз даст надодааст.

Соли 1965 дар шаҳри Душанбе Институти гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки аввалин пажуҳишгоҳ дар Иттиҳоди Шуравӣ буд. Асосгузори ин институт донишманди шинохтаи соҳаи номбурда Ҳомид Ҳусейнович Мансуров мебошад ва ҳоло ин пажуҳишгоҳ ба номи он кас гузошта шудааст.

Ҷузъи аввал ***гастро,*** ки маънои “меъда”-ро дорад, аз ҷиҳати баромад ба забони юнонӣ робита дошта, дар фарҳангҳо чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: ***гастро*** [<греч. gaster (gastros) желудок]. мед. первая составная часть сложных слов, обозначающая: относящийся к желудку, к пищеварению, напр. гастроэнтерит [115, с. 171]; ***гастро***— (gaster, -tros= желудок)-первая составная часть сложных слов, указывающая на отношение к желудку или брюшной части тела [111, с. 134].

Ҷузъи дуюми ин истилоҳ ***энтеро*** низ баромади юнонӣ дошта, ҳамроҳ бо калимаҳои мураккаб меояд ва маънои “рӯда”-ро дорад. Ин ҷузъи истилоҳи мавриди назар низ дар фарҳангҳои гуногун ба қайд

гирифта шуда, чунин тавзеҳ ёфтааст: ***энтеро…*** [<греч. enter on кишки]. мед. Первая составная часть сложных терминов, обозначающих функции и заболевания кишечника, напр. энтеробиоз, энтероколит [115, с. 845; 111, с. 689].

Ҷузъи сеюм ***логия*** маънои илмро дошта, дар охири калимаҳои мураккаб меояд, ки ин вожа ҳам аз ҷиҳати баромад ба забони юнонӣ марбут аст ва дар фарҳангҳо чунин шарҳ ёфтааст: ***логия*** (гр. logos=слово, понятие; учение, мысль) – вторая составная часть сложных слов, соответствующая понятиям “наука”, “учение”, “знание” [111, с. 326]; … ***логия*** [<греч. logos наука, учение]. Конечная составная часть сложных слов, обозначающих отрасли науки, знания, напр.: биология, филология [115, с. 407].

Ҷузъҳои номбурда дар забони тоҷикӣ дар шаклҳои алоҳида истифода намешаванд ва танҳо дар вожаҳои иқтибосӣ бо ҳам омада, як мафҳуми томро ифода мекунанд, ки истилоҳи пизишкии ***гастроэнтерология*** ҳам яке аз онҳост. Ба андешаи мо, ин истилоҳ аз забонҳои аврупоӣ аввал ба забони русӣ ворид гардида, баъдан ба забони тоҷикӣ тавассути забони русӣ роҳ ёфта, дар илми тибби тоҷик низ маъруфият пайдо кардааст.

Таҳлили решашиносӣ на танҳо барои муайян кардани баромади таърихии вожаҳо мусоидат мекунад, балки метавонад, барои таъин намудани мафҳуми ҷузъҳои калимаҳо низ ёрӣ расонанд. Мусаллам аст, ки ҳар як вожа метавонад, маъноҳои зиёде дошта бошад. Бинобар ин, муайян кардани маънои ҳар як ҷузъи калима, бавижа вожаҳои мураккаби сеҷузъа яке аз шартҳои муҳим дақиқ намудани сохти он ба ҳисоб меравад.

Чун яке аз роҳҳои пурғановат гардидани захираи луғавии забон аз забонҳои дигар иқтибос шудани вожаҳо мебошад, ки ин ҳодиса дар забони тоҷикӣ ҳам истисно нест. Вожаву истилоҳоти зиёде аз забонҳои дигар бо роҳу воситаҳои гуногун ворид гардидаанд ва ин раванд то

ҳол идома дорад, ки як қисми онҳо аз арабӣ, қисми дигарро русиву туркӣ ва забонҳои аврупоӣ ташкил медиҳанд. Аз таҳлили номи бонкҳо ва дигар вожаҳои мураккаби сеҷузъа маълум шуд, ки дар таркиби бештари онҳо як ё ду ҷузъашон иқтибосӣ мебошанд: ***гастроэнтерология*** (***гастро*** «меъда» юнонӣ; ***энтеро*** “рӯда” юнонӣ; ***логия*** “илм” юнонӣ); ***тоҷикдипсервис*** (***дип*** вожаи ихтисоршуда аз ***дипломат*** франсузӣ; ***сервис*** англисӣ); ***тоҷиктрансгаз*** (***транс*** лотинӣ; ***газ*** юнонӣ) ва ғайра.

Истилоҳоти соҳаи иқтисод яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи ҷомеа буда, дар рушду густариши ҳар як забон нақши асосиву махсусро ба ҷо меоранд. Чунонки аз даврахои гуногуни таърихӣ маълум аст, ҳар вожаву истилоҳ муддати дуру дароз боқӣ намемонад. Ҳар падидаи нави моддӣ ва андешаи тозаи маънавӣ, ки дар ҳар даврае дар ҷомеаи башарӣ ба вуҷуд меояд, боиси тағйироту дигаргуние дар низоми таркиби луғавии забон мешавад, аз ин рӯ забони тоҷикӣ низ аз чунин тағйироту дигаргуниҳои ҷомеаи муосир бебаҳра ва дар канор нахоҳад буд. Ба забони тоҷикӣ истилоҳоте рӯйи кор омадаанд, ки вожаҳои мураккаби сеҷузъа мебошанд ва ҳар як ҷузъ аз ҷиҳати баромад ба забонҳои гуногун мутааллиқанд. Чунончи, дар давраи Истиқлол истилоҳоти зиёде ба миён омад, ки яке аз онҳо ***Тоҷикагролизинг*** аст. Бо ин ном корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” ҳамчун Маркази хизматрасонии техникаи кишоварзӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ кору фаъолият мекунад.

Дар бораи ҷузъҳои аввал ва дуюм маълумот ироа гардидааст, вале ҷузъи сеюм, ки вожаи нав ва ғайритоҷикист, шарҳу эзоҳталаб мебошад. Вожаи ***лизинг*** англисӣ буда, ба таври зайл шарҳ ёфтааст: ***Лизинг*** [англ. leasing < to lease арендовать, сдавать в наем]. Ком. Сдача в долгосрочную аренду машин, оборудования, средств транспорта, помещений и т.п. [115, с. 435]. Яъне аз ин ҷо маълум мешавад, ки

маънои вожаи ***лизинг*** “ба иҷора гирифтан ва ё супоридан ба муҳлати тӯлонии мошинҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, навъҳои нақлиёт, биноҳо ва амсоли инҳо будааст”.

Ҳамин тавр, тавассути забони русӣ ва ё бевосита аз забони англисӣ ин калима ба забони тоҷикӣ ворид гардида, истилоҳи ***тоҷикагролизинг*** сохта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат хазинаи маънавӣ ва моддии миллати тоҷик иқтибоси вожаву истилоҳоти дархӯри замон ба шумор рафта, аз ҳисоби онҳо захираи луғавии забони адабӣ такмил ва пурғановат мегардад.

***Самарқанднигоҳ.*** Ин калима аз се ҷузъ: ***самар+қанд+нигоҳ*** таркиб ёфта, ҳамаи қисмҳо исм мебошанд.

Ба андешаи мо, баромади (этимологияи) вожаи ***самар,*** ки дар бархе аз фарҳангҳо аз арабӣ дониста шудааст, саҳеҳ нест, чунки ин вожа пеш аз омадани арабҳо мавҷуд дошт ва ҷузъи аввали номвожаи ҷуғрофии Самарқанд буд. Ин калима аз вожаи суғдии ***smar,*** ки ҷузъи аввали ***smarkanѳ*** мебошад, ба забони арабӣ иқтибос шудааст, на аз арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ. Арабҳо ин вожаро гирифта дар шакли ***samar*** ба забони форсӣ–тоҷикӣ ҳамчун калимаи иқтибосӣ ба мо баргардонданд ва ё мо онро дар ҳамин қолаб қабул кардем. Бинобар ин, метавон гуфт, ки вожаи ***samar*** ҳамон ***smar*** -и забони суғдӣ мебошад. Арабҳо дар вақти ишғоли сарзамини Суғд ин калимаро низ ба талаффузи забони худ мувофиқ кунониданд ва мо онро мисли бисёре аз калимаҳои дигар ҳамчун вожаи иқтибосии арабӣ қабул кардем, ки ин аз ҳисоби надонистани решаи калима, яъне надонистани таърихи забон ва хусусиятҳои фонетикиву маъноӣ ва грамматикии он мебошад.

Чунончи, дар забони паҳлавӣ низ номи ин шаҳр ба гунаи ***samarkan*** аст. Дар фарҳанги “Бурҳони қонеъ” номи Самарқанд сабт гардида, чунин шарҳ ёфтааст, ки мувофиқи матлаб мебошад: “Самарканд бар вазн ва маънии Самарқанд аст ва он шаҳре мебошад

дар Мовароуннаҳр, ки коғази хуб аз он ҷо оварданд ва Самарқанд муарраби он аст... ” [135, с. 403].

Вожаи ***самар*** дар осори шоирони адабиёти классикӣ ва давраи нав ба маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ ба таври фаровон ба кор рафтааст. Маънои аслии ин вожа “мева, бор; ҳосил” буда, маънои маҷозиаш “натиҷа, таъсир” мебошад. Бо пайваст шудани калимаи ***қанд*** номвожаи ҷуғрофии Самарқанд, ки яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон ва дар замонҳое пойтахти Суғди бостон буд, ба вуҷуд омадааст. Дар забони суғдӣ номвожаи Самарқанд ба сурати smʾrknθh [smarkanθ] маъмул будааст. Ҷузъи дувуми калима knθ [kanθ/ʃ] буда, маънои “шаҳр”-ро дорад, ки дар суғдӣ дорои чунин шаклҳо будааст: qnt–knθ; qnθ–knʃ (h); qntʾ–zy–qnty; kntʾk– kntk [140, с. 4770, 4771, 4772, 4773, 4774]. Аз шаклҳои суғдии вожаи ***қанд*** маълум мешавад, ки дар давраи ташаккулёбии забони тоҷикӣ гунаҳои суғдӣ таҳаввул ёфта, ба сурати ***қанд*** даромадааст.

Дар ташаккул ва густариши марҳилаи аввали забони адабӣ дар давраи Сомониён шеваву гӯйишҳо, забонҳои маҳаллии манотиқи Мовароуннаҳру Хуросон, махсусан лаҳҷаҳои забонҳои портӣ ва суғдӣ нақши муҳимро ба ҷо овардаанд. Маҳз дар ҳамин давра вожаҳои фаровоне аз гӯйишҳои маҳаллӣ ва забонҳои суғдиву портӣ ва дигар забонҳои мавҷудаи он замон ба воситаи осори шоирони ин сарзамин ба забони адабии давр дохил гардидааст.

Пас ба номвожаи ҷуғрофии Самарқанд бархе аз шоирон калимаи ***нигоҳ*** -ро ҳамроҳ кардаанд, ки ба ин восита он ба худ маънои маҷозӣ гирифта, “ишора ба нигоҳи хубрӯёни самарқандӣ”-ро касб кардааст. Чунончи, шоири муосири Эрон Алиризои Қазва дар маҷмуаи ашъори ғазалиёташ, ки “Шаҳди ғазал” ном дорад, вожаи мураккаби сеҷузъаи мавриди назарро дар яке аз мисраъҳои шеъриаш ба чунин шакл корбаст намудааст ва он хеле зебову шинам ба қолаб даромада, ба қоидаҳои суннатии вожасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад:

Гиреҳе боз накард аз дили нишопуриам,
На ***самарқанднигоҳе,*** на хуҷандабрӯе.
[114, с. 396].

Вожаи ***самарқанднигоҳ*** дар фарҳангҳои мавҷудаи тафсири забони тоҷикӣ сабт нагардидааст. Бинобар ин, барои такмили фарҳангҳои оянда чунин навъи калимаҳоро метавон ворид кард, ки ин қолаби калимасозӣ барои боз ҳам ғановатманд гардидани захираи луғавии забон мусоидат мекунад.

Ин калимаро Доро Начот дар фарҳанги таҳиянамудаи худ ба қайд гирифта, ҳамчун шоҳид ду мисраъ шеъре аз осори А.Қазва овардааст, ки вожаи ***самарқанднигоҳ*** истифода шудааст (114, 396), вале аз мадди назари таҳиягарони "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" берун мондааст.

***Шабхобрав.*** Ин вожа аз исму исм ва асоси замони ҳозираи феъли "рафтан" таркиб ёфта, ҳамаи ҷузъҳо (шаб+хоб+рав) тоҷикӣ мебошанд, бинобар ҳамин эҳтиёҷ ба шарҳу эзоҳи иловагии онҳо нест. Вожаи ***шабхобрав*** бештар дар гуфтори мардум ба мушоҳида мерасад ва ин калима ҳам дар фарҳангҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ сабт нагардидааст. Калимаи ***шабхобрав*** дар натиҷаи ба худ як задаи мантиқӣ гирифтан, аз ҷумлаи "Шаб хоб рав", вожаи мураккаби сеҷузъа ба вуҷуд овардааст, ки зада дар ҳиҷои охир меафтад: Мо шабхобрав омадем.

Ҷузъи аввал ***шаб*** бунёди куҳан дошта, бо бархе аз фарқиятҳои фонетикӣ асолати худро то ҳол дар забони тоҷикӣ нигоҳ медорад. Аз ин рӯ муқоисаи ин калима бо забонҳои қадимаи эронӣ ва бархе аз забонҳои шарқии эронии нав аз манфиат холӣ нест. Масалан, ин калима дар забони авестоӣ дар шакли ***xšap***, дар форсии бостон ҳам айнан ба ҳамин шакл ***xšap,*** форсии миёна ***šab,*** форсии миёнаи турфонӣ

***šb*** [***šab***], портӣ ***šb*** [***šab***], суғдӣ ***xšp-, ʾxšp-, ʾʃšp*** ва дар яғнобӣ ***xšap–, xįšap,*** ба кор мерафта ва ба кор меравад [137, с. 63-64].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шакли қадимаи ин калима ***xšap***, ки дар забонҳои форсии бостон ва авестоӣ маълум будааст, дар забони яғнобӣ бидуни тағйирот ҳифз шудааст. Аммо дар забони тоҷикӣ ҳамсадои "***x***" ихтисор шуда, талаффуз намешавад, яъне шакли талаффузи забонҳои форсии миёна, форсии миёнаи турфонӣ, забони портӣ боқӣ мондааст.

Хулоса. Аз таҳлил ва баррасии бархе аз истилоҳоти мураккаби сеҷузъаи соҳаҳои гуногун метавон ба таври умум ба чунин натиҷа расид:

1.Таҳлил ва таҳқиқи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа яке аз масъалаҳои мубрами ҳар як забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ буда, бархе аз онҳо дар даҳсолаҳои охир ба забон ворид гардидаанд, ки пажуҳиши ин навъи истилоҳот аз аҳаммият холӣ нест.

2.Аз маводи мавриди пажуҳиш маълум мешавад, ки дар сохтани чунин навъи истилоҳот вожаҳои решаи юнонидошта, лотинидошта, франсузӣ, англисӣ нақши муҳим доштаанд.

3. Аз таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти мавриди таҳқиқ бармеояд, ки дар он воҳидҳои луғавии иқтибосии забонҳои аврупоӣ, махсусан франсузӣ ва англисӣ, ба сифати унсурҳои истилоҳсоз мавқеи вижа доранд. Чунин унсурҳои истилоҳсоз, аз як тараф, бо меъёрҳои грамматикии забони тоҷикӣ мутобиқ шуда бошанд, аз ҷониби дигар, онҳо дар ташаккулу таҳаввули истилоҳоти сохти мураккабдошта ба сифати унсурҳои алоҳида низ ширкат мекунанд. Бо вуҷуди он ки теъдоди онҳо дар доираи умумӣ чандон фаровон нест ва ҳудуди интишорашон ҳам нисбатан маҳдуд ба мушоҳида мерасад.

## НАТИҶАГИРИИ БОБИ II

Тафсилоти бахши вожаву истилоҳоти соҳавии забони тоҷикиро ба хулосаҳои зерин метавон ҷамъбаст кард:

1. Чи тавре аз маводи мавриди пажуҳиш бармеояд, забони тоҷикӣ аз калима ва истилоҳоти соҳавӣ ғановатманд буда, таҳқиқи онҳо бисёр муҳим аст. Пажуҳиш ва ҷамъбасти мукаммали захираи луғавӣ ва фарҳангҳои тафсириву соҳавӣ, балки барои омӯзиши таърихи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад.

2. Як қисми луғоти бахши мазкур ба соҳаи бонку бонкдории миллати тоҷик иртибот дошта, маҳсули давраи истиқлол мебошанд. Сохтори вожаву истилоҳоти ин соҳаро бештар калимаҳои бунёдии тоҷикӣ, арабӣ ва аврупоиву русӣ ташкил медиҳанд.

3. Дар таркиби бахше аз истилоҳоти вожаҳои мураккаб калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои арабӣ, русӣ, аврупоӣ ҷой гирифтаанд, бархе аз онҳо бевосита ва қисме аз онҳо тавассути забони русӣ ворид гардидаанд. Аз ин рӯ дар ифодаи маънои ин гурӯҳи луғот (манзур решаҳои истилоҳоти мураккаби сеҷузъа) миёни забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тафовути ҷиддие ба мушоҳида намерасад.

4. Забони арабӣ дар тайи қарнҳои гуногун ва баъдан аз асрҳои XIX ва XX аз забони русӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсир гузошта, ансори зиёдеро ба он ворид сохтаанд, ки баъдан дар сохтани истилоҳоти тоҷикӣ нақши муҳимро ба ҷо овардаанд.

5. Чунин навъи истилоҳот, асосан, аз ду зинаи вожасозӣ: аз ибораҳои изофӣ ва ё аз калимаҳои мураккаби дуҷузъа ба вуҷуд омадаанд: бонки содирот-содиротбонк-тоҷиксодиротбонк; бонки соҳибкор-соҳибкорбонк ва ғ.

6. Дар ин боби диссертатсия то андозае ҳар як решаи истилоҳоти мураккаби сеҷузъа аз ҷиҳати баромад, таърихи пайдоиш ва доираи густариши онҳо маълумоти муфассал ироа гардидааст.

7. Чунин навъи истилоҳот дар рушду густариши забони тоҷикӣ нақши муҳим дошта, барои такмили фарҳангҳои минбаъда мусоидат хоҳанд кард, чунки бештари онҳо дар фарҳангҳо сабт нашудаанд.

8. Аз баррасӣ ва таҳлили луғоти соҳавии бонку бонкдорӣ ва дигар соҳаҳо маълум мегардад, ки қисме аз ин навъҳои истилоҳот бо илова шудани вожаи ***тоҷик*** хусусияти миллӣ пайдо кардаанд: тоҷпромбонк, тоҷиксодиротбонк, тоҷиктрансгаз ва монанди онҳо.

9.Аз таснифоти сохторӣ ва маъноии номвожаҳои ҷуғрофии мураккаби сеҷузъа маълум мешавад, ки бештари топонимҳо дар асоси луғати апеллятивии забони тоҷикӣ (зоонимҳо, фитонимҳо, этнонимҳо ва амсоли инҳо) ба вуҷуд омадаанд.

10.Бештари номвожаҳои ҷуғрофии мавриди андеша дар заминаи унсурҳои хос тоҷикӣ ва ё топонимсози тоҷикӣ сохта шудаанд, ки ба ҳамин восита имконияти тафовут доштани топонимияи маҳаллии тоҷикнишинро аз номвожаҳои ҷуғрофии дигар кишварҳои ҳамсарҳади он таъмин намудааст ва ин номҳо дар шароити имрӯза дорои аҳаммияти махсус буда, хусусиятҳои миллии мардуми тоҷикро инъикос мекунанд.

11.Бо вожаҳои мураккаб, махсусан шуморе бо калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ номвожаҳои ҷуғрофӣ ба сифати ҷузъи якум, дуюм ё сеюм на ҳамаи ҳиссаҳои нутқ корбаст мешаванд. Дар сохтани ин навъи топонимҳо асосан ҳиссаҳои номии нутқ ва баъзе пасвандҳо, дар мисоли исм, шумора ва асоси замони ҳозираи феъл нақши муҳимро мебозанд: ***Чоргултеппа*** (шумора+исм+исм); ***Чоряккорон*** (шумора+шумора+феъл +пасванд); ***Чоршохатеппа*** (шумора+исм+ пасванд+исм) ва ғайра.

## Хулоса

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми забоншиносии тоҷик, ки аз солҳои 60-уми асри XX таваҷҷуҳи донишмандонро ба худ ҷалб намудааст, омӯзиши луғот (лексика) ва муайяну муқаррар кардани қонунҳои ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ мебошад.

Қонун ва меъёрҳои объективии ғанӣ гардидани захираи луғавии забонро ба таври мукаммал наомӯхта, роҷеъ ба вижагиҳои луғоти ин ва ё он забон сухан гуфтан ё мулоҳиза рондан душвор аст. Бинобар ин, таҳқиқи қоидаву қонунҳои ғанӣ гардидани лексикаи забони тоҷикӣ яке аз вазифаҳои мубрами имрӯза ба ҳисоб меравад, ки вожаву истилоҳоти мураккаби сеҷузъа низ аз доираи омӯзиши ин масъала истисно нест.

